Натиҷаи гузаронидани арзёбии раванди рушди иҷтимоӣ – иқтисодии вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он дар асоси маълумоти ҷамъбастӣ оид ба рушди иҷтимоию иқтисодии онҳо дар семоҳаи якуми соли 2019 бо истифодаи “Шакли намунавии пешниҳоди маълумот”

## 1. Санадҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Нишондоди иҷрои ваколати раиси вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он бо нишондиҳандаи рушди иҷтимоию иқтисодӣ 1.1. Таъмини расмиёти ҳуқуқии санадҳо арзёбӣ гардиданд.**

### 1.1. Таъмини расмиёти ҳуқуқии санадҳо

Дар семоҳаи якуми соли 2019 ба мақомоти иҷроияи давлатии вилояти Хатлон 5600 адад ҳуҷҷат ворид гардидааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 607 адад зиёд мебошад.

Аз ҷумла, аз Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 127 адад супоришҳо, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 36 адад, қарорҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 16 ададро ташкил медиҳад. Арзу, шикоят, дархостҳои шаҳрвандон тариқи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 385 ададро дарбар мегирад. Аз ҷониби Раиси вилоят дар давраи ҳисоботӣ дар заминаи Амру Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарорҳои дахлдор ба тавсиб расида, ҷиҳати корбарӣ ва иҷрои саривақтӣ ба воҳидҳои сохтории дахлдори вилоятӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои вилоят ирсол гардидааст.

Дар семоҳаи якуми соли 2019 аз дастгоҳи Раиси вилоят 23139 ҳуҷҷат ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вазорату идораҳои ҷумҳурӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо, ташкилоту муассисаҳои вилоятӣ, бахшу шуъба ва раёсатҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят фиристонида шуданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 3069 адад зиёд мебошад.

Ҷиҳати иҷрои Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.01.2019 с., №АП-1146 “Дар бораи Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои вазифаҳое, ки дар паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.12.2018 с., “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии ҷумҳурӣ” зикр гардидаанд қарори раиси вилояти Хатлон аз 17 январи соли 2019, №18 ба имзо расидааст. Инчунин қарорҳои раисони шаҳру ноҳияҳои вилоят бо нақша чорабиниҳо ба тавсиб расидааст, ки расмиёти ҳуқуқии иҷрои супоришҳои Нақша чорабинии Амр бо муайян намудани тадбирҳо ва вазифаҳои воҳидҳои сохторӣ, ташкилотҳо таъмин карда шудааст.

## 2. Маълумот оид ба чараёни ичрои тадбирҳои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти идоракунии маҳаллӣ бо роҳи таъмини волоияти қонун:

### 2.1. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ»:

#### 2.1.1. Раванди амалишавии Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон дар маълумоти пешниҳоднамудааш қайд менамояд, ки дар вилоят дар 24 шаҳру ноҳияҳо Барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ мавриди амал қарор дошта, ҳангоми таҳрезии онҳо ҳадаф, афзалиятҳо ва вазифаҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016 – 2020 инъикос ёфтааст. Ҳамзамон маълум гардид, ки мухлати татбиқи Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Ховалинг ба охир расида, айни замон аз ҷониби гурӯҳи корӣ лоиҳаи барномаи нави ноҳия таҳрезӣ шуда истодааст.

Аз шумораи умумии Барномаҳо, ки дар вилояти Хатлон амалӣ мегарданд, дар 19 шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон барномаҳо бо қарори маҷлиси вакилони халқ тасдиқ гардида, дар 5 шаҳру ноҳияи вилоят (шаҳрҳои Кӯлоб ва Норак, ноҳияҳои Абдураҳмони Ҷомӣ, Қубодиён, ва Хуросон) Барномаҳо бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст.

Барои ба роҳ мондани мониторинг ва арзёбии рафти татбиқи барномаҳо дар шуъба ва бахшҳои рушди иқтисод ва савдои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳо гурӯҳои мониторинги барномаҳо таъсис дода шудааст.

Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон барои солҳои 2016 – 2020 аз 279 лоиҳа иборат буда, арзиши умумии он 10950 млн. сомониро ташкил медиҳад. Айни замон, маблағгузорӣ дар солҳои 2016 – 2018, 9340 млн. сомонӣ ё 85,3 % ташкил додааст.

Дар таъмини самаранокии фаъолияти мақомоти идоракунии маҳаллӣ доир ба амалишавии барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он нишондиҳандаи баланд дар азхудкунии маблағҳои ба нақша гирифта шуда, шаҳри Бохтар (2016-2020) -460,5%, ноҳияи Ёвон (2016-2020) -337,4% дар ноҳияи Панҷ (2014-2018) -78,6 %, шаҳри Норак (2016-2020) -69,0 %, ноҳияи Ҷ.Балхӣ (2016-2020) - 60,6%, ноҳияи Хуросон (2016-2020) -56,6% шаҳри шаҳри Кӯлоб (2015-2019) - 55,0 %, ноҳияи Муминобод (2016-2020) -54,5 %, ба назар расида, дар сатҳи муайян барои пешрафти иқтисодӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ мусоидат намудааст.

Ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Фархор (2016-2020) 44,5%, Шамсиддин Шоҳин (2016-2020) -40,0%, Кушониён (2016-2020) -38,9%, Дусти (2016-2020) -39,2%, Ҳамадонӣ (2016-2020) -38,7%, Вахш (2016-2020) 24,3%, Мир Саид Алии А.Ҷомӣ (2016-2020) 24,3 %, Вахш (2016-2020) -24,3 %, Ҷайҳун (2016-2020) -15,3%, Балҷувон (2017-2020) -4,9 %, буда, барои истифодаи захираҳои табиӣ, моддӣ ва молиявии ин шаҳру ноҳияҳо тақвият додани фаъолиятро дар самти азхудкунии маблағҳо тақозо менамояд.

Пешниҳод: Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он, барои баланд бардоштани дараҷаи амалигардонии лоиҳаҳо, аз ҷумла лоиҳаҳои иҷроишашон аз ҷониби мақомотҳои марказии дар Барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ пешбинӣ гардида, ба роҳ мондани фаъолияти гурӯҳи корӣ оид ба мониторинг ва арзёбии барномаҳо, барои истифодаи натиҷаи фаъолияти онҳо дар татбиқи сиёсати соҳавии мақомотҳои иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ мусоидат намоянд.

**2.1.2. Ҳолати ҳамкорӣ ва дастгирии мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, инчунин ҳаҷми кӯмак молиявӣ ва иқтисодӣ аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ ба мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот барои амалӣ намудани вазифаҳои онҳо бо дарҷи номгӯи вазифаҳои маблағгузоришаванда.**

Аз таҳлили маълумотҳо муайян карда шуд, ки дар самти ҳамкорӣ ва дастгирии мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, инчунин ҳаҷми кӯмаки молиявӣ ва иқтисодӣ аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ ба мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот барои амалӣ намудани вазифаҳои маблағгузоришуда аз тарафи мақомоти дахлдор дар семоҳаи якуми соли 2019 маблағгузорӣ нашудааст, ки риоя нагардидани талаботи моддаи 6 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ” ба назар расида, барои самаранокии фаъолияти ҷамоатҳои шаҳраку деҳот мусоидат карда нашудааст.

Ҳамзамон, аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳр ва ноҳияҳои вилоят вобаста ба масъалаи мазкур маълумот дар ҳисоботашон дарҷ нагардидааст.

Пешниҳод: Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳо дар ҳамкорӣ ва дастгирии мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, расонидани кумаки молиявӣ ва иқтисодӣ аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ беҳтар ба роҳ монда, ба самаранокии фаъолияти ҷамоатҳои шаҳраку деҳот мусоидат намуда, барои риояи талаботи моддаи 6 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ” чораҳои иловагӣ андешанд.

**2.1.3. Натиҷаи баррасӣ ва ҷараёни ҳалли муроҷиатҳои шаҳрвандон ба МИМҲД, инчунин аз ДИПҶТ ирсол гардида (банди 59 паём).**

**Риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ”**

Дар се моҳи соли 2019 шумораи умумии муроҷиатҳои шаҳрвандон дар вилоят 479 нафарро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 82 адад кам гардидааст.

Дар давраи ҳисоботи дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон муроҷиати умумии шаҳрвандон дар ноҳияи Ҷ. Балхӣ 777 нисбати ҳамин давраи соли гузашта (-65), адад кам буда, ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Ёвон +299 (999), Кулоб+212 (825), Леваканд +195 (195), Н. Хусрав +184 (493), Ҳамадонӣ + 182 (230), Вахш +161 (931 ), Данғара +151 (170), Темурмалик + 99 (255), Ҷомӣ +21 (1003), Балҷувон +11 (286 ) ва Восеъ+3 (797) ададро ташкил додааст, ки аз зиёд гардидани мушкилотҳои иҷтимоию иқтисодии аҳолии ин шаҳру ноҳияҳо иникос менамояд.

Шумораи мурочиати умумии шаҳрвандон дар шаҳру ноҳияҳои Панҷ -353 (1375), Кушониён - 191(1456), Ховалинг -188 (630), Норак -128 (401), Муминобод -112 (693), Бохтар -109 Қубодиён -96 (1834), Ш. Шоҳин -85 (229) Хуросон -69 (482), Шаҳритуз -66 (738) ва Ҷайҳун - 42 (611) адад нисбати соли гузашта кам гардида, аз сари вақт барраси намудани мурочиатҳо, ҳал намудани мушкилотҳо дар мақомоти иҷрояи мааллии ҳокимияти давлатии ин шаҳру ноҳияҳо ва дуруст ба роҳ мондани фаъолият дар ин самт шаҳодат медиҳад.

**Ҳолати воқеии таҳлили таркибии мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар шаҳру ноҳияҳо**

Таҳлил муайян намуд, ки аз шумораи умумии мурочиати шаҳрвандон дар шаҳри Бохтар 75 адад вобаста ба масъалаи замин ба қайд гирифта шуда, нисбати ҳамин давраи соли гузашта -15 адад кам гардида, дар шаҳр ва ноҳияҳои Қубодиён 401 (544), Восеъ 247 (402), Кушониён 243 (361), Муминобод 207 (278), Ховалинг 133 (231), Шаҳритус 123 (169), Хуросон 106 (145), Ш. Шоҳин 38 (69), Леваканд 16 (21), Норак 12 (120) ва ноҳияи Вахш 2 (7) ададро ташкил додааст, ки аз беҳтар гардидани таъминоти аҳолии ин шаҳру ноҳияҳо бо манзили зист шаҳодат медиҳанд.

Зиёдшавии шумораи мурочиати шаҳрвандон бо қитъаи замини наздиҳавлигӣ нисбати ҳамин давраи соли гузашта дар шаҳр ва ноҳияҳои Носири Хусрав 304 (190), Панҷ 248 (346), Кулоб 208 (173), Ҷомӣ 147 (87), Балҷувон 143 (137), Ҷайҳун 107 (72), Ҳамадонӣ 105 (57), Темурмалик 98 (78), Ёвон 95 (37) ва Данғара 15 (9) адад ба назар расида, барои беҳтар намудани таъминоти аҳолии ин шаҳру ноҳияҳо бо манзили зист, андешидани чораҳои иловагиро тақозо менамояд.

Дар се моҳи соли 2019 дар миқёси шаҳру ноҳияҳои вилоят шумораи мурочиати шаҳрвандон аз Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 317 ададро ташкил додааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2018, 114 адад кам гардидааст.

Шумораи мурочиатҳои аз Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшуда дар шаҳр ва ноҳияҳои Леваканд +7 (1), Кулоб +6 (39), Н. Хусрав +6 (2), Восеъ +3 (18), Кушониён +2 (51), нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта зиёд мебошад.

Ҳамзамон, дар шаҳр ва ноҳияҳои Бохтар - 17 (33), Вахш - 10 (22), Данғара -10 (23), Шоҳин -7 (10) Муминобод -6 (10), Ҷайҳун - 6 (710), Ёвон - 5 (26), Хуросон -5 (13), Ҷомӣ -3 (10), Қубодиён -3 (6), Шаҳритуз -2 (10) Ҳамадонӣ 0 (17), Панҷ 0 (5), Темурмалик 0 (4) шумораи мурочиатҳо аз Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта кам гардидааст, ки самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳр ва ноҳияҳо дар ҳалли саривақтии масъалаҳо дар сатҳи зарурӣ таъмин карда шудааст.

**2.2. (2.2.1) Риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон"**

Фаъолияти комиссияҳои татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" дар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳр ва ноҳияҳои вилоят тибқи тартиби муқарраргардида дар асоси Низомномаи он ба роҳ монда шудааст.

Тавре аз тҳлили маълумотҳо муайян гардид, ҳамаи чорабиниҳое, ки вобаста ба татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” дар шаҳру ноҳияҳои вилоят доир карда шудаанд, танҳо дар арафаи таҷлили “Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” баргузор гардида, дар моҳҳои дигари тақвимӣ дар ин самт чорабиниҳо ба нақша гирифта шудааст.

Дар ин раванд Низомномаи Комиссияи татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо тасдиқ шуда бошад ҳам, аммо дар сатҳи ҷамоатҳои шаҳраку деҳот низмономаи комиссия таҳия нашудааст, ки ин ба муайян намудани самти фаъолияти комиссияҳо таъсири манфӣ мерасонад.

Вобаста ба ин, тибқи нақшаи кории Комиссия фаъолияти кории Комиссияи татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» моҳи январи соли 2019 дар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Фархор ва Восеъ омузиш гузаронида шудааст ва оид ба ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта ёрии амалию методӣ расонида шудааст. Инчунин, дар моҳи феврал соатҳои омӯзишии имлои забони тоҷикӣ бо коргузорони ташкилоту муассисаҳои соҳаи кишоварзӣ, тандурустӣ, саноат, нақлиёт ва иқтисодии вилоят баргузор карда шудааст.

Пешниҳод**:** Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои вилоят ҷиҳати риояи талаботҳои муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро дар фаъолияти корӣ ба таври зарурӣ мавриди амал қарор дода, барои таҳияи низомномаи Комиссия дар сатҳи деҳот чораҳои иловагӣ андешида, омӯзиши қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии ба танзимдаровардаи соҳаро бо кормандони мақомот, мунтазам ба роҳ монанд.

## 2.3. (2.3.1) Риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд”

Дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ҷиҳати иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 феврали соли 2017, №835 «Дар бораи тадбирҳои иловагӣ оид ба иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ва таъсиси комиссияҳои ҷамъиятӣ оид ба амалигардонии Қонуни Чумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» қарори Раиси вилоят аз 28 феврали соли 2017, №54 ба тавсиб расида, дар асоси он дарҳудуди шаҳр ва ноҳияҳои вилоят 3293 адад комиссияҳои ҷамъиятӣ дар ҳамаи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ ва ташкилоту муассисаҳо таъсис дода шудааст.

Ҷиҳати татбиқи Қонуни мазкур давоми соли ҷорӣ аз ҷониби комиссияҳои ҷамъиятӣ ва мақомоти дахлдор оид ба таъмини ҳифзи ҳуқуқи кӯдак дар ҳудуди шаҳру ноҳияҳои вилоят зиёда 1158 сӯҳбату вохӯриҳо бо аҳли ҷамоатчӣ, ташкилоту корхонаҳо, муассисаҳои таълимӣ ва маҳалли зисти шаҳрвандон, инчунин 372 амалиёти муштараки мақсадноки

профилактикӣ дар кӯчаю бозорҳо, марказҳои бозиҳои компютерӣ, масҷидҳои ҷомеъ ва панҷвақтаи шаҳру ноҳияҳои вилоят гузаронида шудааст.

Дар ин давра тавассути амалиётҳои гузаронидашуда дар шаҳру ноҳияҳои вилоят 1105 нафар ноболиғон боздошт карда шудад ва нисбати 891 нафарашон варақаи назоратӣ тартиб дода шудааст.

Бояд қайд намуд, ки бинобар сабаби риоя накардани талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» дар ҳудуди вилоят аз ҷониби мақомоти дахлдор нисбати 2111 нафар волидон бо моддаи 90-и Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон протоколҳои маъмурӣ тартиб дода шуда, ба 941 нафарашон дар умум ба маблағи 116950 сомонӣ ҷарима ва ба 335 нафарашон огоҳӣ таъин карда шуда, 935 парванда дар ҳолати баррасӣ дар судҳо қарор дода шудааст.

Пешниҳод**:** Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он фаъолияти комиссияи вилоятӣ ва шаҳру ноҳияҳо, ҷиҳати таъмини риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» корҳои ташкилию тағриботиро пурзур намоянд.

## 2.4. (2.4.1) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим”

Дар 3 моҳи соли 2019 дар ҳудуди шаҳр ва ноҳияҳои вилоят 12711 адад маърака баргузор гардида аз ин шумора 11956 туйҳои домодию арӯсӣ буда нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 228 адад зиёд мебошад.

Хароҷоти аз ҳама баланд барои баргузории як маърака ба ҳисоби миёна дар ноҳияи Хуросон 5988 сомонӣ, ноҳияи Ёвон 5035 сомонӣ, ноҳияи Ховалинг 4651 сомонӣ, ноҳияи Ҷ. Балхӣ 4358 сомонӣ, ноҳияи Кушониён 3982 сомонӣ, шаҳри Кӯлоб 3894 сомони, ноҳияи Данғара 3708 сомонӣ, шаҳри Леваканд 3500 сомонӣ, ноҳияи Вахш 3500 сомонӣ, ноҳияи Восеъ 3413 сомонӣ, ноҳияи Дӯстӣ 3267 сомонӣ, шаҳри Норак 2799 сомонӣ ва ноҳияи Кубодиён 2548 сомонӣ мушоҳида мегардад.

Ҳамин нишондиҳанда дар ноҳияи Панҷ 2979 сомонӣ, ноҳияи А. Ҷомӣ 3439 сомонӣ, ноҳияи Ҷайҳун 2953 сомонӣ, ноҳияи Ҳамадони 2880 сомонӣ ноҳияи Темурмалик 3483 сомонӣ, ноҳияи Фархор 2389 сомонӣ, ноҳияи Ш. Шохин 1356 сомонӣ, ноҳияи Шаҳритуз 2659 сомонӣ, ноҳияи Муъминобод 2466 сомонӣ, ноҳияи Н. Хисрав 2761 сомонӣ ва ноҳияи Балҷувон 2611 сомониро ташкил медиҳад.

Дар ин давра 53 ҳолати қонуншиканӣ ошкор карда шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 16 ҳолат зиёд мебошад. Дар ин самт фаъолияти бахшҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросим ва комиссияҳои доимии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ оид ба танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар шаҳру ноҳияҳои Кӯлоб, Кӯшониён, Қубодиён, Ёвон, Хуросон ва Данғара назаррас аст.

**2.5.** (2.5.1) **Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10.07.2017 с., №344 «Дар бораи Қоидаҳои ягона барои сомонаҳои расмии вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар Шабакаи интернет»:**

Дар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ҳудуди вилоят 1412 адад компютер мавҷуд буда, аз он 1314 адади он коршоям, шумораи компютерҳои корношоям 97 адад ё 6,9 % -ро ташкил дода, ба онҳо 1351 принтер васл шудаанд шумораи нуқтаҳои дастрасӣ ба шабакаи Интернет 231 ададро ташкил додааст.

Дар давраи ҳисоботӣ дараҷаи корношоямии компютерҳо дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳоти (ҷамоатҳо) онҳо, шаҳри Кӯлоб 12,1 % ( ҳамагӣ 74 адад), н. Ёвон 16 % (125 адад), Кушониён 10,9 % (73адад), Муъминобод 36, Н. Хисрав +11,1 % (36 адад), Ховалинг +11,2% (18 адад), Ҷайҳун + 19,5% (41адад) ташкил дода ба самаранокии фаъолияти мақомоти идоракунии маҳаллии шаҳру ноҳияҳо таъсири манфӣ расонида, андешидани чораҳои иловагиро талаб менамояд.

Дар натичаи андешидани чораҳои зарурӣ дар шаҳру ноҳияҳои Норак +/-0% (64 адад), Ҳамадонӣ +/-0% (55 адад), Вахш +/-0% (15адад), Данғара +/-0% (52 адад), Қубодиён +/-0% (31 адад), Шаҳритуз +/-0% (36 адад) корношоямии компютерҳо ба назар нарасида, барои баланд бардоштани самаранокии фаъолият мусоидат карда шудааст.

Таъминоти ҷамоатҳо дар давраи ҳисоботӣ бо техникаи компютерӣ, дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ҳудуди вилоят 476 адад компютерро ташкил дода, аз он 441 адад коршоям ва шумораи компютерҳои корношоям 35 ададро ташкил дода, шумораи нуқтаҳои дастрасӣ ба шабакаи Интернет бошад 17 ададро ташкил медиҳанд.

Дар шаҳри Бохтар 7 адад нуқтаҳои дастраси интернет ва 1 сомона, шаҳри Норак 26 нуқта /1 сомона, Кӯлоб 12 нуқта/ 1сомона, ноҳияҳои Қубодиён 10 нуқта / 1 сомона, Ёвон 8 нуқта / 1 сомона, Восеъ 5 нуқта/ 1 , Данғара 2 / 1 сомона, Кушониён 8 нуқта / 1 сомона, нуқта, Ҷайҳун 4 / 1 сомона, Ховалинг 2 нуқта / 1сомона, Вахш 3 нуқта /1 сомона, Шаҳритуз 2 нуқта / 1 сомона, Н. Хусрав 1 нуқта ва 1 сомона ва ба ин монанд дар дигар шаҳр ва ноҳияҳои вилоят мавҷуд буда фаъолияти онҳо ба роҳ монда шудааст.

Натиҷаи таҳлил муайян намуд, ки рафти иҷрои Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 июли соли 2017, №344 «Дар бораи Қоидаҳои ягона барои сомонаҳои расмии вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар шабакаи Интернет» дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон хусусан дар мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳоти он дар сатҳи нокифоя буда, пурзӯр намудани корҳо дар ин самт зарур мебошад.

**2.6.** (2.6.1, (2.6.2)) **Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ»:**

Дар семоҳаи аввали соли 2019 ҷиҳати иҷрои талаботи моддаи 18-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва тибқи муқаррароти банди 11-и Низомнома дар бораи тартиби гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ дар вилояти Хатлон 1 маротиба озмун гузаронида шуда, шаҳри Кӯлоб 1 маротиба, ноҳияҳои Восеъ 2 маротиба, Муминобод 2 маротиба, Ш.Шоҳин 2 маротиба, Қубодиён 1 маротиба, Шаҳритуз 1 маротиба Темурмалик 1 маротиба озмуни мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ гузаронида шудааст, ки барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти идоракунии маҳаллӣ мусоидат намуда, амалигардонии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» таъмин карда шуда, мутахассисони болаёқат ва соҳибихтисос тариқи шаффофият мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатиро ишғол намуда, фаъолияти кории худро пеш бурда истодаанд.

Дар асоси маълумотҳои пешниҳоднамудаи ноҳияҳои Мир Саид Алии Ҳамадонӣ ва Ҷайҳун баргузории озмун дар моҳи апрел ба нақша гирифта шудааст.

Дар ин давра дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон аттестатсияи хизматчиёни давлатӣ гузаронида нашудааст.

Дар семоҳаи аввали соли 2019 дар ноҳияи Қубодиён 1 нафар, ноҳияи Хуросон 1 нафар ва ноҳияи Шаҳритуз 1 нафар хизматчиёни давлатӣ ба бозомӯзӣ фаро гирифта шудаанд. Мутаасифона дар ҳисоботҳои дигар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон вобаста ба бозомузӣ ва такмили ихтисос фаро гирифта шудани хизматчиёни давлатӣ маълумот пешниҳод нагардидааст.

Тибқи санадҳои ба имзо расонидашуда дар шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ машғулиятҳои идоравӣ гузаронида мешаванд, ки ҷиҳати баланд бардоштани савияи дониши хизматчиёни давлатӣ нигаронида шудааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки бештари ҳисоботҳои шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон тибқи шакли пешин омода гардида ирсол гардида, маълумотҳои зарурӣ дақиқ пешниҳод карда нашудаанд

**2.6.2. Пешгирии амалҳои коррупсионӣ дар сохторҳои мақомоти идоракунии маҳаллӣ хусусан ҷиноятҳои коррупсионӣ оид ба замин, шумораи эътирозҳо, бекор кардани қарорҳо ҳуқуқвайронкуниҳо оид ба ҳолати замин (банди 57 паём).**

Раёсати Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон дар семоҳи соли 2019-ум 32 тафтишу санҷишҳои фаъолияти молиявию хоҷагии корхонаю ташкилотҳо, субъектҳои хоҷагидори давлатӣ ва дигар муассисаҳоро гузаронидааст.

Дар натиҷаи санҷишҳои гузаронидашуда ба маблағи умумии 1 043 474 сомонӣ зарари молиявӣ ошкор намуд, ки аз он 174 523,1 сомонӣ хароҷотҳои ғайриқонунии пулию молӣ, 414 692,6 сомонӣ камомад ва тасарруфи воситаҳои пулию молӣ, 124 487,9 сомонӣ изофанависӣ дар ҳаҷми корҳои

таъмиру сохтмонӣ, 187 448 сомонӣ талафи воситаҳои пулию молӣ ва 142 322,5 сомонӣ маблағи кам ҳисобгардида ва рӯйпушнамудаи андозҳо мебошад.

Оиди ошкор намудани ҳолатҳои ғайриқонунӣ ҷудо кардан, хариду фурӯши ғайриқонунии замин ва ғасби худсаронаи он 41 (30) санҷишҳо гузаронида, баҳри бартарафсозии қонунвайронкуниҳои ҷойдошта унвонии роҳбарони мақомоти дахлдор ва ташкилоту муассисаҳо 358 (255) санадҳои прокурорӣ бароварда, бо натиҷаи баррасии онҳо 673 (568) нафар ба ҷавобгариҳои моддӣ, интизомӣ ва маъмурӣ кашида шуда, барои ғайриқонунӣ додани замин, худсарона ишғол намудани қитъаи замин ва дигар ҷиноятҳо, аз ҷумла ҷиноятҳои мансабии ба замин алоқаманд 147 (122) парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда шудаанд.

Оид ба иҷрои Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» аз ҷониби прокуророн, ба 105 (58) қарорҳои раисони шаҳру ноҳияҳо бинобар хилофи талаботи қонун будан эътироз оварда шудааст, ки аксари онҳо баррасӣ ва қонеъ гардонида шудаанд. Аз ин миқдор эътирозҳо 94 (45) адади онҳо ба қарорҳои раисони амалкунандаи шаҳру ноҳияҳои оварда шудаанд, ки аз шумораи умумӣ 89,5 %-ро ташкил дода, ба шаҳру ноҳияҳои Восеъ 11 адад, Дӯсти Ҳамадонӣ 10 ададӣ, Кушониён, Вахш, Ҷайхун 9 ададӣ, Шаҳритуз 8 адад, Фархор 5 адад, Норак, А.Ҷомӣ, Ш.Шоҳин 4 ададӣ, Қубодиён, Панҷ, Кулоб, Балҷувон, Темурмалик 3 ададӣ, Хуросон, Ҷ.Балхӣ, Н.Хусрав, Муминобод 2 ададӣ ва Бохтар, Левакант, Ховалинг 1 ададӣ рост меояд. Қисми зиёди қарорҳое, ки эътироз оварда шудаанд, ба масъалаи замин алоқаманд мебошанд.

## 3. Таъмини пешрафти устувори иқтисодӣ

**Нишондоди пешакии таъмини пешрафти устуворӣ иқтисодӣ бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ 3.1. Даромади буҷет, 3.2. Ҳолати пардохти намуди андозҳо, 3.3. Бақияи қарзи андоз, 3.4. Қарзи музди меҳнат, 3.5. Музди миёнаи меҳнат, 3.6.Корҳои андешидашуда ҷиҳати ташаккул додани сарчашмаҳои иловагии буҷетҳои маҳаллӣ арзёбӣ гардиданд.**

### 3.1. Даромади буҷет

Дар вилоят дар семоҳаи якуми соли 2019 нақшаи даромадҳои давлатӣ (бо дарназардошти андози иҷтимоӣ) ба андозаи 100,0 % таъмин гардида, ба буҷетҳои дахлдор 408,4 млн сомонӣ маблағ ворид гардидааст, ки нисбат ба нақшаи пешбинишуда 1,4 млн. сомонӣ кам буда, ва нисбат ба маблағҳои дар ҳамин давраи соли гузашта ворид гардида 50,2 млн. сомонӣ ё худ 14,0 % зиёд мебошад.

Саҳми ноҳияи шаҳри шаҳри Бохтар +2,7 млн. сомонӣ (107 %), Норак +2,1 млн. сомонӣ (112 %), Балҷувон +2,0 млн.сомонӣ (163,8 %), ноҳияи Дӯстӣ +868,0 ҳаз. сомонӣ (105,1 %), ноҳияи Темурмалик +200,0 ҳаз. сомонӣ (105 %), шаҳри Кӯлоб +688 ҳазор сомонӣ (100,7 %), дар зиёд ворид гардидани маблағ ба қисми даромади буҷет назаррас буда, ки барои рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳо шароити иқтисодӣ фароҳам оварда мешавад.

Дар ин давра аз ҳисоби иҷро нагардидани нақшаи даромади буҷети давлатӣ дар ноҳияи Ёвон - 4,4 млн. сомонӣ (91,4 %), ноҳияи Вахш - 2,1 млн. сомонӣ (92,0 %), ноҳияи Ҳамадонӣ -1,0 млн. сомонӣ (90,5 %), ноҳияи

Фархор - 324,0 ҳаз. сомонӣ (95,7 %), ноҳияи Шартуз -385,0 ҳаз. сомонӣ (96,6 %), ноҳияи Ҷайҳун – 124,0 ҳаз. сомонӣ (99,0 %), ба буҷетҳои дахлдор 8,3 млн. сомонӣ маблағ кам ворид гардидааст, ки ба рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳо таъсири манфӣ расонида, пурзӯр намудани фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои мазкур бо нозироти андоз зарур мебошад.

Мутаассифона, дар ин давра иҷроиши нақшаи андозҳоро бо назардошти андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ ноҳияҳои Вахш 97%, А. Ҷомӣ 80%, Панҷ 95%, Ёвон 91%, Ҳамадонӣ 89% ва Фархор 88% таъмин карданд, ки аз ҳисоби ноҳияҳои зикршуда ба буҷет 9,5 млн. сомонӣ ворид нагардид.

Дар давраи ҳисоботӣ аз уҳдаи иҷрои нақшаи андозҳо (бе назардошти андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ) танҳо нозиротҳои андоз дар ноҳияҳои Вахш (99%), А. Ҷомӣ (80%), Ёвон (92%), М.С.А. Ҳамадонӣ (93%) ва Фархор (96%) баромада натавонистанд.

Инчунин, дар ин давра 8 ноҳияҳо иҷрои нақшаи андози иҷтимоӣ аз ҳисоби корхонаҳои ғайрибуҷетиро таъмин накарданд. Аз ҷумла, Кӯшониён– 95%, Вахш- 90%, Дӯстӣ- 93%, А. Ҷомӣ – 80%, Панҷ- 78%, Ёвон – 84%, М.С.А. Ҳамадонӣ – 77% ва Фархор- 65%, ки дар маҷмуъ аз ҳисоби ноҳияҳои зикршуда ба буҷети Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа 3,9 млн. сомонӣ ворид нагардид.

Қисми хароҷоти буҷети маҳаллии вилоят дар семоҳаи аввали соли 2019 тибқи нақша 397,9 млн. сомониро ташкил дода, ба андозаи 371,5 млн. сомонӣ ё 93 фоизи таъйинот ба иҷро расонида шуда, барои хароҷот равона карда шудааст.

Хароҷоти буҷет дар алоҳидагӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят бошад, дар шаҳру ноҳияҳои Бохтар 104 %, Балҷувон 101,6 %, Кӯлоб 99,9 %, Норак 99,3 %, Ҷ.Балхӣ 99,3 %, Ёвон 99 %, Вахш 99 %, Темурмалик 98 %, Ш.Шоҳин 98 %, Дӯстӣ 98 %, Н.Хисрав 98 %, Данғара 97 %, Хуросон 97 %, Ҷайҳун 96,8 %, Восеъ 96,8 %, А.Ҷомӣ 96,6 %, Қубодиён 96,5 %, Мир Саид Алии Ҳамадонӣ 96,2 %, Кушониён 96 %, Панҷ 96 %, Ховалинг 96 %, Фархор 95,9 %, Леваканд 95 %, Шаҳритуз 95 % ва Муминобод 95 %, таъмин гардидааст.

### 3.2. Ҳолати пардохти андозҳо аз рӯи ҳар як намуди он;

Дар давраи ҳисоботӣ дар вилоят иҷроиши нақшаи 2 намуди андозҳо таъмин нагардидааст. Аз ҷумла, андоз аз арзиши иловашуда – 84% ва андози иҷтимоӣ аз ҳисоби корхонаҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ – 96 % таъмин гаштааст, ки дар натиҷа аз ин ҳисоб ба буҷетҳои дахлдор 16,3 млн. сомонӣ ворид нагардидааст.

Дар маҷмуъ дар сатҳи вилоят иҷроиши нақшаи 2 намуди андозҳо таъмин нашуда бошад ҳам, нишондиҳандаи мазкур дар ҳудуди шаҳру ноҳияҳои Ёвон 6 намуд – 15,8 млн. сомонӣ, Вахш 7 намуд – 2,9 млн. сомонӣ, Бохтар1 намуд - 261,0 ҳаз. сомонӣ, Хуросон 4 намуд – 1,3 млн. сомонӣ, , Қубодиён 1 намуд 256 ҳазор сомонӣ, Балхӣ 3 намуд - 629 ҳаз.. сомонӣ, Ҷайҳун 1 намуд - 560 ҳазор сомонӣ, Шаҳритуз 2 намуд – 488,0 ҳазор сомонӣ, Левакант 3 намуд – 1,6 млн. сомонӣ, Восеъ 1 намуд - 92,2 ҳазор сомонӣ, Фархор 3 намуд - 1,2 млн. сомонӣ, Ҳамадонӣ 1 намуд – 1,1 млн.сомонӣ, Муминобод 5 намуд – 682,0ҳаз.сомонӣ, ш.Шоҳин 2 намуд – 307,0 ҳаз.сомонӣ

ва Темурмалик 5 намуд – 526,5 ҳаз. сомонӣ таъмин накардаанд, ки аз ин ҳисоб ба маблағи умумии 27,7 млн. сомонӣ ба буҷет ворид нагардидааст.

Нақшаи андози иҷтимоӣ аз ҳисоби ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ бошад, дар давраи ҳисоботӣ ба андозаи 97% таъмин гардид ва дар натиҷа ба ҷои 73,2 млн. сомонии пешбинишуда, ба буҷети Агентии суғуртаи иҷтимои ва нафақа 70,7 млн. сомони ворид карда шуд, ки нисбат ба нақшаи пешбинишуда 2,5 млн сомонӣ кам ва нисбат ба маблағи ҷамъоваригардидаи ҳамин давраи соли гузашта 10,4 млн. сомонӣ ё худ 17,2% зиёд мебошад. Дар маҷмуъ дар давраи ҳисоботӣ 14 шаҳру ноҳияҳои вилоят аз уҳдаи иҷрои нақшаи андози иҷтимоии буҷетӣ баромада натавонистанд.

**3.3 Бақияи қарзи андоз**

Ба ҳолати 1 марти соли 2019 бақияи қарзи андозҳо дар сатҳи вилоят дар маҷмӯъ маблағи 175,8 млн. сомониро ташкил дода, нисбат ба аввали соли ҷорӣ ба маблағи 7,2 млн. сомонӣ кам карда шудааст. Дар сатҳи 20 шаҳру ноҳияҳо дар алоҳидагӣ 10,2 млн. сомонӣ бақияи қарзи андозҳо кам гардида бошад ҳам, мутаассифона дар 5 ноҳия ба маблағи 3 млн. сомонӣ афзоиш ёфтааст.

Аз он ҷумла, ноҳияҳои Ёвон – 2 млн. сомонӣ, Муъминобод – 77 ҳазор сомонӣ, Ховалинг – 236 ҳазор сомонӣ, Балҷувон – 600 ҳазор сомонӣ ва шаҳри Левакант – 92 ҳазор сомонӣ зиёд намудаанд.

Бақияи қарзи андози иҷтимоӣ бошад, маблағи умумии 78,7 млн. сомонӣ, аз он ҷумла, буҷетӣ 12,9 млн. сомонӣ ва ғайрибуҷетӣ 65,8 млн. сомониро ташкил дода, нисбат ба аввали сол ба маблағи 1,2 млн. сомонӣ кам гардидааст.

Бо мақсади кам кардани бақияи қарзи андозҳо ва шумораи андозсупорандагони қарздор дар давраи ҳисоботӣ ба унвонии 531 андозсупорандагон огоҳиномаи қарздорӣ ба маблағи 11 млн. сомонӣ ирсол гардида, аз ин ҳисоб 4,5 млн. сомонӣ ба буҷет ворид карда шуд.

Аз шумораи умумии 531 адад огоҳиномаҳо 302 адади он ба шахсони ҳуқуқӣ ва 229 адад ба соҳибкорони инфиродӣ (бо назардошти ХДФ) ирсол карда шудааст.

Дар давоми 3 моҳи соли 2019 дар сатҳи вилоят вобаста ба кам кардани бақияи қарзи андоз ва пешгирии пайдошавии бақияпулиҳо силсилаи тадбирҳо амалӣ гардида, мутобиқи моддаи 72 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дастури методӣ «Дар бораи тартиби маҷбуран ситонидани андозҳо»нисбати андозсупорандагони қарздор 1847 адад қарорҳо ба маблағи умумии 78,1 млн. сомонӣ қабул карда шуда, аз ин ҳисоб ба даромади буҷет маблағи 28,1 млн. сомонӣ ворид карда шудааст, ки 36%-и маблағи қарорҳои қабулгардидаро ташкил медиҳад. Аз шумораи умумии 1847 адад қарор, иҷрои 779 адади он пурра таъмин гардидааст, ки ба 42%-и шумораи умумии қарорҳои мазкур рост меояд.

**3.4. Қарзи музди меҳнат**

Ба ҳолати 1 апрели соли 2019 қарздории музди меҳнат дар ташкилотҳои буҷетиии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он вуҷуд надорад.

Қарзи музди меҳнат дар ташкилотҳои ғайрибуҷетии вилоят ба ҳолати 1 апрели соли ҷорӣ 6,4 млн. сомониро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба маблағи 1,2 млн. сомонӣ зиёд гардидааст.

Зиёдшавии қарзи музди меҳнат дар ташкилотҳои ғайрибуҷетӣ асосан дар ноҳияҳои Ёвон +1,8 млн. сомонӣ (2,6 млн.сомонӣ боқи дар 1.04.2019), шаҳри Норак +70,0 ҳаз. сомонӣ,(219 ҳаз. сомонӣ) ва ноҳияи Ҷайҳун +24,5 ҳаз. сомонӣ(66,8 ҳаз. сомонӣ) ба назар расида, андешидани чораҳои таъхирнопазирро ба миён овардааст.

Нишондиҳандаи назарраси камшавии қарзи музди меҳнат дар шаҳри Бохтар ба маблағи -116,0 ҳаз.сомонӣ (176 ҳаз.сомонӣ) ва ноҳияи Ҷ.Балхӣ (38,5 ҳаз. сомонӣ) ба маблағи -189,0 ҳаз. сомонӣ мушоҳида гардида, аз ҳамкории самараноки мақомоти ичроияи маҳаллии ин шаҳру ноҳияҳо ва нозироти андози шаҳр ва ноҳияҳо шаҳодат медиҳад.

### 3.5. Музди миёнаи меҳнат

Дар давраи ҳисоботӣ музди миёнаи маош дар вилоят 979 сомониро ташкил намудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 108 сомонӣ зиёд мебошад.

Зиёдшавии музди миёнаи меҳнат дар шаҳру ноҳияҳои А.Ҷомӣ + 282 сомонӣ (1022 сомонӣ), Ёвон +177 сомонӣ (1202 сомонӣ), Данғара +174 сомонӣ (1342 сомонӣ), Қубодиён +166 сомонӣ (917 сомонӣ), Норак +162 сомонӣ (1687 сомонӣ), шаҳри Кӯлоб +151 сомонӣ (985 сомонӣ), Темурмалик +122 сомонӣ, Ҳамадонӣ +123 сомонӣ (781 сомонӣ), Балхи +117 сомонӣ (801 сомонӣ), Левакант +73,4 сомонӣ (922 сомонӣ), Фархор +70 сомонӣ (970 сомонӣ), -ро ташкил дода, ба сатҳи зиндагии мардум таъсири мусбӣ расонидааст.

Дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳои вилоят музди миёнаи афзоиш ёфтааст.

Нишондиҳандаи баланди музди миёнаи меҳнат дар шаҳру ноҳияҳои Норак, Левакант, Кӯлоб А.Ҷомӣ, Данғара, Қубодиён ва нишондиҳандаи пасти он дар шаҳри Бохтар ва ноҳияи Ховалинг ба назар мерасанд.

### 3.6. Корҳои андешидашуда ҷиҳати ташаккул додани сарчашмаҳои иловагии буҷетҳои маҳаллӣ;

Бо мақсади истифодаи самараноки маблағҳои буҷетӣ, пешгирӣ ва худдорӣ кардан аз хароҷотҳои дуюмдараҷа, аз ҷумла сафарҳои нолозим ва хусусияти сайёҳидошта, ба роҳ мондани фаъолият тавассути риояи интизоми молиявӣ ва реҷаи сарфакорӣ тадбирҳои зарурӣ андешида, хароҷоти маблағҳои буҷети маҳаллӣ асосан ба соҳаҳои иҷтимоӣ (маориф, тандурустӣ, фарҳанг ва ҳифзи иҷтимоӣ) ва моддаҳои ҳимоятшаванда равона карда шудааст.

Бо мақсади ғанӣ гардонидани қисми даромади буҷет гуруҳҳои корӣ ҷиҳати дарёфти сарчашмаҳои нави андозбандӣ аз ҷумла азнавбақайдгирии молу амвол, заминҳои наздиҳавлигӣ, воситаҳои нақлиёт, гузаронидани баҳисобгирии даромади соҳибкорон дар марказҳои савдо ва хизматрасонӣ, нуқтаҳои фурӯши сӯзишворӣ, доруворӣ ташкил карда шудааст.

**3.7. Мушкилиҳои ҷойдоштаи соҳа ва пешниҳод барои ҳалли он.**

Мушкилотҳои асоси дар соҳаи мақомоти молияи вилоят ҷойдошта, вобаста ба қисми даромади буҷет ин дар мадди аввал сифатнок иҷро нагардидани буҷетҳои маҳалии шаҳру ноҳияҳои вилоят ва афзоиши бемайлони маблағҳои бақияпулиҳои андозӣ ба ҳисоб мераванд.

Манбаи асосии иловагии ғанӣ гардонидани қисми даромади бӯҷет ин барҳам додани бақияпулиҳои андоз ва роҳ надодан ба пайдоши бақияпулиҳои андозии нав ба ҳисоб меравад.

**Пешниҳод:** Мақомоти андози вилояти Хатлон барои дар якҷоягӣ бо нозироти андози шаҳру ноҳияҳо барои таъмини сифатноки накшаи даромади буҷети вилоят, кам намудани бақияпулиҳои андоз, баланд бардоштани иҷрои қарори маҷбуран ситонидани андозҳо, огоҳиномаҳо фаъолиятро пурзӯр намоянд.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон дар ҳамкорӣ бо Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои бартараф намудани қарзи музди меҳнат дар шаҳр ва ноҳияҳои Норак, Бохтар, Балхӣ, Ёвон ва Ҷайҳун чораҳои зарурӣ андешанд.

## 4. Таъмини беҳбудии фазои сармоягузорӣ, рушди бахши хусусӣ ва мусоидат ба рушди соҳибкорӣ (бандҳои 18, 20 паём):

**Нишондоди пешакии рушди соҳибкорӣ бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ 4.1. Тамоюли каму зиёдшавии шумораи соҳибкорон, 4.2. Ҷалби сармоягузории хориҷӣ ва мустақим, 4.3. (4.4) Беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, 4.5. (4.6) Дастрасии соҳибкорон бо қарзҳои бонкӣ ва сармоягузорӣ, 4.7. Рафти ҷалби сармоя ва ташкили инфрасохтор дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва сармоягузории давлатӣ арзёбӣ гардиданд.**

### 4.1. Тамоюли каму зиёдшави шумораи соҳибкорон ва ҳиссаи соҳибкорон дар ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти шаҳру ноҳияҳо

Дар семоҳаи аввали соли 2019 шумораи соҳибкорони хурду миёна 100039 нафарро ташкил намудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли соли гузашта +3501 нафар ё ин ки 3,6% афзоиш ёфтааст.

Аз ин ҳисоб шумораи соҳибкорони инфиродие, ки аз руи патент фаъолият мебаранд 25904 нафарро ташкил карда, нисбат ба ҳамин давраи соли 2018-ум 534 нафар ё ин, ки 2,1 % зиёд шуда, шумораи соҳибкороне, ки дар асоси шаҳодатнома фаъолият мебаранд нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 227 нафар ё ин ки 3,9 % зиёд гардина, ба 6103 нафар баробар шудааст.

Нишондиҳандаи баланди тамоюли зиёдшавии шумораи соҳибкорон нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар шаҳру ноҳияҳои Восеъ +342 нафар (шумораи соҳибкорон ба ҳолати 1 апрели соли 2019, 5591 нафар), Ҷ. Балхӣ +300 нафар (5095 нафар), Норак +226 нафар, Ҷайҳун +210 нафар (4604 нафар), М.С.Али Ҳамадонӣ +187 (5386 нафар), Қубодиён +147 нафар (3662 нафар), Шартуз +105 нафар (4376 нафар), Данғара +90 нафар (2825 нафар), ва Хуросон +89 нафар (1368нафар) ба назар расида, рафти таъмини беҳбудии фазои соҳибкориро дар ин шаҳру ноҳияҳо инъикос менамояд.

Ин нишондиҳанда дар ноҳияи шаҳри Бохтар +50 нафар (4836 нафар), Балҷувон +24 нафар (586нафар) ноҳияи Темурмалик +23нафар (1470 нафар) – ро ташкил додааст.

Дар ноҳияҳои Муминобод шумораи соҳибкорон нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта -58 нафар (5071 нафар) ва Носири Ҳусрав -23 нафар (29 нафар) кам гардидаанд, ки аз дараҷаи пасти рушди соҳибкорӣ шаҳодат медиҳад.

Шумораи умумии соҳибкорзананон дар аксарияти шаҳру ноҳияҳои вилоят ба истиснои ноҳияи Н.Хусрав (- 4 нафар кам шудааст) тамоюли афзоиш дорад.

Бояд зикр намуд, ки бинобар дар ҳисоботи пешниҳод намудаи вилоят ва шаҳру ноҳияҳои Дусти, Ҷайҳун, Панҷ, Фархор шаҳрҳои Кӯлоб ва Норак дар ҷадвали 10 (Шумораи соҳибкорони хурду миёна) нишон надодани шумораи заҳои соҳибкор маълумот таҳлил гузаронида нашуд.

Ҳиссаи соҳибкорон дар маҷмуи маҳсулоти дохили дар ноҳияи Носири Хусрав 8,2% (322,0 ҳаз.сомонӣ) ва ноҳияи Балҷувон 5,6% (1423,2 ҳаз.сомонӣ) – ро ташкил додааст. Нисбати ин нишондиҳанда дигар шаҳру ноҳияҳо маълумот пешниҳод накардаанд.

### 4.2. Ҷалби сармоягузорӣ хориҷӣ ва мустақим

Дар семоҳаи аввали соли 2018 дар иқтисодиёти вилоят 33 лоиҳаҳо мавриди амал қарор дошта, маблағи азхудкардаи онҳо 454,2 млн. доллари амрикои мебошад. Дар вилоят маблағи сармояҳои ватанию хориҷӣ 82,1 млн.долларро ташкил додааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2018-ум 105,9 дарсад афзоиш ёфтааст.

Дар баробари ин тибқи нишондоди ҳисоботҳои Раёсати агентии омори вилояти Хатлон ба қаламрави вилоят 82071,1 ҳазор доллари америкои сармояи хориҷӣ ворид гардидааст, ки 59922,4 ҳазор доллари америкоии он сармояи мустақим ва 22148,7 ҳазор доллари америкоиро дигар сармоягузориҳои хориҷӣ ташкил медиҳад.

Дар маҷмуъ ҳаҷми сармояи хориҷии ба вилоят воридшуда 1654590,3 ҳазор доллари ИМА-ро ташкил медиҳад, ки 1471484,6 ҳазор доллари онро сармояи мустақими хориҷӣ ташкил медиҳад.

Дар ин давра дар шаҳру ноҳияҳои Ш.Шоҳин 42 лоиҳа, Бохтар 23 лоиҳа, Вахш 10 лоиҳа, Восеъ 17 лоиҳа, Қубодиён 3 лоиҳа, Муминобод 7 лоиҳа, Шаҳритуз 5 лоиҳа, шаҳри Леваканд 2 лоиҳа, Ёвон 1 лоиҳа, Н.Хисрав 1 лоиҳаи қарзӣ омода карда шуда, барои дастгирӣ ба мақомоти дахлдор пешниҳод карда шудааст.

Дар ноҳияи Темурмалик дар доираи «Барномаи давлатии сармоягузориҳо барои солҳои 2016-2020» дар самти таъмини аҳолӣ бо оби нӯшокӣ барқарорсозии шабакаҳои обкашӣ ва системаи обу корез (канализатсия)-и ноҳияи Темурмалик ба маблағи 1100 ҳазор долллари ИМА ва сохтмони системаи обтаъминкунии Ҷамоати деҳоти Қарақамиши ноҳияи Темурмалик ба маблағи 691 ҳазор доллари ИМА ба Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ҷиҳати ҷалби сармояи хориҷӣ пешниҳод гардидааст ва барои татбиқи онҳо якҷоя бо вазорату идораҳои дахлдор корбарӣ намуда истодааст.

Илова бар ин 3 лоиҳаи сармоягузории бо оби нӯшокӣ таъмин намудани деҳаҳои Ҷамоатҳои деҳоти ба номи С. Раҳимов, Л. Қармишев ва Танобчӣ ба Барномаи рушди СММ ва дафтари ҳамкории Швейтсария, Консулгарӣ дар Тоҷикистон, инчунин лоиҳаи «Сохтмони садди соҳилмустаҳкамкунанда дар ноҳияи Темурмалик» ба маблағи умумии 3,9 млн. доллари ИМА ба Давлати Қатар барои ҷалби сармояи хориҷӣ пешниҳод карда шудаанд.

Аз ҷониби ноҳияҳои Кулоб, Норак, Темурмалик, Ҳамадонӣ, Хуросон,Ҷайхун, Ш.Шоҳин, Ҷ.Балхӣ маълумот доир ба зербанди мазкур омода карда нашудааст, ки барои гузаронидани таҳлил мушкили эҷод мекунанд.

### 4.3. (4.4) Беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ

Бо мақсади дастгирии минбаъдаи соҳибкорон, амалӣ намудани “300 рӯзи ислоҳот оид ба дастгирии соҳибкорӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ” дар вилоят рӯзи 3 апрели соли ҷори бо иштироки зиёда аз 260 нафар вохӯрии соҳибкорону сармоягузорони муваффақ, роҳбарият ва масъулони соҳаи иқтисодиёт, раёсату бахшҳои сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии шаҳру ноҳияҳои вилоят гузаронида шудааст.

Дар давраи ҳисоботӣ дар назди Раисони шаҳру ноҳияҳои вилоят Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои соҳибкорӣ ва срмоягузорӣ таъсис дода шуда, вохурии раиси вилояти Хатлон бо соҳибкоронӣ вилоят, маҳфил оид ба масъалаҳои рушди соҳибкори миёни занон, баргузор гардидааст ки барои таъмини нишондиҳандаи беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ мусоидат намудааст.

Ҳамзамон барои таъмини ин нишондиҳанда бо мақсади баланд бардоштани маърифати ҳуқуқиву молиявӣ, сатҳи касбият ва малакаи соҳибкорон дар вилоят корҳои омӯзиши вусъат ёфта, дар шаҳри Бохтар мизи мудаввар, дар шаҳри Кӯлоб семинарҳои омузишӣ байни занон ва ҷавонон гузаронида шудааст.

### 4.5 (4.5) Дастрасии соҳибкорон ба қарзҳои бонкӣ ва сармоягузорӣ

Дар 3- моҳи соли 2019 бонкҳои вилоят ба соҳаҳои иқтисодӣ 333,5 миллион сомонӣ қарзҳои бонкӣ равона намуданд, ки нисбати ҳамин давраи соли 2018-ум 37,3 миллион сомонӣ зиёд мебошад. Аз ҷумла, аз ин ҳисоб ба соҳаҳои кишоварзӣ 125,9 миллион сомонӣ (37,8%), саноат, сохтмон ва нақлиёт 115,7 миллион сомонӣ (34,7%), савдо 54,4 миллион сомонӣ (16,3%), рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ 970 ҳазор (0,3%) ва дигар соҳаҳо 36,5 миллион сомонӣ (10,9%) равона карда шудааст.

Дар давраи ҳисоботӣ нишондиҳандаи баланди дастрасии соҳибкорон ба қарзҳои бонкӣ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар шаҳри Кулоб аз ҷониби ташкилотҳои қарздиҳӣ ва бонкҳо +8,1 млн. сомонӣ (29,1 млн. сомонӣ ҳамагӣ қарзи дода шуда, шумораи соҳибкорон 2660 нафар), ноҳияи Ҷайҳун + 6,3 млн. сомонӣ (36,7 млн сомонӣ 4239 нафар), ноҳияи Ёвон + 4,1млн. сомонӣ (7,7 млн.сомонӣ 826 нафар), ноҳияи Қубодиён +3,4 млн. сомонӣ (11,1 млн. сомонӣ 1731 нафар), Данғара + 3,27 млн. сомонӣ (14,43 млн. сомонӣ 2624 нафар), Вахш +1,9 млн. сомонӣ (10,1 млн. сомонӣ 1826 нафар), ноҳияи Ҷомӣ + 1,2 млн. сомонӣ (11,6 млн.

сомонӣ  1517 нафар), Ҳамадонӣ + 1,0 млн. сомонӣ (5,4 млн. сомонӣ 639 нафар), ноҳияи Хуросон + 0,66 млн. сомонӣ (3,6 млн. сомонӣ  597 нафар), ноҳияи Панҷ + 0,47 млн. сомонӣ (8,7 млн. сомонӣ  1382 нафар) таъмин гардида ки мавҷуд будани соҳаҳои ҷолиби соҳибкорӣ, зиёд будани марказҳои хизматрасонии бонкиро нишон медиҳанд.

Ин нишондиҳанда дар ноҳияи Шаҳритуз + 0,13 млн. сомонӣ (22,7 млн. сомонӣ, 2157 нафар) ноҳияи Фархор +0,0025 млн. сомонӣ (0,31 млн. сомонӣ 61 нафар), шаҳри Н. Хусрав +0,18 млн. сомонӣ (0,135 млн. сомонӣ 30 нафар), Темурмалик + 0,091 млн. сомонӣ (3,2 млн. сомонӣ  375 нафар), Ш. Шоҳин + 0,096 млн. сомонӣ (0,31 млн. сомонӣ  83 нафар)- ро ташкил медиҳад.

Дар ноҳияи ноҳияҳои Кушониён +-0 млн. сомонӣ (25 млн. сомонӣ) бе тағйир ва  Ховалинг - 0,5 млн. сомонӣ (1,6 млн. сомонӣ 273 нафар) нисбат ба соли гузашта ба соҳибкорон қарзҳо кам дода шуда, дар фароҳам овардани шароит барои соҳибкорӣ андешидани чораҳои иловагиро талаб менамояд.

### 4.5. (4.6) Ҳамкорӣ бо Муассисаҳои давлатии “Фонди дастгирии соҳибкорӣ ”- и назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти лоиҳаҳои пешниҳодгардида ва мавриди амал қарор додашуда:

Бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоиди рушди соҳибкори ва ҷалби маблағҳои қарзи аз ҷониби соҳибкорони вилоят  54 адад лоиҳаҳои сармоягузорӣ таҳия гардидааст, ки аз он 36 лоиҳа ба маблағи 356385,0 ҳазор сомонӣ ба Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 18 лоиҳа ба маблағи 12056,7 ҳазор сомонӣ ба Муассисаи  давлатии “Фонди дастгирии соҳибкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон” пешниҳод карда шудааст.

Ҳамаги аз ҷониби  Муассисаи давлатии “Фонди дастгирии соҳибкорӣ”- и назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 67 лоиҳаҳои субъекти соҳибкории вилоят  дар ҳаҷми 88,3 миллион сомони дастгири ёфтааст.

Дар давоми се моҳи соли 2019 ба  Муассисаи давлатии “Фонди дастгирии соҳибкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон” дар шаҳри Кулоб 2 лоиҳа пешниҳод шуда, як лоиҳа ба маблағи 350 ҳазор сомонӣ барои таъсиси корхонаи дӯзандагӣ дастгирӣ ёфтааст, дар ноҳияи Ёвон лоиҳаҳои инвеститсионӣ дар самти рушди деҳот ва  дар ҳаҷми 4,18 млн. сомонӣ, бунёди гармхонаи доимамалкунанда, сехи дузандагӣ, дар ноҳияи Вахш 3 адад лоиҳаи қарзӣ дар ноҳияи Ёвон 2 лоиҳа  ва дар шаҳри Кӯлоб 4 лоиҳаи инвеститсионӣ ба муассисаи давлатии «Фонди дастгирии соҳибкорӣ» пешниҳод гардидааст, ки барои амалигардонии он ҳамкории мақомоти иҷроияи маҳаллии ин шаҳру ноҳияҳо бо Муассисаи маскур зичтар ба роҳ монда шавад.

### 4.7. Рафти ҷалби сармоя ва ташкили инфрасохтор дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва сармоягузории давлатӣ арзёбӣ гардиданд.

Дар вилояти Хатлон айни замон 2 минтақаҳои озоди иқтисодӣ (МОИ), аз ҷумла МОИ «Данғара» дар ноҳияи Данғара ва МОИ «Панҷ» дар ноҳияи Ҷайҳун фаъолият дошта, МОИ «Кулоб» бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Точикистон аз 01.03.2019, №978 таъсис дода шудааст.

Дар МОИ «Данғара» 24 субъект фаъол буда, 10 субъекти он ба истеҳсоли маҳсулотҳои саноатӣ машғуланд ва сохтмони 14 субъекти дигар идома дошта, дар МОИ «Панҷ»_16 субъект бақайд гирифта шуда, 7 субъекти он фаъол мебошанд.

Дар семоҳаи якуми соли 2019 дар МОИ «Данғара» ҷалби сармоягузориҳо аз ҷониби субъектҳо 3,2 млн сомонӣ, дар МОИ «Панҷ» 313,8 ҳазор сомониро ташкил дода, ҳаҷми ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотҳои саноатӣ мутаносибан нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 341,8 фоиз ва 10 маротиба зиёд гаштааст, ки самаранокии фаъолияти якҷояи роҳбарияти МОИ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳои Данғара ва Панҷ таъмин карда шудааст.

Ҳамзамон, барои бартараф намудани тамоюли камшавии шумораи таъсиси ҷойҳои корӣ (-18 нафар) ва пардохти андозҳо (94 %) дар МОИ «Данғара» ба ҳамкории мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Данғара вусъат дода шавад.

**Пешниҳод:** Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он барои амалишавии ваколатҳои онҳо дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи дастгирии давлатии соҳибкорӣ”, таъмини ҷудо намудани қарзҳо ба лоиҳаҳои пешниҳод гардидаи соҳибкорон аз тарафи Муассисаи давлатии “Фонди дастгирии соҳибкорӣ” баланд бардоштани сатҳи касбият ва малакаи соҳибкорӣ мусоидат намуда, барои пурра фаъолият намудани субъектҳои бақайд гирифташуда дар МОИ “Данғара” ва “Панҷ” тадбирҳои зарурӣандешида шавад.

Бонки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ҳамкорӣ бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо ва фароҳам овардани дастрасии соҳибкорон ба қарзҳои бонкӣ, паст намудани фоизи маблағи қарзҳои бонкии ҷудогардида ва дароз намудани мухлати онҳо инчунин пешниҳод намудани маълумотҳоро мавриди омӯзиш қарор дода шавад.

## 5. Рушди соҳаи саноат
## (бандҳои 11, 12 ва 28-и паём)

**Нишондоди пешакии рушди соҳаи саноат бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ 5.1. Суръати афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, 5.2. Рафти амалигардонии барномаҳои соҳаи саноат ва сармоягузорӣ, 5.3. Ҷалби сармояи мустақим, бунёди корхонаҳои нав, ба кор андохтани корхонаҳои аз фаъолият бозмонда ва ташкили ҷойҳои нави корӣ, 5.4.** (5.5) **Дараҷаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ шир, меваю сабзавот ва нӯшокиҳо, 5.6. Фаъолияти корхонаҳои дастии атласу адрасбофӣ, қолинбофӣ ва сехҳои духти либосҳои мактабӣ арзёбӣ гардиданд.**

### 5.1. Суръати афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ

Дар вилояти Хатлон дар семоҳи аввали соли 2019 ҷорӣ суръати афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ нисбати ҳамин давраи соли гузашта 107,3% ё 1 млрд. 714,7 млн. сомониро ташкил додааст.

Нишондиҳандаҳои баланди суръати афзоиш дар шаҳру ноҳияҳои Кӯлоб 126,9% (маблағи афзоиш 11,9 млн. сомонӣ), Ҷайҳун 122,9% (4,9 млн. сомонӣ), Данғара 123,8% (67,9 млн. сомонӣ), Балҷувон 118,3 %( 0,69 млн. сомонӣ) Муъминобод 117,6% (0,46 млн. сомонӣ), Норак 113,9% (68,2 млн. сомонӣ), Ёвон 113,2% (34,3 млн. сомонӣ), Н.Хусрав 112,3% (0,42 млн. сомонӣ), Бохтар 111,2% (4,8 млн. сомонӣ), Левакант 108,1% (5,4 млн. сомонӣ), Темурмалик 108% ( 0,27 млн. сомонӣ), Ҳамадонӣ 105,5% (0,85 млн. сомонӣ), А.Ҷомӣ 103,7% (0,7 млн. сомонӣ), Қубодиён 103% (0,88 млн. сомонӣ), Панҷ 102,7% (0,66 млн. сомонӣ) таъмин намуданд, ки дар инкишофи рушди устувори саноат дар шакли индустриалӣ – аграрӣ замина гузошта шуда истодааст.

Таҳлил муайян намуд, ки тамоми шаҳру ноҳияҳои вилоят аз қабили Ёвон, Бохтар, Ҷайҳун, Данғара, Балҷувон, Муъминобод, Норак, Темурмалик, Ҳамадонӣ, А.Ҷомӣ, Қубодиён, Панҷ, Кулоб, Восеъ, Темурмалик, Вахш ва Кушониён сурати афзоиши истеҳсоли саноатиро зиёда аз 100 дарсад таъмин намуда, барои саноаткунонии иқтисодиёти минтақа замина гузоштанд.

Ҳолати ташвишовар дар ноҳияҳои Шаҳритуз 42,7% (маблағи коҳиш ёфта нисбати ҳамин давраи соли гузашта 29 млн. сомонӣ) Хуросон 44,5% (19,2 млн. сомонӣ), Ҷ.Балхи 61,1% (11,8 млн сомонӣ), Фархор 61,5% (12,8 млн. сомонӣ), Дустӣ 72,1% (4,9 млн. сомонӣ), Ш.Шоҳин 77% (0,85 млн. сомонӣ) ва Вахш 87,5 % (5,2 млн. сомонӣ) ба назар мерасад, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ҳачми истеҳсоли маҳсулоти саноатиро кам намудаанд.

Ба афзоиши ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ дар қиёс ба ҳамин давраи соли гузашта 59 номгӯи маҳсулот аз қабили, аз ҷумла нафт-110,7 фоиз, регу сангмайда -160,6 фоиз, намаки ошӣ-125,7 фоиз, гӯшту калапоча-108,2 фоиз, маҳсулоти гӯштӣ-198,6 фоиз, ширӣ-144,7 фоиз, орд, нону маҳсулоти нонӣ, қаннодӣ-103,4 фоиз, хӯроки парранда-3,5 баробар, равғани растанӣ-106,1 фоиз, доруворӣ-3 баробар, машруботи спиртӣ-157,7 фоиз, муссаласи ангур-4 баробар, пахтаи курпабоб-2 баробар, ресмони пахтагин-154,0 фоиз, ҷуробу пайпоқ-116,1 фоиз, дӯзандагӣ-189,6 фоиз, маҳсулоти мардумӣ аз 125 то 170 фоиз, бензин-126 фоиз, мазут-220 фоиз, битум-112,6 фоиз, маводи чӯбу тахта-3,7 баробар, семент-109,2 фоиз, гачсанг-3,3 баробар, хишти сементӣ-136,8 фоиз, хишти роҳрав-3,2 баробар, бетони сохтмонӣ-15 маротиб, хокаи санг-130,5 фоиз, оҳану бетони васлшуда-131,2 фоиз, маҳсулот аз пластикаи филизӣ-124 фоиз, қубурҳои пластикӣ-6,5 баробар, трансформаторҳои қуввагӣ-128 фоиз, мебель-2,3 баробар, халтаҳои полипропиленӣ- як баробар замина фароҳам овардаанд.

Дар давоми 3 моҳи соли равон аз вилоят ба хориҷи кишвар 141,4 ҳазор тонна семент, 4,8 ҳазор тонна калобаи ришта, зиёда аз 252,9 млн. кВт/соат нерӯи барқ, 4,6 ҳазор тонна нахи пахта, 200 тонна шираи камол, 750,2 тонна маҳсулотҳои кишоварзӣ ва 400,5 тонна дигар номгӯи маҳсулоти саноатӣ содирот шудааст.

Масъулини соҳаро зарур аст, ки ҷаҳати бартараф кардани камбудии мазкур чораҳои мушаххас андешанд.

**5.2. Рафти амалигардонии барномаҳои соҳаи саноат ва сармоягузорӣ**

Бояд қайд намуд, ки амалигардонии барнеомаҳои соҳаи саноат дар вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он ба роҳ монда нашудааст, ки ба таъмини ҳадафи чоруми стратегии мамлакат “Саноатикунонии босуръати кишвар” таъсири манфӣ мерасонад.

Бинобар ин мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он барои дарҷи амалигардонии барномаҳои соҳаи саноат дар ҳисоботҳои худ ва дар ҳудуди вилоят мавриди амал қарор додани онҳо, андешидани чораҳои зарурӣ ҷиҳати ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо Вазорати саноат ва технологияҳои нав чораҳои таъхирнопазир андешанд.

Дар семоҳаи аввали соли 2019 ҷиҳати ҷалби сармоягузорӣ ба рушди соҳаи саноат соҳибкорони вилояти Хатлон 54 лоиҳаи қарзӣ ба маблағи 368,4 миллион сомонӣ таҳия намуда, ба Муассисаи давлатии “Фонди дастгирии соҳибкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон”ва Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуданд, ки ба як лоиҳа ба маблағи 300 хазор сомонӣ қарзи имтиёзнок ҷудо карда шудааст.

**5.3. Ҷалби сармояи мустақим, бунёди корхонаҳои нав, ба кор андохтани корхонаҳои аз фаъолият бозмонда ва ташкили ҷойҳои нави корӣ, (банди 12 паём)**

Дар вилоят ба ҳолати семоҳаи аввали соли 2019, 20 адад, аз ҷумла дар ноҳияи Ёвон-3 адад, шаҳру ноҳияҳои Бохтар, Норак, Кӯшониён, Восеъ, Шаҳритуз, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ-2 ададӣ, шаҳри Кӯлоб, ноҳияҳои Ҷалолиддини Балхӣ, Дӯстӣ, Темурмалик ва Фархор як ададӣ корхона ва коргоҳҳо бо таъсиси 212 ҷойи корӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шудааст, ки ба рушди соҳаи саноат таъсири мусбӣ расонда самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин шаҳру ноҳияҳо таъмин карда шудааст.

Дар давоми се моҳи соли равон аз 520 корхона ва коргоҳҳои саноатӣ ҳисоботдиҳанда 209 адад фаъолият надошта, 54 адад ҳаҷми истеҳсолро дар қиёс ба ҳамин давраи соли гузашта кам кардаанд.

Аз 10 корхонаҳои истихроҷи маъдани филизии вилоят тӯли ин муддат 4 адад фаъолият карда, дар ин давра ба маблағи 14,6 миллион сомонӣ маҳсулот истеҳсол кардаанд, ки дар қиёс ба ҳамин давраи соли гузашта 15 миллион сомонӣ, бо ибораи дигар ҳаҷми истеҳсолро як маротиб коҳиш додаанд.

Коҳишёбии маҳсулот аз ҷониби корхонаҳои истихроҷи филизот, асосан фаъолият надоштани 6 корхона ҶДММ “Баракати Истиқлол” ва ҶДММ “Назирӣ”-и ноҳияи Шамсиддин Шоҳин, ҶДММ “Абдулазиз”, “Исроил-2011”, “Ганҷ” ва “Союз Зар”-и ноҳияи Ховалинг ва аз ҷониби КДК “Тиллои Тоҷик” ва ҶДММ “Заршӯи Одина” мутаносибан кам кардани ҳаҷми маҳсулот ба маблағи мутаносибан 15,9 ва 6,7 миллион сомонӣ арзёбӣ мешавад. Сабаби фаъолият накардани корхонаҳои номбурда асосан дар анҷомёбии мӯҳлати иҷозатномаи истихроҷ асоснок шудааст.

Дар семоҳаи якуми соли ҷорӣ дар ноҳияи Восе 4 адад коргоҳҳое, ки дар ҳамин давраи соли 2018 фаъолият накарда буданд, фаъол гардонида шуда, 2 адад коргоҳи нави саноатӣ бо таъсиси 6 ҷойи корӣ ташкил карда шуда, ҳамзамон дар шаҳри Кӯлоб КМ “Ресандаи Кӯлоб” бо ҷалби сармояи

хориҷӣ ба кор оғоз намуда, коргоҳи макаронбарорӣ ба истифода дода шудааст, дар ноҳияи Фархор коргоҳи хурди коркарди чӯбу тахта ташкил карда шудааст.

Дар ин давра дар шаҳри Бохтар, 3 адад ба пастравии истеҳсол роҳ дода, 3 адад корхона аз фаъолият боз мондаанд, ки омузиши сабабҳои он ва пешбинӣ намудани тадбирҳои зарурӣро тақозо менамояд.

### 5.4. (5.5) Дараҷаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ пахта, пилла, пуст ва пашм, шир, меваю сабзавот ва нӯшокиҳо,

Дар семоҳаи якуми соли 2019 истеҳсоли нахи ришта 31,4 тонна, шарбат ва консерва 11,4 ҳазор қутии шартӣ ва 43,2 тонна маҳсулотҳои ширӣ истеҳсол карда шудааст, ки он нисбати соли 2018, истеҳсоли нахи ришта 26,5 тонна, маҳсулотҳои ширӣ 3,7 тонна ва консерва 838 ҳазор қутии шартӣ зиёд мебошад, ки нишондиҳандаи дараҷаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар сатҳи муайян таъмин карда шудааст.

Дар вилоят 23 корхонаи коркарди маҳсулотҳои ширӣ мавҷуд буда, мувофиқи маълумоти оморӣ тӯли ин муддат ба миқдори 252 тонна маҳсулот истеҳсол кардаанд, ки ин дар қиёс ба ҳамин давраи соли 2018 дар ҳаҷми 78 тонна ва ё 44,7 фоиз зиёд мебошад.

Ташкили корхонаҳои коркарди маҳсулотҳои ширии ноҳияи Ҷ.Балхӣ бо иқтидори солона 150 тонна дар 1 сол ва 8 ҷойи корӣ, дар ноҳияи Фархор 30 тонна/сол ва 3 ҷойи корӣ, шаҳри Норак 30 тонна/сол ва 3 ҷойи корӣ ва ноҳияи Панҷ 50 тонна/сол ва 5 ҷойи корӣ таъсис дода шудааст, ки ба баланд бардоштани дараҷаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ замина гузошта шуда истодааст.

Дар вилояти Хатлон аз ҷониби корхона ва коргоҳҳои насоҷӣ ба маблағи 135 миллион сомонӣ маҳсулот истеҳсол шудааст, ки дар қиёс ба ҳамин давраи соли 2018-ум 61,3 фоизро ташкил медиҳад. Аз 208 адад корхона ва коргоҳҳои насоҷӣ дар ин давра 113 адад фаъолият карда тавонистанд, ки 54 фоизи шумораи умумиро ташкил медиҳад.

Бояд қайд намуд, ки дар ноҳия Восе, 3 корхонаи пахтатозакунӣ аз ҷумла ҶДММ «Неъмат», ШХ «Самар» ва КИ «М.Камолов» фаъолият доранд, ки бо коркарди пахтаи истеҳсолшуда машғул мебошанд.

### 5.6. Фаъолияти корхонаҳои дастии атласу адрасбофӣ, қолинбофӣ ва сехҳои духти либосҳои мактабӣ

Ҷиҳати дӯхти либоси мактаби дар ҳудуди шаҳр ва ноҳияҳои вилоят ҶСШК “Ресанда”-и шаҳри Бохтар, ҶДММ “Ваҳдат”-и ноҳияи Ёвон, ҶДММ “Ҷунтай Данғара текстил” – ноҳияи Данғара ҶДММ “Пахтаи Рушди Хатлон” бо 935 ҷойи корӣ коргоҳҳои бофандагӣ, нассоҷӣ, дузандагӣ ва рангубори матоъ роҳандозӣ гардида, тӯли ин муддат марҳилаҳои якум ва дуюми истеҳсолиро ба сомон расонида, фаъолият намуда истодаанд.

Дар баробари ин аз ҷониби соҳибкорони ватанӣ дар ноҳияҳои Ҷ.Балхӣ, Фархор, Данғара тавассути ҷалби маблағҳои сармояи хориҷию дохилӣ, бунёди корхонаҳои ресандагӣ, бофандагию дӯзандагӣ тибқи лоиҳаҳои инвеститсионӣ муҳлати баистифодадиҳиии ду марҳилаи дигари иншооти ресандагӣ, бофандагӣ ва рангуборкунӣ идома дорад.

Ҷиҳати иҷрои банди 17 нусха аз Протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18-январи соли 2018, №1 вобаста ба таъмини сару либоси мактабӣ ва ба роҳ мондани дӯхти он дар корхона ва коргоҳҳои истеҳсолию дӯзандагии ватанӣ дар муассисаҳои таълимии шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон корҳои муайяне ба роҳ монда шудааст.

Тибқи нақшаи тасдиқгардидаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 ноябри соли 2018, №08/4-319 оид ба бастани шартнома миёни шуъбаҳои маориф ва корхонаҳои дӯзандагии ватанӣ дар соли таҳсили 2019-2020, ба ҳолати 11 феврали соли 2019 аз 364537 ҷуфти дар нақша буда 348637 ҷуфт шартнома баста шудааст, ки 96%-и нақшаи пешбинишударо ташкил намудааст.

**Пешниҳод:** мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он дар ҳамкорӣ бо Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ба фаъолият оғоз намудани корхонаҳои нави банақшагирифта ва ба кор андохтани корхонаҳои аз фаъолият бозмонда (209 адад), хусусан корхонаҳои истихроҷи филизот дар ноҳияҳои Ховалинг ва Ш. Шоҳин фаъолиятро пурзур намуда ҷиҳати амалӣ гардонии барномаҳои соҳаи саноат ва таъмини ҳадафи чоруми стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба санотикунонии мамлакат чораҳои мушаххас амалӣ намоянд.

## 6. Рушди соҳаи энергетика
## (банди 10-и паём)

**Нишондоди пешакии рушди соҳаи энергетика, 6.1. Ҳаҷми қувваи барқи қабулгардида, 6.2. Шумораи насби ҳисобкунакҳои электронӣ, 6.3. Қарзи умумии истифодаи барқ, 6.4. Фоизи талафоти барқ арзёбӣ гардиданд.**

### 6.1. Ҳаҷми қувваи барқи қабулгардида

Дар вилоят нерӯи барқи қабулшуда дар семоҳаи аввали соли 2019-ум 958,5 млн.кВт/соатро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта +589,7 ҳаз. кВт/соат зиёд гардидааст.

Ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Норак +3,6 млн. кВт/соат, Восеъ +2,6 млн. кВт/соат, А.Ҷомӣ +2,2 млн. кВт/соат, Вахш +2,1 млн. кВт/соат, Бохтар +1,9 млн. кВт/соат, Хуросон +1,4 млн. кВт/соат, Темурмалик +1,2 млн. кВт/соат, Муминобод +0,8 млн. кВт/соат, Данғара +0,7 млн. кВт/соат, Мир Саид Алӣ Ҳамадонӣ +0,7 млн. кВт/соат, Балҷувон +0,6 млн. кВт/соат, Қубодиён +0,5 млн. кВт/соат, Ёвон +0,5 млн. кВт/соат, Леваканд +0,5 млн. кВт/соат, Шамсиддин Шоҳин -0,1 млн. кВт/соат, Н.Хисрав +72,4 ҳаз.кВт/соат, ҳаҷми барқи қабулгардида зиёд гардидааст.

Дар шаҳру ноҳияҳои Кӯлоб -9 млн. кВт/соат, Кушониён -3,2 млн. кВт/соат, Ҷ.Балхӣ -2,6 млн. кВт/соат, Шаҳритуз -0,5 млн. кВт/соат, Ҷайҳун - 0,2 млн. кВт/соат, Панҷ -0,1 млн. кВт/соат, ҳаҷми барқи қабулгардида кам гардидааст.

Таҳлили нишондиҳандаи ҳаҷми қувваи барқи қабулгардида муайян менамояд, ки асосан аз ҷониби соҳаҳои саноат 366,5% истифодаи қувваи барқ зиёд гардида, барои рушди соҳаи саноати шаҳру ноҳияҳо замина гузоштааст.

### 6.2. Шумораи насби ҳисобкунакҳои электронӣ

Дар вилоят ҳамагӣ 720617 муштарӣ ба қайд гирифта шуда, аз ин шумора 219858 адад ҳисобкунаки электронӣ ё 30,5% таъмин мебошанд.

Дар семоҳаи аввали соли 2019 бо мақсади дақиқ ба ҳисоб гирифтани қувваи барқ аз ҳисоби таъмини нишондиҳандаи баланди шумораи насби ҳисобкунакҳои электронӣ дар шаҳри Кӯлоб нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта +5606 адад зиёд, шумораи умумии насб 13606 адад, дар шаҳру ноҳияҳои Кушониён +2163 адад (26290 адад), Восеъ +1830 адад (25430 адад), Ҳамадонӣ +1304 адад (10048 адад), Бохтар +1200 адад (9820 адад), Данғара +758 адад (6995 адад), Ҷайҳун +753 адад (12598 адад), Қубодиён +720 адад (20114 адад), Норак +678 адад (7361 адад), Ш.Шоҳин +650 адад (+6400 адад), Темурмалик +504 адад (3960 адад), Балҷувон +400 адад (950 адад), Хуросон +300 адад (13201 адад), Муминобод +234 адад (5445 адад), Ёвон +197 адад (1977 адад), Ҷ.Балхӣ +171 адад (27560 адад), Шаҳритуз +71 адад (188 адад), Н.Хисрав +12 адад (70 адад),Леваканд+-0адад (3400 адад), ба роҳ монда шуда, заминаи таъмини нишондоди рушди энергетика гузошта шуда истодааст.

Бояд зикр намуд, ки дар ноҳияи Вахш дар соли 2018 насби ҳисобкунакҳои электронӣ 12900 ададро ва дар соли 2019, 10077 адад (-2823 адад) ва ноҳияи Панҷ -20 адад (14370 адад) кам гардидаанд.

### 6.3. Қарзи умумии истифодаи барқ

Ба ҳолати 1 апрели соли 2019 маблағи қарзи барқи истифодашуда 631 миллион сомон иро ташкил додааст, ки нисбани ҳамин давраи соли гузашта +54,4 млн. сомонӣ зиёд гардидааст.

Дар ин давра қарздории корхонаҳои буҷавӣ дар маҷмӯъ ба маблағи 31,1млн. сомонӣ (4,9%), корхонаҳои истеҳсоли 80,5 млн.сомони (12,7%) ва аҳолӣ 221,3 млн.сомони (35,0%) ташкил додааст. Афзоиши қарз дар ин давра нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта асосан аз ҳисоби аҳоли + 38,0 млн. сомонӣ ва корхонаҳои буҷавӣ +13,8 млн.сомони ба вуҷуд омадааст

Имконияти молиявии таъмини нишондоди рушди энергетика аз ҳисоби зиёдшавии қарзи истифодаи қувваи барқ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар шаҳру ноҳияҳои Кӯлоб +18,1 млн. сомонӣ (ҳамагӣ қарзи умумӣ 153,1 млн. сомонӣ), Бохтар +13,8 млн. сомонӣ (76,8 млн. сомонӣ), Вахш +9,1 млн. сомонӣ (42,3 млн. сомонӣ), Кушониён +6 млн. сомонӣ (39 млн. сомонӣ), Ёвон +5,6 млн. сомонӣ (40,2 млн. сомонӣ), Леваканд +5,4 млн. сомонӣ (31,2 млн. сомонӣ), Ҷ. Балхӣ +5,2 млн. сомонӣ (23,8 млн. сомонӣ), А.Ҷомӣ +3,9 млн. сомонӣ (54,7 млн. сомонӣ), Восеъ +3,8 млн. сомонӣ (29,1 млн. сомонӣ), Фархор +5,2млн. сомонӣ (12,8 млн. сомонӣ),Ҷайҳун +3,5 млн. сомонӣ (11,6 млн. сомонӣ), Данғара +3,2 млн. сомонӣ (15,3 млн. сомонӣ),Панҷ +3,1 млн. сомонӣ (12 млн. сомонӣ), Қубодиён +2,4 млн. сомонӣ (20,3 млн. сомонӣ), Мир Саид Алӣ Ҳамадонӣ +1,8 млн. сомонӣ (16,7 млн. сомонӣ), Хуросон +1 млн. сомонӣ (12,5 млн. сомонӣ), Ш.Шоҳин +0,9 млн (5,2 млн. сомонӣ), Темурмалик +0,5 млн. сомонӣ (9,4 млн. сомонӣ), Н.Хисрав +0,5 млн. сомонӣ (1,7 млн. сомонӣ) ва Балҷувон +0,2 млн. сомонӣ (0,9 млн. сомонӣ) маҳдуд гардонида шудааст, ки зарурати ҷоннок намудани фаъолият оид ба ҷамъоварии ҳаққи истифодаи қувваи барқ ба миён омадааст.

Танҳо дар шаҳру ноҳияи Норак -1,3 млн. сомонӣ (22,2 млн. сомонӣ), Шаҳритуз -0,5 млн. сомонӣ (23,3 млн. сомонӣ) Муъминобод -93,5 ҳазор сомонӣ (0,8 млн. сомонӣ) камшавии қарзи истифодаи қувваи барқ ба назар мерасад, ки дуруст ба роҳ мондани фаъолияти кориро нишон медиҳад.

Нишондиҳандаи қарзи калони истифодаи қувваи барқ дар шаҳру ноҳияҳои Бохтар, Вахш, Кӯлоб, Қубодиён, Кушониён, Леваканд, Ёвон, Восеъ, Муминобод ва Данғара мавҷуд буда, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва сохтори ҳудудии ШСХК "Барқи Тоҷик" ба миён омадааст.

Дар ҳисоботҳои пешниҳод намудаи шаҳру ноҳияҳои Дӯстӣ ва Фархор маълумот доир ба қарзи истифодаи қувваи барқ омода карда нашудааст.

### 6.4. Фоизи талафоти барқ

Дар семоҳи аввали соли 2019 дар вилоят талафоти барқ 17,9%-ро ташкил додааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта +1% афзоиш ёфтааст.

Корҳои анҷомдода оид ба кам кардани талафоти барқ имкон додааст, ки дар ноҳияи Ҷайҳун 18,4% (-0,4%), Хуросон 16 % (-1%), Шамсиддин Шоҳин 15,2% (-0,2%), Мир Саид Алӣ Ҳамадонӣ 14,2% (-0,6%) ва Восеъ 13,9% (-0,2%)талафоти барқ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта кам гардида, барои расидан ба нишондиҳандаи пешбинӣ намудани Стратегияи миллии рушд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 шароит фароҳам оварда истодааст.

Ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Кӯлоб 20% (+4,6%), А.Ҷомӣ 18% (+1,3%), Данғара 17,6% (+3,7%), Кушониён 16,7 % (+0,5%), Қубодиён 16,5% (+1,5%), Бохтар 15,2% (+2,2%), Балҷувон 15,2% (+2,2%), Вахш 15% (+0,5%), Шаҳритуз 15% (+0,2%), Леваканд 15% (+-0%), Н.Хисрав 15% (+-0%), Ёвон 14,7% (+0,7%), Норак 14,6% (+1,3%), Муминобод 14,3 (+-0%) ва Темурмалик 14,7% (+0,7%) ташкил дода, аз ҳисоби зиёд гардидани талафот нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта, ба таъмини нишондиҳандаи рушди энергетика таъсири манфӣ расонидааст.

Нишондиҳандаи баланди фоизи талафоти барқ дар ноҳияҳои Кӯлоб, Ҷайҳун, А.Ҷомӣ, Данғара, Кушониён, Қубодиён, Хуросон, Бохтар, Балҷувон, Вахш, Шаҳритуз, Ш.Шоҳин, Леваканд, Н.Хисрав, Ёвон, Норак, Муминобод, ва Темурмалик ба назар мерасад, ки пешбинӣ намудани тадбирҳои иловагиро барои таъмиру барқарорсозии воситаҳои барқтаъминкунӣ талаб менамояд.

Дар ҳисоботҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Дӯстӣ, Фархор, Ховалинг ва Панҷ маълумот оид ба фоизи талафоти барқ омода карда нашудааст.

Пешниҳод**:** ШСХК "Барқи Тоҷик", мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он ҷиҳати баланд бардоштани дараҷаи таъминоти ҳисобкунакҳои электронӣ, коҳиш додани талафоти нерӯи барқ, боздошти тамоюли зиёдшавӣ ва кам намудани қарзҳои ҳаққи истифодаи нерӯи барқ, ҳалли масъалаҳои таъминоти қувваи барқ ба маҳаллаҳои навбунёди шаҳру ноҳияҳо чораҳои мушаххас андешида, корҳоро дар ин самт ҷоннок намоянд.

## 7.Ҳифзи амнияти озуқаворӣ
## (банди 3, 10 паём)

**Нишондоди пешакии ҳифзи амнияти озуқаворӣ бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, 7.1 Суръати афзоиши истеҳсоли маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ, 7.2. Истифодаи оқилонаи обу замин, 7.3. Таъмини заминаи содирот ва воридотивазкунии маҳсулоти кишоварзӣ, 7.4. Зиёд намудани масоҳати гармхонаҳои доимоамалкунанда, 7.5. Афзун намудани ҳаҷми содироти маҳсулоти кишварзӣ, 7.6.Зиёд намудани шумораи сардхонаҳо барои нигоҳдории маҳсулоти кишварзӣ, 7.7.Бунёди боғу токзор, аз ҷумла боғҳои интенсивӣ аз ҳисоби заминҳои бекорхобидаву доманакуҳҳо, 7.8. Ҳолати ҷамъоварии маблағҳои ҳаққи хизматрасонии истифодаи оби полезӣ ва ҳаҷми қарздорӣ аз пардохти он, 7.9. Рафти иҷрои барномаҳои давлатии қабулгардидаи соҳаҳои кишоварзӣ, 7.10. Ба роҳ мондани фаъолияти Ассосиатсияи истифодабарандагони об, механизми ба онҳо вобаста кардани шабакаҳои обёрии дохилӣ-хоҷагӣ ва таъсис додани заминаи моддию техникии онҳо, 7.11. Ҷараёни кишти зироатҳои кишоварзӣ, аз ҷумла кишти такрорӣ арзёбӣ гардиданд.**

### 7.1. (7.12) Суръати афзоиши истеҳсоли маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ

Дар се моҳаи аввали соли 2019 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар вилоят ба 520,2 млн сомонӣ расонида шудааст, ки афзоиши он нисбат ба нишондиҳандаи ҳамин давраи соли гузашта 35518 ҳазор сомониро ташкил менамояд.

Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти соҳаи чорводорӣ дар ин давра 515722,3 млн. сомонӣ ва растанипарварӣ 4452,5 млн сомониро ташкил намуда, суръати афзоиш мутаносибан 107,2 фоиз ва 129,1 фоиз таъмин гардидааст.

Аз ҳисоби таъмини нишондиҳандаи баланди суръати афзоиши истеҳсоли маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ нисбати ҳамин давраи соли гузашта дар ноҳияи Вахш 105,2 %, дар ноҳияи Восеъ 106,7 %, дар ноҳияи Балхӣ 107,8 %, дар ноҳияи Н. Хусрав 103,8 % дар шаҳри Бохтар 104,7 % дар ноҳияи Данғара 105,2 %, дар шаҳри Норак 106,5 %, дар ноҳияи Кушониён 107,6 %, ноҳияи Қубодиён 106 %, ноҳияи Ҳамадонӣ 107,1 % дар шаҳри Леваканд 104,8% ҳиссаи онҳо дар таъмини нишондоди ҳифзи амнияти озуқаворӣ назаррас буда, дар боқимонда шаҳру ноҳияҳо низ суръати муайяни афзоиш таъмин карда шудааст.

### 7.2. (7.8, 7.10) Истифодаи оқилонаи обу замин

Дар соли 2018 вобаста ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани заминҳои холимонда ва партов, бо қарорҳои раисони шаҳру ноҳияҳо 3175,21 гектар қитъаҳои замин ба намуди заминҳои корами обӣ, корами лалмӣ гузаронида шудааст, ки гузаронидани кишти баҳорӣ дар онҳо ба таъмини нишондиҳандаи истифодаи оқилонаи обу замин мусоидат намуда, ба афзоиши истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ замина мегузоранд.

Бо дастгирии бевоситаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби Маркази татбиқи васеи лоиҳаи "Обёрии заминҳои Данғара" дар марҳилаи якум 2500 га (соли 2006), марҳилаи дуюм 1750 гектар заминҳои нав азхуд

карда шуда, марҳилаи сеюм дар майдони 1750 гектар ба нақша гирифта шуда, корҳо дар ин самт бо маром рафта истодааст.

Инчунин дар асоси нақшаи азхудкунии заминҳои нави обёришаванда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020 аз ҳисоби лоиҳаҳои инвеститсионӣ дар мавзеъи Қарадуми ноҳияи Ҷайҳун тавассути ҶДММ Иттиҳодияи Аграрии "Водии Заррин" 4065 гектар ба гардиши кишоварзӣ ворид карда шудааст.

Ҳамзамон, дар давраи ҳисоботӣ дар шаҳру ноҳияҳои Шаҳритуз 382 га, Фархор 217 га, Ҷ. Балхӣ 43,6 га, Н. Хусрав 38 га, Восеъ 31,8 га ва Ҳамадонӣ 2 га заминҳои холимонда ва партов ба гардиши кишоварзӣ ворид карда шудаанд.

Арзёбии банди мазкур баъд аз ба охир расидани кишти баҳорӣ дар асоси маълумоти омории шакли 4 сх гузаронида мешавад.

**7.3.** (7.4, 7.5, 7.7, 7,9) **Таъмини заминаи содирот ва воридотивазкунии маҳсулоти кишоварзӣ**

**7.3. Баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳо хусусан пахта ва рушди соҳаи тухмипарварӣ (банди 29 паём, ҚҲҶТ "Дар бораи натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018 ва вазифаҳо барои соли 2019" аз 30.01.2019 с., №39, банди 6);**

Дар вилоят Барномаи рушди соҳаи тухмипарварӣ барои солҳои 2016-2020 қабул гардидааст, ки бо амалигардонии он рушди соҳаи тухмипарварӣ дар вилоят таъмин карда мешавад.

Вобаста ба рушди соҳаи тухмипарварӣ дар вилоят 28 адад хоҷагиҳои махсуси тухмипарварӣ фаъолият мекунанд, ки самти фаъолияти 24 адади онҳоро истеҳсоли пахтаи тухмӣ ташкил медиҳад. Соли гузашта дар 21 адади онҳо аз рӯи 17 навъи пахта дар масоҳати 318 гектар қитъаҳои элитӣ бунёд карда шудааст. Хусусан хоҷагиҳои тухмипарварии "Ҳосилот"-и ноҳияи Бохтар, "Кӯлоб"-и ноҳияи Вахш, ба номи Э. Сатторов ва Эргаш Султонови ноҳияи Дӯстӣ, Ҳамадонӣ ва "Сабз"-и шаҳри Кӯлоб дорои базаи мустаҳками техникӣ мебошанд.

**7.4. Зиёд намудани масоҳати гармхонаҳои доимоамалкунанда**

Дар давраи ҳисоботӣ майдони гармхонаҳо дар вилоят 57,2 гектарро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 5,6 гектар зиёд мебошад.

Ин нишондиҳанда дар шаҳр ва ноҳияҳои Ҳамадонӣ + 0,05 га (0,31 га), Фархор +0,48 га (0,93 га), Леваканд +0,2 га (0,5 га), Восеъ +0,16 га (0,81 га) нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта зиёд гардида, барои таъмини аҳоли шаҳру ноҳияҳо бо сабзавоти тдару тоза ва барои кам намудани воридоти маҳсулот аз хориҷи кишвар мусоидат намудааст.

Дар ноҳияҳои А. Ҷомӣ +/-0 (3,3 га), Муминобод +/-0 (0,1 га), Вахш +/-0 (0,6 га), Хуросон +/-0 (1 га), Н. Хусрав +/-0 (3,2 га) масоҳати гармхонаҳо дар сатҳи соли гузашта боқи монда бетағйир буда, инчунин дар дигар шаҳру ноҳияҳои вилоят барои васеъ намудани масоҳати он бояд чораҳои иловаги андешида шавад.

### 7.5. Афзун намудани ҳаҷми содироти маҳсулоти кишварзӣ,

Дар баробари зиёд гардидани маҳсулоти дохила дар ҳудуди шаҳр ва ноҳияҳои вилоят ба ҳолати 1 апрели соли ҷорӣ 750,2 тонна маҳсулот ба давлатҳои Афғонистон, Ироқ, Туркия ва Қирғизистон содирот карда шудааст, ки ин раванд дар давоми соли ҷорӣ бо маром афзоиш ёфта, содироти он низ ба хориҷи кишвар зиёд карда мешавад.

### 7.6. Зиёд намудани шумораи сардхонаҳо барои нигоҳдории маҳсулоти кишварзӣ, ҷамъоварии маблағҳои ҳаққи хизматрасонӣ

Дар ҳудуди шаҳру ноҳияҳои вилоят 37 адад сардхонаҳо бо ғунҷоиши 17830 тонна маҳсулот ва 22 адад анборхонаҳо бо ғунҷоиши 4202 тонна маҳсулоти кишоварзӣ мавҷуд буда, ҳамасола дар ин анбору сардхонаҳо меваю сабзавот барои дар сатҳи зарурӣ нигоҳ доштани нархи бозор захира карда мешаванд.

Дар семоҳаи аввали соли 2019 нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар шаҳр ва ноҳияҳои вилоят ба ғайр аз ноҳияи Восеъ (+1) сохтмон ва ба истифода додани сардхонаҳо ба назар нарасида, дар ноҳияи Восеъ 1 адад сардхона бо иқтидори 640 тонна, Муминобод 1 адад бо хунҷоиши 100 тонна, Темурмалик 1 адад бо ғунҷоиши 150 тонна маҳсулоти кишоварзӣ, Ҷайҳун 12 адад сардхонаҳо, Ҷомӣ 1 адад мавриди истифода қарор дода мешаванд, ки барои зиёд намудани шумораи онҳо марҳила ба марҳила андешидани чораҳои зарурирo талаб намуда, пешгирии талафоти маҳсулоти кишоварзи ба роҳ монда шавад.

### 7.7.Бунёди боғу токзор, аз ҷумла боғҳои интенсивӣ аз ҳисоби заминҳои бекорхобидаву доманакуҳҳо

Бо мақсади иҷрои Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2015, №793 «Дар бораи Барномаи рушди соҳаи боғу токпарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020» соли равон тибқи нақша дар ҳамаи сохторҳои хоҷагидории вилоят 1025 гектар боғу токзорҳои нав, аз ҷумла дар заминҳои лалмӣ 891 гектар бунёд гардида, иҷрои нишондиҳандаи Барномаи рушди соҳаи боғу токпарвариро 67,9 фоиз таъмин менамояд. Инчунин дар ин давра 227,0 гектар боғҳо ва 105,0 гектар токзорҳо барқарор ва дар майдони 8,5 гектар боғҳои интенсивӣ бунёд гардид, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 8,5 гектар зиёд мебошад.

Аз ҷумла бунёди боғу токзори нав дар шаҳру ноҳияҳои Данғара 160 га, Фархор 155 га (аз ҷумла 1 га интенсивӣ), Муминобод 100 га, , Темурмалик 88 га, Ш. Шоҳин 70 га, Балҷувон 58,0 га, Кулоб 50 га, Шаҳритуз 36 га, Қубодиён 18,7 га, Ҷомӣ 18 га, Норак 13 га, Ҳамадонӣ 15 га, Восеъ 13,8 га, Н. Хусрав 0,10 га рост омада, микдори муайяни боғу токзорҳои нав дар заминаҳои бекорхобида ва доманакуҳо бунёд карда шудааст.

### 7.8. Ҳолати ҷамъовари маблағҳои ҳиққи хизматрасонии оби полезӣ вва ҳаҷми қарздори аз пардохти он.

Дар вилоят қарзи ҳаққӣ истифодаи оби полезӣ ҳамагӣ 68,7 млн сомонӣ, аз ҷумла нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ноҳияҳои Фархор +1,2 млн.

сомонӣ (5,8 млн. сомонӣ), Ҷ. Балхӣ +1,0 млн. сомонӣ (8,6 млн. сомонӣ), Шаҳритуз +0,7 млн. сомонӣ (2,9 млн. сомонӣ), Вахш +0,5 млн. сомонӣ (1,4 млн. сомонӣ), Н. Хусрав +0,3 млн. сомонӣ (3,4 млн. сомонӣ), Восеъ +0,27 млн. сомонӣ (1,8 млн. сомонӣ), Қубодиён +0,26 млн. сомонӣ (2,7 млн. сомонӣ) зиёд гардидааст, ки ҷонок намудани фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатии ин ноҳияҳо ва сохтори ҳудудии Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тақозо намуда, таъминоти молиявии соҳаро маҳдуд гардонидааст.

Ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Ҷайҳун -0,6 млн. сомонӣ (3,9 млн. сомонӣ), Леваканд - 80 ҳазор сомонӣ (270 ҳазор сомонӣ), Ҳамадонӣ - 60 ҳазор сомонӣ (1,05 млн. сомонӣ) нисбати ҳамин давараи соли гузашта кам гардида самараноки фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатии ин шаҳру ноҳияҳо ва сохтори ҳудудии Агенти беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Ттоҷикистон тақозо намуда, таъминоти молиявии соҳаро таъмин намудааст.

### 7.9. Рафти иҷрои барномаҳои давлатии қабулгардидаи соҳаҳои кишоварзӣ (банди 30 паём), (тухмипарварӣ, хушзоткунӣ мубoризаи зидди малах, картошкапарварӣ ва ғайра).

Бояд қайд намуд, ки амалигардонии барнеомаҳои соҳаи кишоварзӣ ба ғайр аз тухми парварӣ дар вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он беҳбудиро талаб менамояд, ки ба таъмини ҳифзи амнияти озуқавории мамлакат таъсири манфӣ мерасонад.

Бинобар ин мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он барои дарҷи амалигардонии барномаҳои соҳаи кишоварзӣ дар ҳисоботҳои худ ва дар ҳудуди вилоят мавриди амал қарор додани онҳо, андешидани чораҳои зарурӣ ҷиҳати ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳои таъхирнопазир андешанд.

### 7.10. Ба роҳ мондани фаъолияти Асотсиатсияи истифодабарандагони об механизми ба онҳо вобаста кардани шабакаҳои обёрии дохилӣ – хоҷагӣ ва таъсис додани заминаҳои моддию техникии онҳо

Дар шаҳру ноҳияҳои вилоят 136 адад Ассосиатсияи истифодабарандагони об ташкил карда шуда, 134 адади он фаъолият дорад. Ҷиҳати ба роҳ мондани фаъолияти механизми ба онҳо вобаста намудани шабакаҳои обёрии дохилихоҷагӣ корҳои баҳисобгирии воситаҳои асосӣ ба роҳ монда шудааст.

### 7.11. Ҷараёни кишти зироатҳои кишоварзӣ, аз ҷумла кишти такрорӣ арзёбӣ гардиданд.

Тибқи маълумотҳои таҳлилгардида дар ин давра, дар ҳудуди шаҳр ва ноҳияҳои вилоят дар майдони 124,4 ҳазор гектар кишти ғалладонагиҳо гузаронида шудааст, ки 99,3 фоизи дурнаморо ташкил додааст.

Дар майдони 54870 гектар кишти зироатҳои техникӣ, аз он ҷумла 47553 гектар пахта, 4328 гектар зағир, 428 гектар офтобпараст, 2562 гектар дигар зироатҳои техникӣ гузаронида шудааст, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта 9447 гектар зиёд мебошад.

Кишти полезӣ низ 60 фоиз таъмин гардида, дар майдони 6661 гектар кишт гузаронида шудааст.

Кишти картошка зери назорати доимӣ қарор дошта, дар ин давра 5636 гектар кишт гузаронида, иҷроиши дурнаморо 93,9 фоиз таъмин намудааст.

Ҳамзамон, ба ҳолати 1 апрели соли равон дар майдони 214,2 ҳазор гектар кишти тирамоҳӣ ва баҳории зироатҳои кишоварзӣ гузаронида шуд, ки 70,1 фоизи дурнаморо ташкил дода, нисбати ҳамин давраи соли гузашта 14539 гектар зиёд мебошад ва кишти баҳории зироатҳо дар шаҳру ноҳияҳои вилоят идома доранд.

**Пешниҳод:** мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он, Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои суръати афзоиши истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, истифодаи оқилонаи обу замин, таъмини заминаи содирот ва воридотивазкунӣ, бунёди боғу токзор дар доманакӯҳҳо, амалигардонии барномаҳои давлатии қабулгардидаи соҳаи кишоварзӣ мусоидат намоянд.

## 8. Рушди соҳаи сохтмон ва меъморӣ (банди 87-и паём)

**Нишондоди пешакии рушди соҳаи сохтмон бо нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, 8.1. Фароҳам овардани шароити беҳтари зиндагӣ ба аҳолӣ, 8.2. Сохтмон ва таъмиру тармими манзилҳои истиқоматии шахсони яккаву танҳо, маъюбон, пирони барҷомонда, ятимон ва оилаҳои камбизоат арзёби гардиданд.**

### 8.1. (8.1, 8.2, 8.3, 8.4) Фароҳам овардани шароити беҳтари зиндагӣ ба аҳолӣ, 8.1. Таъмин намудани марказҳои маъмурии шаҳру ноҳияҳо бо инфрасохтор ва иншооти муҳандисӣ бо дар назардошти рушди минбаъдаи онҳо аз ҳисоби ҷалби сармоягузории дохилию хориҷӣ

Дар 3 моҳи соли 2019, аз ҳамаи манбаъҳо азхудкунии маблағгузориҳои асосӣ ҷиҳати рушди инфросохтор ва фароҳам овардани шароити созгор барои аҳолии сатҳи маҳал нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта афзоиши сармояи асосӣ 155,9 % (454,0 миллион сомонӣ), ба кор андохтани фондҳои асосӣ 118,4 % (90,8 миллион сомонӣ) ташкил додааст.

Аз 25 шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон 21 шаҳру ноҳияҳо дорои нақшаҳои генералии азнав тасдиқшуда буда, нақшаҳои генералии ноҳияи Мир Саид Алии Ҳамадонӣ барои тасдиқ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, барои нақшаи генералии ноҳияи Шаҳритус мувофиқаи вазорату идораҳои ҷумҳурияви ба анҷом расид. Барои ноҳияи Данғара ва Фархор аз ҷониби ҶСК «Шаҳрофар» таҳияи нақшаҳои генерали ҷараён дорад.

Дар шаҳри Бохтар ва ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ нақшаи муфасали маркази шаҳр ва шаҳрак қисман таҳрези шуданду халос дар дигар шаҳру ноҳияҳо бошад ба ин масъала диқати ҷидди намедиҳанд, ки оқибат ба қонуншиканиҳо бетартибона бунёд гардидани бинову иншоотҳо оварда

мерасонад, ки пешбинӣ намудани тадбирҳои мушаххас аз ҷониби дигар шаҳру ноҳияҳои вилоят зарур мебошад.

### 8.2. Ба истифодадиҳии манзилҳои истиқоматӣ ва афзоиши манзили зист ба як сари аҳолӣ

Дар ҳудуди вилоят дар ин давра аз ҳисоби аҳолӣ 509 адад хонаҳои истиқоматӣ дар масоҳати 59,2 ҳазор метри мураббаъ сохта, мавриди истифода қарор дода шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 106,3 фоизро ташкил додааст.

Ҳамзамон, манзил, ки ба як сари аҳолӣ рост меояд, аз ҷумла хонаҳои истиқоматӣ дар шаҳр ва ноҳияҳои Ёвон +689 м$^2$ ( ҳамагӣ 9445 м$^2$), Кулоб +1694 м$^2$ (2887 м$^2$), Кушониён +1711 м$^2$ (2843 м$^2$), Қубодиён +1570 м$^2$ (8170 м$^2$), Ҷайҳун +560 м$^2$ (1252 м$^2$), Фархор +4003 м$^2$ (1333 м$^2$) ва Вахш +814 м$^2$ (1430 м$^2$) нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта зиёд гардида, барои беҳтар намудани вазъи таъминот бо манзили зисти шаҳрвандон мусоидат намудааст.

### 8.3. Вобаста ба ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон рафти бунёди иншооти ҷашнӣ

Аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он ҷиҳати иҷрои Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 майи соли 2018, №АП-1059 оид ба корҳои ободониву бунёдкори ба муносибати 30- солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои назаррас ба анҷом расонида шудааст.

Муайян карда шуд, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳр ва ноҳияҳои вилоят дар асоси амри мазкур санадҳои меъёри ҳуқуқии дахлдор ва нақшаи чорабиниҳои худро таҳия ва тасдиқ намудаанд. Қайд кардан ба маврид аст, ки бо мақсади сазовор пешвоз гирифтани ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳудуди шаҳр ва ноҳияҳои вилоят сохтмони 6226 адад инфрософхторҳои зарурӣ, бинову иншоотҳо ба нақша гирифта шуда ба ҳолати 1 апрели соли 2019, дар 1714 адади он корҳои сотмони ба анҷом расидааст, ки аз шумораи умумӣ 27,5 фоизро ташкил медиҳад, дар 2402 адад бинову иншоот корҳои сохтмони ҷараён дошта дар 2110 адад иншоотҳо корхо бо сабабҳои гуногун оғоз нагардидааст.

Бояд қайд намуд, иншоотҳои сохташаванда дар доираи нақша чорабиниҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳр ва ноҳияҳои вилоят аз қабили муассисаҳои томактабӣ 102 адад, муассисаҳои таҳсилоти умумӣ 277 адад, китобхона 92 адад, қасри фарҳанг 28 адад, боғи фарҳангӣ 30 адад, гӯлгашт 33 адад, беморхона 39 адад, бунгоҳи тиббӣ 280 адад, маркази тиббӣ 90 адад, тавалудхона 24 адад, нуқтаи хатнасуркунӣ 188 адад, дорухона 162 адад, толори варзишӣ 80 адад, майдончаи варзишӣ 300 адад, майдончаи бозии кӯдакон 57 адад, меҳмонхона 71 адад, сартарошхона 550 адад, ҳамом 298 адад, кошонаи ҳусн 188 адад, маркази савдо 343 адад, маркази хизматрасонӣ 433 адад, корхонаи коркарди шир 24 адад, коргоҳи дӯзандагӣ 123 адад, дукони ҳунармандӣ 76 адад, коргоҳи духти либоси мактабӣ 12 адад, коргоҳи қолинбофӣ 2 адад, коргоҳи атласбофӣ 4 адад,

коргоҳи адрасбофӣ 7 адад, таъмири роҳҳо 1271,6 км/194 адад, сохтмон ва таъмири пулҳо 77 адад, кашидани ҳатҳои баркӣ 208 км/63 адад, чароғонкунии кӯчаҳо 316 адад, шинонидани трансформатор 4 адад, кашидани хати оби нӯшокӣ 157 адад, дигар бинову иншоотҳо 1266 ададро ташкил медиҳад.

### 8.4. Вазъи таъминоти аҳолӣ бо қитъаи замини наздиҳавлигӣ, дараҷаи қонеъ гардонии муроҷиати шаҳрвандон бо қитъаи замини наздиҳавлигӣ

Қайд намудан ба маврид аст, ки бо мақсади таъмини оилаҳои эҳтиёҷманд бо қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят тибқи қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2009, ба ҳолати 18 марти соли 2019, 9915,94 гектар замин ҷудо гардида, 8381,20 гектари он ба оилаҳои эҳтиёҷманд тақсим карда шудааст, ки 85 фоизро ташкил медиҳад. Дар ин давра, шумораи оилаҳои эҳтиёҷманд 182757 нафарро ташкил намуда, аз ин бо қитъаи замини наздиҳавлигӣ 78092 нафар таъмин карда шудаанд, ки 43 фоизро ташкил медиҳад. Қитъаҳои замини тақсимнашуда то ин давра 1505,06 гектарро ташкил намудааст.

Вобаста ба муроҷиати шаҳрвандон оид ба гирифтани қитъаҳои замини назди ҳавлигӣ, маълумотҳо дар банди 2.1.3 дарҷ гардидааст.

### 8.5. Сохтмон ва таъмиру тармими манзилҳои истиқоматии шахсони яккаву танҳо, маъюбон, пирони барҷомонда, ятимон ва оилаҳои камбизоат

Аз ҷониби муассисаҳои коммуналии вилоят дар давоми семоҳаи аввали соли ҷорӣ таъмири 147 адад биноҳои истиқоматӣ гузаронида шудааст.

Вобаста ба дастгирии шахсони яккаву танҳо ва оилаҳои камбизоат муайян карда шуд, ки давоми се моҳи сипаригардида аз ҷониби мақомоти дахлдори шаҳр ва ноҳияҳои Кулоб ба 32 нафар оилаҳои эҳтиёҷманд тибқи муқаррарот қитъаи замин ҷудо гардида, 14,957 нафар барои гирифтани қитъаи замини наздиҳавлигӣ дар навбат номнавис шудаанд. Дар ин давра 8 хонаҳои баландошёна таъмир карда шудааст, ки истиқоматкунандагони онҳо асосан оилаҳои эҳтиёҷман мебошанд.

Ҳамзамон, дар самти расодинадани кумакҳои иҷтимоӣ ба оилаҳои эҳтиёҷманд дар ноҳияҳои Темурмалик ба 64 нафар, Фархор ба 97 ба маблағи 15190 сомонӣ, Ҷайҳун ба 55 нафар шаҳрвандони эҳтиёҷманд кумакҳои унвонӣ расонида шудааст.

Дар давраи ҳисоботӣ шумораи оилаҳои осебпазири ба сохтмон ва таъмири манзилҳои истиқоматӣ ниёзманд дар ноҳияи Фархор 10319 нафар, Н. Хусрав 304 нафар муайян карда шуда, ёрдами молиявӣ расонида нашудааст, ки андешидани чораҳои таъхирнопазир ба миён омадааст,

Дар оилаҳои осебпазири ба сохтмон ва таъмири манзилҳои истиқоматӣ ниёзманд дар ноҳияҳои Вахш ба 689 нафар, 12800 сомонӣ, Ҷайҳун 3516 нафар, 16023 сомонӣ, Қубодиён 1182 нафар, 2500 сомонӣ, Шаҳритуз 946 нафар, 942 сомонӣ маблағи кумакҳои хайриявӣ расонида шуда, ҳолати иҷтимоии гурӯҳи осебпазири ин шаҳру ноҳияҳо беҳтар гардонида шудааст.

Вобаста ба масъалаи мазкур аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳр ва ноҳияҳои вилоят маълумоти дахлдор пешниҳод нагардидааст.

**Пешниҳод**: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳияи нақшаи генералии шаҳру ноҳияҳо, беҳтар намудани манзили зист, таъмини нақшаи корҳои ободонӣ бахшида ба ҷашни 30 солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, кам намудани эҳтиёҷмандони қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ ва таъмини иҷрои супориши Нусха аз Протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.11.2018 с., №12 банди 19 тадбирҳои зарурӣ андешанд.

## 9.Рушди инфрасохтор ва нақлиёт
## (бандҳои 26 ва 14-и паём)

**Нишондоди пешакии рушди соҳаи сохтмон бо нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, 9.1. (9.1) Масофаи таъмири роҳҳо, 9.2.(9.3, 9.4) Дастрасии аҳолӣ ба хизмати нақлиёти ҷамиятӣ/хусусӣ дар ҳудуди шаҳру ноҳия, шаҳраку деҳот, 9.3(9.5) Ҳаҷми мусофиркашонӣ ва боркашонӣ арзёби гардиданд.**

### 9.1. (9.1) Масофаи таъмири роҳҳо
### 9.1 Таъмиру таҷдиди роҳҳои маҳаллӣ бо истифода аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳо

Дар семоҳаи аввали соли 2019 аз тарафи муассисаҳои давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди шаҳру ноҳияҳои вилоят бо истифода аз захираҳои худӣ 5,1 километр роҳҳо таъмири асосӣ, 716,2 километр таъмири ҷорӣ, 262,2 километр сангфарш ва 15 адад пул бо дарозии 150 метр ба маблағи 9 миллиону 887 ҳазор сомонӣ таъмир карда шудааст. Аз он ҷумла; аз тарафи соҳибкорон  0,32  километр таъмири асосӣ, 13,02 километр таъмири ҷорӣ ва 262,2  километр сангфарш, 15 пул бо дарозии 150  метр, ба маблағи 5миллиону 108 ҳазор сомонӣ корҳо ба анҷом расонида шуда, нишондиҳандаи масофаи таъмини роҳҳоро дар сатҳи муайян таъмин намудааст.

Нишондиҳандаҳои мазкур дар шаҳр ва ноҳияҳои Балҷувон 31,1  км сангфарш , Балхӣ 1,2 км таъмир, 2 км сангфарш, Бохтар аз ҳисоби соҳибкорон 2,6  км сангфарш ва бо маблағи мақомот 340 метр  асфалтпӯш, Вахш 2 км роҳ таъмири асосӣ ва 28,7 км роҳҳо таъмири ҷорӣ,   Данғара 323 км сангфарш ва таъмир аз ҳисоби сармояи хориҷӣ 14,1 км, таъмир аз ҳисоби соҳибкорон 15,7 км ва сангфарш 5,7 километр Дустӣ  аз ҳисоби соҳибкорон 12,0 км таъмир, Қубодиён  аз ҳисоби соҳибкорону саҳми аҳолӣ тариқи ҳашар 2 адад пул сохтан,  Кулоб  10 км роҳҳои байниноҳиявӣ ва 5 км роҳҳои автомобилгарди дохили таъмири ҷорӣ таъмин карда шуда, дар дигар шаҳр ва ноҳияҳои вилоят таъмиру тармими роҳҳои маҳаллӣ ба роҳ монда шудааст.

## 9.2. (9.3, 9.4) Дастрасии аҳолӣ ба хизмати нақлиёти ҷамиятӣ/хусусӣ дар ҳудуди шаҳру ноҳия, шаҳраку деҳот

Баҳри дастрасии аҳолӣ ба хизмати нақлиёти ҷамъиятӣ дар вилоят ҳамагӣ 27 ҷамъиятҳои нақлиётӣ мавҷуд буда, 8508 адад воситаҳои нақлиёти гуногунтамға бо иҷозатнома дар ҳудуди шаҳру ноҳияҳо ва шаҳраку деҳот ба аҳолӣ хизмат расонида истодаанд.

Дар давраи ҳисоботӣ бо мақсади ҷалби сармояи дохиливу хориҷӣ ҷиҳати татбиқи амалии лоиҳаҳо оид ба сохтмони терминалҳои наздисарҳадӣ ва марказҳои логистикӣ, инчунин ба роҳ мондани системаи хизматрасониҳои иттилоотии логистикӣ дар Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон вохӯрии гуруҳи кории Шӯрои ҳамоҳангсозӣ оид ба рушди соҳаи нақлиёт бо иштироки шарикони рушд ва намояндагони бонкҳои байналмилалӣ (JICA, USAID, GiZ, БАТР, БОР, БУ) баргузор гардида, лоиҳаҳои афзалиятнок тариқи дурнамо муаррифӣ ва барои ҷалби сармоя пешниҳод карда шуда, таъсиси маркази логистикии байналмилалии Панҷи Поён дарназар дошта шудааст.

Бояд қайд намуд, ки аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳр ва ноҳияҳои вилоят дар ҳисоботҳояшон маълумоти дахлдор вобаста ба дастрасии аҳолӣ ба хизмати нақлиёти ҷамъиятӣ ва хусусӣ маълумотҳо омода накардаад.

## 9.3. (9.5) Ҳаҷми мусофиркашонӣ ва боркашонӣ

Дар 3 моҳи соли 2019 ҳаҷми боркашонӣ дар ҳудуди шаҳр ва ноҳияҳои вилоят 5 миллиону 301 ҳазор тонна ё худ 99,3 фоизро ташкил намуда, ҳаҷми мусофиркашонӣ 23 миллиону 554 ҳазор нафар ё худ 104,2 фоизи суръати афзоишро ташкил додааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 ҳаҷми боркашонӣ 39,4 ҳазор тонна кам ва ҳаҷми мусофиркашонӣ бошад 946 ҳазор нафар зиёд мебошад.

Дар давраи ҳисоботӣ дар ноҳияи Ёвон боркашонӣ 139,3 % (17745 ҳаз.тн/км) ва мусофиркашонӣ 100,1% (980,6 ҳаз. нафар), шаҳри Бохтар 123,6% (470 ҳаз. тн/км) ва 128,5% (2207 ҳаз. нафар), нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта зиёд гардидааст.

Нишондиҳандаи баланди таъмини мусофиркашонӣ ва боркашонӣ дар шаҳру ноҳияҳои Данғара, Дустӣ, Кулоб ва Норак ба назар мерасад, ки афзоиши суръати гардиши савдо таъмин шуда, ба рушди иқтисодӣ мусоидат намудааст.

Ин нишондиҳанда дар самти боркашонӣ дар ноҳияи Вахш 99,5% ва шаҳри Леваканд 98,7% -ро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта кам гардидааст, ки мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин ноҳияро зарур аст, ҷиҳати баланд бардоштани нишондиҳанда тадбирҳои зарурӣ андешанд.

Дар 3 моҳи соли ҷорӣ аз истгоҳҳои роҳи оҳани вилоят тариқи роҳи оҳани минтақаи Хушодӣ-Термез 5 вагон ба андозаи 287 тонна семент берун аз кишвар содирот шуда, 512 вагон бо андозаи 31582 тонна маҳсулотҳои гуногун ворид шудааст. Дар ин муддат тариқи роҳи оҳан ба 11600 нафар мусофир хизмат расонида шудааст. Бояд қайд кард, ки дар ҳудуди вилоят 13 истгоҳи роҳи оҳан мавҷуд буда, ҳамаи онҳо аз таъмир бароварда шудаанд. Дар истгоҳҳои Шаҳритуз, Ҷ.Балхӣ, Хатлон, Данғара, Кулоб, Ёвон ва

Бурёбоф ҳамаи шароитҳо барои содироту воридоти борҳо ва қабулу гусели мусофирон шароитҳои мусоид фароҳам оварда шудаанд.

Дар соҳаи нақлиёти ҳавоӣ бошад миқдори хатсайрҳои хизматрасонида дар ҶСК «Фурудгоҳи байналмилалии Кулобу Бохтар» дар 3 моҳи 2019 сол 162 рейсро ташкил намудааст, ҳаҷми хизматрасонӣ ба мусофирон бошад 42494 нафарро ташкил намуда, 652 тонна бағоҷ интиқол дода шудааст.

**Пешниҳод:** мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он бо ҷалби соҳибкорон ҷиҳати таъмиру азнавсозии роҳҳои дохилии шаҳру ноҳияҳо чораҳо андешида, бо Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои беҳтар намудани дастрасии аҳолӣ ба хизматрасонии нақлиётӣ ва афзоиши ҳаҷми мусофиркашонӣ, боркашонӣ ва амалии лоиҳаҳо оид ба сохтмони терминалҳои наздисарҳадӣ ва марказҳои логистикӣ, ҳалли мушкилоти мавҷуда ҳамкориҳоро зичтар намоянд.

## 10. Рушди соҳаи алоқа ва технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ

**Нишондоди пешакии рушди соҳаи алоқа ва технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ аз нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ 10.1. Дастрасии аҳолӣ (нафар ва %-и аз аҳолии умумӣ) ба Интернет 10.2. Ҳолати амалишавии шакли электронии дафтари хоҷагидорӣ**

### 10.1.(10.1, 10.2) Дастрасии аҳолӣ (нафар ва %-и аз аҳолии умумӣ) ба Интернет

Дар давраи ҳисоботӣ тибқи талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10.07.2017, №344 «Дар бораи Қоидаҳои ягона барои сомонаҳои расмии вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар Шабакаи интернет» дар фазои иттилоотии вилоят 26 сомонаи расмии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳо ва 15 сомонаи ташкилоту муассисаҳои вилоятӣ (раёсатҳои маориф, тандурустӣ, фарҳанг, ҷавонон ва варзиш, раёсати зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилоят, Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа, шуъбаи рушди сайёҳии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят, шуъбаи асноди ҳолати шаҳрвандии раёсати ҳолати асноди шаҳрвандии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон, рӯзномаҳои вилоятии «Хатлон», «Новый Хатлон», Палатаи савдои вилоят, Шӯрои иттифоқҳои касабаи вилояти Хатлон, Суди вилояти Хатлон, Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон, минтақаҳои озоди иқтисодии Данғара ва Панҷ) дар домени «tj» сомонаҳои расмиии худро таъсис дода, фаъолият доранд.

Талаботи қарори мазкур аз мадди назари масъулони мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот ва ташкилоту муассисаҳои дигари вилоят дур мондааст, ки ҷоннок намудани фаъолият ва таъмин намудани супориши қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён омадааст.

Дар давраи сипаригардидаи соли 2019 фаъолияти сомонаҳои ноҳияҳои Кӯшониён (37 мавод), Шамсиддин Шоҳин (35 мавод), Носири Хусрав (32 мавод), Ҷалолиддини Балхӣ (26 мавод), Шаҳритуз (26 мавод), Қубодиён (24 мавод), Ҷайҳун (24 мавод), Фархор (24 мавод), Панҷ (23 мавод), Ҳамадонӣ

(23 мавод) ба ҳисоби миёна дар 2 - 2,5 рӯз як мавод дар сатҳи қаноатбахш ба роҳ монда шуда, фаъолгардонии кори рӯзмарраи сомонаҳо ва дар онҳо ҷой намудани хабару гузоришҳо аз фаъолияти рӯзмарраи соҳаҳо хоҷагии халқи маҳал дар шаҳру ноҳияҳои Балҷувон, Данғара, Норак, А.Ҷомӣ, Вахш, Ховалинг, Хуросон, Дӯстӣ, Восеъ ва Ёвон ҳанӯз ҳам ба беҳбудӣ ниёз доранд.

Шумораи истифодабарандагони алоқаи мобилӣ ва шабакаи «Интернет» дар шаҳри Кӯлоб 42000 нафар ва дар ноҳияҳои Қубодиён 26739 нафар, Восеъ 23437 нафар, Хуросон 25000 нафар, Ҷайҳун 64 нафар ва Шаҳритуз 15000 нафарро, дастрасии аҳоли ба шабакаи интернет дар шаҳру ноҳияҳои Леваканд 56 %, Балҷувон 34,5 %, Ёвон 33,3 %, Темурмалик 26 %, Фархор 15 % ва Данғара 1,8 %-ро ташкил дода, дар сатҳи муайян дастрасии аҳолии ин шаҳру ноҳияҳоро ба воситаҳои алоқа ва шабакаи интернет таъмин карда шудааст.

Оид ба масъалаи зерин дар ҳисоботи ҷамъбастии шаҳрҳои Луваканд, Норак ва ноҳияҳои Балҷувон, Вахш, Дустӣ, Кушониён, Муъминобод, Панҷ, Темурмалик, Ҳамадонӣ, Ховалинг, А. Ҷомӣ, Ҷ. Балхӣ, Ёвон, Н. Хусрав ва Фархор маълумот омода нагардидааст.

### 10.2. Номгӯи хизматрасониҳои давлатие, ки дар шакли электронӣ пешкаш карда мешаванд.

Шумора ва номгӯи хизматрасониҳои давлатие, ки дар шакли электронӣ пешкаш карда мешаванд, аз ҷумла истифодаи шакли электронии дафтари хоҷагидорӣ баҳисоб меравад.

Оиди шумораи хизматрасонӣ тариқи почтаҳои электронӣ, ҳаминро қайд намудан заруруаст, ки дар асоси барнома аз ҳисоби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ба 25 шаҳру ноҳияҳои вилоят якададӣ компютер бо таҷҳизотҳои лозима барои истифодаи ҳуҷатгузорӣ тариқи почтаи электронӣ тақдим карда шуд, ки айни замон байни мақомотҳо фаъолияти хуб дошта ва инчунин 6 почтаҳои электронӣ дар домени (tj) дар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон фаъолият доранд, ки ба самаранокии фаъолияти мақомоти идоракунии маҳаллӣ таъсири мусбӣ расонидааст.

Доир ба банди мазкур дар ҳисоботҳои шаҳру ноҳияҳои вилоят маълумот омода карда нашудааст.

**Пешниҳод:** Мақомоти иҷроия маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он дар якҷоягӣ ба Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар сохторҳои дахдор ҷиҳати таъмини дастрасии аҳолии ноҳия ва деҳоти дурдаст ба шабакаи интернет, таҷҳизоти муосири техникии сабт ва танзимкунии мавҷҳои телевизионӣ, кадрҳои касбӣ чораҷӯи намоянд.

## 11.Вусъати шуғли пурмахсул

**Нишондоди пешакии рушди соҳаи алоқа ва технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ аз нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, 11.1. Ҳолати бозори меҳнат ва муҳоҷирати меҳнатӣ, 11.2. Баргузор намудани**

**ярмаркаҳои ҷойҳои корӣ барои коҳиш додани сатҳи бекорӣ ва муҳоҷирати меҳнатӣ, пешниҳоди ҷойҳои кории холӣ дар ярмаркаҳо аз ҷониби ташкилотҳо ва бо ҷойи кории доимӣ таъмин гардидани бекорон, 11.3. Фаъолияти марказҳои таълимии калонсолон ба касбомӯзӣ фаро гирифтани калонсолон, гурӯҳҳои осебпазир, аз ҷумла занону ҷавонон ва таъмини шуғлнокии онҳо, 11.4. Рафти таъсиси ҷойҳои корӣ, таъсиси марказҳои рушди ҳунарҳои мардум ва равнақи таъмини "усто – шогирд" ба омӯзиши касбу ҳунарҳои мардумӣ ҷалб намудани занону духтарон ва шаҳрвандони бешуғл дар деҳоти кишвар арзёби гардиданд.**

### 11.1.(11.1, 11.2, 11.4) Ҳолати бозори меҳнат ва муҳоҷирати меҳнатӣ ва баргузор намудани ярмаркаҳои ҷойҳои корӣ

Таҳлили вазъи бозори меҳнат нишон медиҳад, ки дар се моҳи соли 2019 11741 нафар ба мақомотҳои Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии шаҳр ва ноҳияҳои вилоят муроҷиат намуданд, ки 9488 нафарашон расман ба қайд гирифта шуда ба 6352 нафар мақоми бекорӣ дода шудааст. Дар ин давра 5134 нафар ба ҷойҳои кори доимӣ, мавсимӣ ва муваққатӣ тавассути роҳхатҳои мақомоти шуғли аҳолӣ таъмин гардиданд.

Дар давраи ҳисоботӣ шумораи бекорони расман ба қайд гирифта нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар шаҳру ноҳияҳои Вахш +26 нафар (306 нафар ҳамагӣ шумораи бекорон),Шаҳритуз +20 нафар (327 нафар), Норак +33 нафар (738 нафар) зиёд гаштааст, ки андешидани чораҳоро барои паст намудани сатҳи бекорӣ тақозо менамояд.

Самаранокии гузаронидани ярмаркаҳои ҷои кори холӣ дар ноҳияҳои Шаҳритуз 46,2 %, Қубодиён 34,7 %, Восеъ 29,1 %, Ҳамадонӣ 37 % ва шаҳри Кулоб 29,4 % дар сатҳи паст қарор дошта барои баланд бардоштани он дар якҷоягӣ бо мақомоти марказии соҳа пешбинӣ намудани тадбирҳо зарур мебошад.

Ташкили ҷойҳои нави корӣ дар қиёс ба шумораи бекорони расман ба қайд гирифташуда, дар ноҳияи Фархор 2,2 маротиба (494 ҷои корӣ таъсис дода шудааст), Ховалинг 105 % (285 ҷой), Носири Хусрав 2 маротиба (339 ҷой), Қубодиён 168 % (1262 ҷой), ташкил дода барои шумораи бекорони бақайдгирифта шуда ҷойи корӣ муҳаё карда шуда бошад ҳам, сабабҳои таъмин нагардидани бекорон ба ҷойҳои корӣ омӯзиши иловагиро талаб менамояд.

Ҳамзамон, дар шаҳри Норак 0 % (738 нафар бекорон расман ба қайд гирифташуда, ҷои корӣ таъсис дода нашудааст), Леваканд 0 % (283 нафар бекорони расман ба қайд гирифташуда, ҷои корӣ таъсис дода нашудааст), Восеъ 70,6 % (ҷои корӣ таъсис дода нашудааст), Ҷомӣ 286 нафар бекорони расман ба қайд гирифта шуда, тибқи ҳисоботҳо ҷои корӣ таъсиси дода нашудааст, ки дар сатҳи паст қарор доштани таъмини шумораи бекорони ба қайд гирифташуда бо ҷои корӣ шаҳодат медиҳад.

Вазни қиёсии шумораи муҳоҷирони меҳнатии ба қайд гирифташуда нисбат ба аҳолии қобилияти меҳнатӣ дошта дар се моҳи соли ҷорӣ нисбат ба аввали сол дар шаҳру ноҳияҳои Фархор - 0,8 %, (6,4) ҳамагӣ дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарор доранд, Ховалинг -0,43 % (3,6 %), Носири Хусрав - 0,1 % (17,3 %), ро ташкил медиҳад, ки аз чораҳои саривақтӣ андешидаи ин

шаҳру ноҳияҳо барои кам намудани шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ нишон медиҳад.

Дар ноҳияи Қубодиён +10,7 % (20,8 %) ин нишондиҳанда зиёд гаштааст,ки мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияро зарур аст, ки дар таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва беҳтар намудани вазъи рушди иҷтимоию иқтисодӣ чораҳои иловагӣ андешанд.

**11.3. Фаъолияти марказҳои таълимии калонсолон ба касбомӯзӣ фаро гирифтани калонсолон, гурӯҳҳои осебпазир, аз ҷумла занону ҷавонон ва таъмини шуғлнокии онҳо**

Фаъолияти марказҳои таълимии калонсолон дар шаҳрҳои Бохтар, Кӯлоб ва ноҳияҳои Данғара, Темурмалик, Ёвон, Қубодиён, Фархор, Шамсиддин Шоҳин, Дустӣ ва 4 адад намояндагии онҳо дар маҳал, инчунин филиалҳои корхонаҳои воҳиди давлатии «Маркази омӯзиши модулӣ» дар шаҳри Кӯлоб ва «Маркази касбомӯзии соҳибкорӣ» дар шаҳри Норак аз рӯи 34 намуди ихтисос фаъолият намуда истодаанд.

Дар семоҳаи якуми соли 2019 оид ба фаро гирифтани шаҳрвандон ба касбомӯзӣ 2742 нафар хоҳишмандон барои гирифтани ихтисосҳои гуногун ба курсҳои махсуси кӯтоҳмуддат фаро гирифта шуданд, ки 46,5 фоизи нақшаи солонаи барномавиро ташкил дода, аз инҳо 2257 нафар занон ва 1681 нафар ҷавонон мебошанд.

**11.4. Рафти таъсиси ҷойҳои корӣ, таъсиси марказҳои рушди ҳунарҳои мардум ва равнақи таъмини "усто – шогирд" ба омӯзиши касбу ҳунарҳои мардумӣ ҷалб намудани занону духтарон ва шаҳрвандони бешуғл дар деҳоти кишвар (Нусха аз Протколи маҷлиси ҲҶТ аз 21.01.2019 с., №1 банди 27);**

Бояд ёдовар шуд, ки дар маълумотҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳр ва ноҳияҳои вилоят вобаста ба масъалаи муайян намудани "Усто - шогирд" маълумотҳо омода карда нашудаанд.

**Пешниҳод**: Ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он зарур аст, дар ҳамкорӣ бо Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои баланд бардоштани дараҷаи бо ҷойи кор таъмин намудани шаҳрвандони корҷӯй ва бекор, таъмини самаранокии гузаронидани ярмаркаҳои ҷойи кории холӣ, васеъ намудани фарогирии шаҳрвандон ба омӯзиши касбу ҳунарҳо ва вусъат додани хунарҳои мардумӣ, аз ҷумла бо роҳи усто-шогирд тадбирҳои мушаххас андешанд.

## 12. Рушди сармояи инсонӣ (маориф)
## (бандҳои 38, 50-и паём)

**Нишондоди пешакии рушди маориф бо нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, 12.1.(12.1) Беҳтар намудани ҳолати муассисаҳои таълимӣ, таъминот бо китобҳои дарсӣ, 12.2. (12.2) Фарогирии кудакони то синни мактабӣ бо таҳсилоти то мактабӣ, 12.3. (12.3) Устувор гардонидани пояҳои моддию техникии муассисаҳои таълимӣ, 12.4. (12.4, 12.6) Баланд бардоштани сифати таълим, 12.5. Сатҳи таъминоти хонандагон бо либосҳои мактабии истеҳсоли ватанӣ арзёби гардиданд.**

### 12.1.(12.1) Беҳтар намудани ҳолати муассисаҳои таълимӣ, таъминот бо китобҳои дарсӣ

**12.1. (12.2) Бунёди мактабҳои нав, сохтмони синфхонаҳои иловагӣ, рафти таъсиси муассисаҳои томактабӣ ва барқарорсозии муассисаҳои таълимии садамавӣ ва инфрасохтори муассисаҳои таълимӣ хусусан дар деҳоти дурдаст.**

Дар вилоят дар соҳаи маориф то таҷлили ҷашни 30 - солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон 510 иншоот аз ҷумла, 63 муассисаи томактабӣ, 156 муассисаи таҳсилоти умумӣ, 169 бинои иловагӣ дар назди муассисаҳои таълимӣ ва дар назди 122 муассисаи таълимӣ синфхонаҳои иловагӣ ба нақша гирифта шудааст, ки барои баланд бардоштани рушди соҳаи маориф мусоидат менамояд.

Дар ноҳияҳои Восеъ 7 адад, Фархор 7 адад, Муминобод 5 адад, Вахш 2 адад, Ҳамадонӣ 1 адад, Кушониён 1 адад, ва муассисаҳои таълимӣ дар ҳолати садамавӣ карор дошта ҳамчун омили боздорандаи рушди соҳа бартараф карда шаванд.

Ба ҳолати имрӯза дар шаҳру ноҳияҳои вилоят 144 адад муассисаҳои томактабӣ бо фарогирии 15582 нафар ва 767 Маркази рушди кӯдак бо фарогирии 18334 нафар кӯдакон фаъолият менамоянд. Дар маҷмӯъ фарогирии кӯдакон дар муассисаҳои томактабӣ ва марказҳои рушди кӯдак дар вилоят 33 ҳазору 916 нафарро ташкил медиҳад, ки нисбат ба ҷамъбасти соли 2018, 453 нафар кӯдак зиёд мебошад.

Зиёдшавии муассисаҳои томактабӣ дар вилоят аз ҳисоби шаҳри Кӯлоб ва ноҳияи Кӯшониён ба амал омадааст.

Дар ин давра дар муассисаҳои таълимии ноҳияҳои вилоят аз ҷумла дар ноҳияҳои Восеъ 2 Марказ бо фарогирии 50 нафар, Хуросон 8 - 160 нафар, Қубодиён 1- 8, Ҷалолиддини Балхӣ 1 - 20, Темурмалик 1 - 30, Ховалинг 2- 30, Шаҳритуз 8 - 98, Шамсиддини Шоҳин 2 - 24 ва Балҷувон 2 - 33 таъсис дода шудааст, ки дар маҷмуъ 27 Маркази рушди кӯдак бо фарогирии 453 нафар кӯдаконро ташкил медиҳад.

Фоизи фарогирии кӯдакон ба муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ дар шаҳр ва ноҳияҳои вилоят якҷоя бо Маркази инкишофи кӯдакони синни томактабӣ ва норасогии китобҳои дарсӣ мувофиқи ҳисоботҳои нимсолаи соҳаи маориф муайян карда шуда арзёбии фаъолияти мақомоти иҷроияи махаллии ҳокимияти давлатӣ гузаронида мешавад.

### 12.3. (12.3) Устувор гардонидани пояҳои моддию техникии муассисаҳои таълимӣ

**12.3. Фароҳам овардани шароити мусоид барои устувор гардонидани пояҳои моддию техникии муассисаҳои таълимӣ (компютер, тахтаи электронӣ)**

**ва ҷалби васеи истеъдодҳои ҷавонон ба омӯзиши технологияҳои муосир ва корҳои эҷодиву техникӣ, сатҳи фаъолияти марказҳои дарёфт ва рушди истедодҳо, технологияҳои иттилоотӣ коммуникатсионӣ (банди 38 паём).**

Дар муассисаҳои таҳсилоти асосӣ ва миёнаи умумии шаҳр ва ноҳияҳои вилоят 22149 компютер ва 3844 принтер таъмин мавҷуд мебошад.

Дар соли 2019 дар шуъбаи маориф ва муассисаҳои таълимии шаҳру ноҳияҳои вилоят 3907 адад компютер, 212 адад тахтаи электронӣ бояд харидорӣ карда шаванд, дар 3 моҳи соли 2019 шуъбаҳои маориф, муассисаҳои таълимии шаҳру ноҳияҳои вилоят аз 3907 компютер 166 адад (4%) ва аз 212 тахтаи электронӣ 8 адад ( 4%) нақшаро харидорӣ карда шудааст, ки барои таъмини нишондиҳандаи устувор гардонидани пояҳои моддию техникии муассисаҳои таълимӣ мусоидат менамояд.

Дар муассисаҳои таълимии вилоят 3649 компютери таъмирталаб мавҷуд мебошад, ки 17 % теъдоди компютерҳоро ташкил медиҳад, ки барои бартараф намудани ин норасогиҳо тадбирҳои зарурӣ ба миён омадааст.

Арзёбии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон доир ба банди мазкур дар шашмоҳа бо маълумотҳои ҷадвали 28 пурра ба роҳ монда мешавад.

### 12.4. (12.4, 12.6) Баланд бардоштани сифати таълим

**12.4. Корҳои анҷомдода барои баланд бардоштани сифати таълим дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот (кабинетҳои фаннӣ) ва бартараф намудани норасоӣ кадрҳои омӯзгорӣ, гузаронидани такмили ихтисоси омӯзгорон, ҳавасмандгардонии омӯзгорони ҷавон.**

Вобаста ба баланд бардоштани сатҳи дониши хонандагон корҳои муайяне дар муассисаҳои таълимии шаҳр ва ноҳияҳои вилоят ба роҳ монда шудааст.

Аз тарафи филиалҳои донишкадаҳои вилоят 165 курс бо фарогирии 2390 нафар, 13 семинар бо фарогирии 363 нафар шунавандагон гузаронида шудааст.

Дар 3 моҳи соли 2019 аз тарафи филиалҳои Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар шаҳри Бохтар 52 курс бо фарогирии 1348 нафар шунаванда, 9 семинар бо теъдоди 263 нафар шунаванда ва дар шаҳри Кӯлоб 43 курс бо фарогирии 1042 нафар ва 4 семинари мақсаднок бо фарогирии 100 нафар шунаванда гузаронида шудааст, ки нишондиҳандаи баланд бардоштани сифати таълимро таъмин намудаст.

Ҷиҳати бартараф намудани норасогии омузгорон дар муассисаҳои таълимии ноҳияҳои Данғара ба 17, Муъминобод ба 6, Ховалинг ба 25, Ҷалолиддини Балхӣ ба 7, Ёвон ба 2, Носири Хусрав ба 8 нафар омӯзгорони ҷавон замини наздиҳавлигӣ таъмин намуда, ноҳияи Данғара ба 2 нафар омӯзгорӣ ҷавон замини полезӣ, ноҳияҳои Данғара ба 6, Ховалинг ба 8, Абдураҳмони Ҷомӣ ба 11 ва шаҳри Норак ба 1 нафар омӯзгорони ҷавон қарзи имтиёзнок дода шудааст, ки ваколати мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин шаҳру ноҳияҳо дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” пешбинӣ гардида мавриди иҷро қарор дода шудааст.

### 12.5. Сатҳи таъминоти хонандагон бо либосҳои мактабии истеҳсоли

Тибқи нақшаи тасдиқшудаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 ноябри соли 2018, №08/4-319 оид ба бастани шартнома миёни шуъбаҳои маориф ва корхонаҳои дӯзандагии ватанӣ дар соли таҳсили 2019-2020, ба ҳолати 11 феврали соли 2019 аз 364537 ҷуфт нақша, 348637 ҷуфт шартнома баста шудааст, ки 96%-и нақшаи пешбинишударо ташкил додааст.

### 12.6 Тадбирҳои андешидашуда ҷиҳати боло бурдани сатҳу сифати омӯзиши илмҳои муосир ва забонҳои хориҷӣ: русӣ, англисӣ ва ғайра арзёбӣ гардиданд.

Соли таҳсили 2018-2019 дар муассисаҳои таълимии шаҳру ноҳияҳои вилоят 6315 нафар (нисбат ба соли гузашта 675 нафар зиёд), аз ҷумла 3604 нафар омӯзгорони фанни забони русӣ (нисбат ба соли гузашта 333 нафар зиёд) ва 2711 нафар омӯзгорони фанни забони англисӣ (нисбат ба соли гузашта 342 нафар зиёд) ба таълиму тарбияи хонандагон машғул гардидаанд, ки барои таъмини ни боло бурдани сатҳу сифати омӯзиши илмҳои муосир ва забонҳои хориҷӣ: русӣ, англисӣ замина гузоштааст.

Соли ҷорӣ аз 79 нафар омӯзгороне, ки дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ намерасанд, 15 нафар аз фанни забони англисӣ аз ноҳияҳои Шамсиддини Шоҳин 4, Темурмалик, Балҷувон, Шаҳритуз, Ёвон 2 нафарӣ, Хуросон, А.Ҷомӣ, шаҳри Норак 1 нафарӣ ва 10 нафар аз фанни забони русӣ аз ноҳияҳои Восеъ, Вахш, Хуросон 2 нафарӣ, Темурмалик, Шаҳритуз, А.Ҷомӣ ва Ёвон 1 нафарӣ мебошанд, ки ҳамкории мақомоти иҷроияи махаллии хокимияти давлатии ин шаҳру нохияхо ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати бартараф намудани норасоии кадрӣ пурзур карда шавад.

**Пешниҳод:** мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он, дар ҳамкорӣ бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъмиру таҷдиди муассисаҳои таҳсилоти садамавӣ, бартараф намудани норасоии омӯзгорон ва китобҳои дарсӣ, васеъ намудани фарогирии кудакон ба муассисаҳои томактабӣ чораҷӯӣ намоянд.

## 13. Рушди соҳаи тандурустӣ

**Нишондоди пешакии рушди соҳаи тандурустӣ аз нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, 13.1. (13.1) Сатҳи хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ, 13.2. Ҷараёни пешгирии ҳолатҳои сироятии ВНМО/ВНМБ ва сил, аз ҷумла дигар касалиҳои сироятӣ, 13.3. Рафти иҷрои Барномаҳои кафолатҳои давлатӣ оид ба таъмини аҳолӣ бо кӯмакӣ тиббию санитарӣ дар ноҳияҳои таҷрибавии ҶТ барои солҳои 2017-2019 (банди 46 паём)**

### 13.1. (13.1) Сатҳи хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ

**13.1. Бунёди беморхонаву марказҳои саломатӣ ва дигар иншооти тандурустӣ дар шаҳру ноҳияҳо, шаҳрак ва деҳот ва ҳалли масъалаҳои норасоӣ кадрҳои тиббӣ дар маҳалҳо ва деҳоти дурдаст.**

Дар ҳудуди шаҳр ва ноҳияҳои вилоят 1610 муассисаҳои тиббӣ аз ҷумла: 114 адад муассисаҳои госпиталӣ, 1147 муассисҳои КАТС ва 312 адад дигар марказҳои тиббӣ фаъолият доранд.

Шумораи табибон дар вилоят 3671 нафарро ташкил додааст ва кормандони миёнаи тиббӣ бошад 17493 нафарро ташкил медиҳад, аз он мутахассисони дорои маълумоти олии тиббӣ 962 нафарро, ташкил медиҳад.

Бояд қайд намуд, ки дар вилоят норасоии кадрҳои соҳаи табиби кудакона, асаб, рӯҳшиносӣ, неанотолог, акушер гинекологҳо, рентгенологҳо, наркологҳо, силшиносон ва табибони оилавӣ ба назар мерасад.

Вобаста ба ин дар ҳудуди шаҳр ва ноҳияҳои вилоят ҳамагӣ 3018 нафар курси бозомузии тибби оилавиро хатм намуданд, ки аз ин шумора 814 нафар табибони оилавӣ ва 2204 нафарашонро ҳамшираҳои тибби оилавиро ташкил медиҳанд.

Талабот ба мутахассисони соҳаи тиб дар давраи ҳисоботӣ дар шаҳр ва ноҳияҳои Бохтар 127 (103), Балҷувон 77 (нисбат ба соли гузашта бе тағйир +/-0), Вахш 10 (10), Восеъ 145 (146), Данғара 93 (93), Ёвон 49 (40), Қубодиён 6 (6), Кушониён 44 (41), Левакант 8 (6), Муминобод 80 (84), Н. Хусрав 2 (2), Норак 41 (39), Панҷ 10 (10), Темурмалик 15 (12), Ҳамадонӣ 25 (23), Хуросон 13 (14), Ҷомӣ 5 (6), Ш. Шоҳин 53 (51) ва Шаҳритуз 7 (9) нафарро ташкил дода, ба сатҳи хизматрасонии тиббии сифатнок ба аҳолӣ таъсири манфӣ расонида, ба ҳамкории мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин шаҳру ноҳияҳо ва Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ барои ҳаллӣ норасоӣ тақвият бахшида шавад.

### 13.2. Ҷараёни пешгирии ҳолатҳои сироятии ВНМО/ВНМБ ва сил, аз ҷумла дигар касалиҳои сироятӣ

#### Сил

Шумораи беморони сил дар сатҳи вилоят дар се моҳи соли 2019 ба 359 нафар расида, нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 9 ҳодиса кам шудааст.

Ҳолатҳои бақайдгирии касалии сил дар давоми соли ҷорӣ дар шаҳру ноҳияҳои Балхӣ 17 нафар, Балҷувон 6 нафар, Бохтар 17 нафар, Вахш 34 нафар, Восеъ 50 нафар, Данғара 13 нафар, Ёвон 14 нафар, Қубодиён 1 нафар, Кулоб 44 нафар, Кушониён 2 нафар, Леваканд 10 нафар, Муминобод 9 нафар, Н.Хусрав 1 нафар, Норак 7 нафар, Темурмалик 12 нафар, Ҳамадонӣ 15 нафар, Хуросон 131 нафар, Ҷайҳун 16 нафар, Ҷомӣ 17 нафар, Шоҳин 3 нафар ва Шаҳритуз 20 нафарро ташкил додааст.

Зарурати пурзӯр намудани корҳо дар пешгирӣ намудани беморииi сироятии сил дар ноҳияҳои Хуросон, Вахш ва Шаҳритуз ба миён омадааст.

**ВНМО**

Аз руи маълумотҳои ҷамъбасти соли 2018 муайян карда шуд, ки дар шаҳр ва ноҳияҳои Ҳамадонӣ 109 нафар, Панҷ 102 нафар, Шаҳритуз 96 нафар, Ҷ.Балхӣ 94 нафар, Вахш 88 нафар, Кӯлоб 72 нафар, Дӯстӣ 60 нафар, Муъминобод +58 нафар, Ҷайҳун 52 нафар, Темурмалик 48 нафар, Леваканд 42 нафар, Восеъ 36 нафар, Ш.Шоҳин 35 нафар, Кушониён 28 нафар, Фархор 24 нафар, Ёвон 23 нафар, Қубодиён 21 нафар, Бохтар 14 нафар, Ховалинг 14 нафар, А.Ҷомӣ 13 нафар, Данғара 12 нафар, Хуросон 7 нафар, Н.Хисрав 1 нафар ва Балҷувон 1 нафар гирифтори бемории ВНМО ба қайд гирифта шудаанд, ки зарурати пурзӯр намудани корҳо дар пешгирӣ намудани касалиҳои сироятии гирифторони бемории ВНМО ба миён омадааст.

Даршаҳр ва ноҳияҳои ҳудуди вилоят дар маҷмуъ 21 марказҳои пешгирӣ ва мубориза бар зидди БПНМ (Маркази мубориза бар зидди бемории ВНМО дар вилояти Хатлон) фаъолият доранд, ки самаранокии фаъолияти онҳо барои пешгирии ин беморӣ мксоидат намуда истодааст.

**13.3.Рафти иҷрои Барномаҳои кафолатҳои давлатӣ оид ба таъмини аҳолӣ бо кӯмакӣ тиббию санитарӣ дар ноҳияҳои таҷрибавии ҶТ барои солҳои 2017-2019 (банди 46 паём);**

Баҳри амалишавии «Барномаи миллии тавонбахшии маъюбон барои солҳои 2017-2020» ва ба мақсади таъмини иҷрои фармоиши Вазорати тандурустӣ аз 7 январи соли 2013, №9 «Оид ба татбиқ намудани қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 октябри соли 2012, №543 «Дар бораи Номгӯи нишондодҳои тиббие, ки ба кӯдакони маъюби то 18-сола ҳуқуқи гирифтани нафақаи иҷтимоӣ медиҳанд» аз 9941 нафар кӯдакони маъюбе, ки дар қайди мутахассисони шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббии санитарии шаҳру ноҳияҳо то 1 январи соли 2018 қарор доштанд, дар соли 2018, 219 нафар ё 2,2 % онҳо солим гардонида шудаанд.

Дар ин давра, 655 нафар кӯдакони маъюб ба синни 18 сола даромада, ки аз 58 нафари онҳо маъюби гирифта, 597 нафари онҳо ба Хадамоти давлатии ташхиси тиббии иҷтимойи барои муайян намудани гуруҳи маъюби равона карда шудаанд.

Ҳамзамон дар ҳисоботҳои мақомотҳои иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои вилоят оид ба рафти амалигардонии «Барномаи кафолатҳои давлатӣ оид ба таъмини аҳолӣ бо кӯмаки тиббию санитарӣ дар ноҳияҳои таҷрибавии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017 - 2019» маълумот омода нагардидааст.

**Пешниҳод:** мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ барои пешгирии касалиҳои сироятӣ (хусусан сил, ВНМО) чораҳои иловагӣ андешида, ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи хизматрасонии тиббӣ бо роҳи бартараф намудани норасоиҳои табибони дорои тахассуси дараҷанокӣ, дастрасии табибон ба аҳолӣ, бунёди иншоотҳои тиббӣ дар маҳалҳо ва амалигардонии «Барномаи кафолатҳои давлатӣ оид ба таъмини аҳолӣ бо кӯмаки тиббию санитарӣ дар ноҳияҳои таҷрибавии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017 - 2019» мусоидат намоянд.

**Соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ**

**13.5.(13.5,13.6,13.7) Хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба шаҳрвандони дар ҳолати душвор қарор дошта (гуруҳи осебпазир) арзёби мегардад.**

**13.5.(13.6, 13.7) Хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба шаҳрвандони дар ҳолати душвор қарор дошта (гуруҳи осебпазир),**

**13.5. Корҳои анҷомдода ҷиҳати ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ гуруҳҳои осебпазири аҳолӣ, дар навбати аввал ятимону маъюбон шахсони бесарубонмондаву эҳтиёҷманд ва нафақахӯрону собиқадорон (банди 48 паём, Нусха аз Протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.11.2018 с., №12 банди 19)**

Дар вилоят 45000740 оилаҳо ҳамчун оилаи камбизоат ба қайд гирифта шудаанд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 1224 оила зиёд гардидааст.

Ҷараёни пардохти кӯмакпулиҳои иҷтимоию унвонӣ ва васеъ намудани хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба оилаҳои камбизоат ва оилаҳои дар ҳолати душвори зиндагӣ қарор дошта дар вилоят тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 3 июни соли 2014, №437 "Дар бораи идома ва ҷори намудани механизми таҷрибавии кӯмаки унвонии иҷтимоӣ ба оилаҳо ва шаҳрвандони камбизоат" дар семоҳаи аввали соли 2019 бо назардошти соли гузашта 36416 оила ба маблағи 2,3 млн маблағгузори карда шудааст.

Шумораи оилаҳои камбизоат дар шаҳри Бохтар 709 оила буда, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта (- 115), шаҳри Норак 337 оила (-63), ноҳияи Ҷайҳун 2768 (-587), ноҳияи Данғара 3289 оила (-10), Шоҳин 1035 (-11), ноҳияи Муминобод 21 оила (+-0) оила нисбат ба соли гузашта кам гашта, ё бетағйир мондааст, ки самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро дар таъмини рушди иҷтимоию иқтисодӣ нишон медиҳад.

Зиёдшавии шумораи оилаҳои камбизоат нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар ноҳияи Балҷувон 6 (+1), Вахш 4095 (+338), ноҳияи Восеъ 2010 оила (+48), ноҳияи Қубодиён 3764 оила (+7) шаҳри Кулоб 5577 оила (+224), Кушониён 5828 оила (+214), шаҳри Леваканд 979 оила (+60), Н. Хусрав 285 оила (+50), Панҷ 530 оила (+92),Ҳамадонӣ 3572 (+137), Хуросон 2741 (+281), Шаҳритуз 858 (+263) нафар ба назар расида, барои баланд бардоштани нишондиҳанда тадбирҳои иловагӣ андешида шаванд.

**13.5 (13.6) Ҷараёни пардохти кӯмакпулиҳои иҷтимоию унвонӣ ва васеъ намудани хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба шаҳрвандони дар ҳолати душвор қарор дошта**

Дар се моҳи соли 2019 аз тарафи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят, шаҳру ноҳияҳо, ташкилоту муассисаҳои вилоят, шахсони саховатпеша, соҳибкорон, дар арафаи ҷашнҳои давлатӣ ба маблағи 3241,5 ҳазор сомонӣ кӯмакҳои моддию молиявӣ ба оилаҳои ниёзманд расонида шудааст.

Дар вилоят 3 адад Муассисаҳои давлатии будубоши доимӣ, 2 адад марказҳои минтақавии хизматрасонии иҷтимоӣ ва 16 адад шуъбаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ фаъолият намуда 638 нафар кормандон ба 2368 нафар бошандагон хизмат мерасонанд ва ҳамаи онҳо аз нафақа, кӯмакпулиҳои яквақтаина, дастгириҳои моддию пулӣ саривақт бархурдор мебошанд.

Бо мақсади пардохти кӯмакпулиҳои иҷтимоию унвонӣ ва васеъ намудани хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба оилаҳои камбизоат ва оилаҳои дар ҳолати душвори зиндагӣ қарор дошта, дар вилоят тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 3 июни соли 2014, №437 "Дар бораи идома ва ҷори намудани механизми таҷрибавии кӯмаки унвонии иҷтимоӣ ба оилаҳо ва шаҳрвандони камбизоат" дар семоҳаи аввали соли 2019 бо назардоти соли гузашта 36416 оила ба маблағи 2,3 млн маблағгузори карда шудааст.

**13.7. Иҷроиши барномаҳои соҳавии қабулшуда дар самти ҳифзи иҷтимоӣ аҳолӣ;**

Дар самти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 июни соли 2018, №328 "Дар бораи Барномаи давлатии расонидани кумакҳои унвонии иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018 - 2020" ва аз 23 августи соли 2016, №368 "Дар бораи Накшаи чорабиниҳо оид ба татбиқи Консепсияи рушди низоми хизматрасонии иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015 - 2020" ба тасвиб расидааст, ки самти соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолиро ба танзим медарорад, дар шаҳр ва ноҳияҳои вилоят мавриди амал қарор дода шудааст вале дар ҳисоботҳои онҳо маълумот оид ба иҷроиши барномаҳои соҳавии қабулшуда омода карда нашудааст.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ барои дастгирии моддию молиявии гурӯҳҳои осебпазир, кам намудани шумораи оилаи камбизоат, фароҳам овардани муҳити дастрас барои маъюбон, амалигардонии барномаҳои соҳавии қабулшуда дар самти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ҳамкориҳоро тақвият бахшанд.

## 14. Рушди соҳаи фарҳанг
## (банди 36-и паём)

**Нишондоди пешакии рушди соҳаи алоқа ва технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ аз нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, 14.1. Бунёд, таҷдид ва азнавсозии муаҳуссисаҳои соҳаи фарҳанг, инчунин мактабҳои мусиқии бачагон ва таъмини онҳо бо таҷҳизотҳо, 14.2. Таъмиру таҷдиди ёдгориҳои таърихиву фарҳангӣ дар шаҳру ноҳияҳо, бо ҷалби соҳибкорону сармогузорон бунёд намудани инфрасохтори сайёҳӣ дар гирду атрофи онҳо, арзёбӣ гардиданд.**

Барои таъмини нишондиҳандаи рушди соҳаи фарҳанг оид ба бунёд, таҷдид ва азнавсозии муаҳуссисаҳои соҳаи фарҳанг, инчунин мактабҳои мусиқии бачагон ва таъмини онҳо бо таҷҳизотҳо дар ноҳияи Восеъ 6 бинои китобхонаҳои деҳотӣ азнавсозӣ, 4 муассисаи клубӣ таъмир гардида, ноҳияи Муъминобод сохтмони китобхона, дар шаҳри Норак таъмири бинои китобхонаи марказӣ, дар ноҳияи Шаҳритуз таъмири китобхонаи бачагона, дар ноҳияи Вахш сохтмони китобхона, дар ноҳияи Қубодиён 2 бино аз ҳисоби масчидҳои ғайрирасмӣ ба китобхонаҳои деҳот, дар шаҳри Бохтар мактаби санъати бачагонаи шаҳри аз нав сохта шуда, бо тамоми таҷҳизотҳои лозима ва асбобҳои мусиқӣ таҷҳизонида шуда, самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин шаҳру ва ноҳияҳои барои рушди соҳаи фарҳанг таъмин гардида истодааст.

**14.2. Таъмиру таҷдиди ёдгориҳои таърихиву фарҳангӣ дар шаҳру ноҳияҳо, бо ҷалби соҳибкорону сармогузорон бунёд намудани инфрасохтори сайёҳӣ дар гирду атрофи онҳо, арзёбӣ гардиданд.**

Дар ҳисоботи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳр ва ноҳияҳои вилоят оид ба иҷроиши банди мазкур маълумот омода нагардидааст.

**15. Маълумот оид ба таъмини аҳолӣ бо оби тоза, беҳдошт ва дастрасӣ ба хизматрасониҳои коммуналӣ: (банди 2, 32-и паём)**

**Нишондоди пешакии рушди соҳаи алоқа ва технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ аз нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, 15.1. (15.1, 15.2) Дараҷаи таъминоти аҳолӣ бо оби тоза, 15.2. (15.3) Таъмини иҷрои Барномаи ислоҳоти соҳаи об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020, 15.3 (15.4) Гузаронидани чорабиниҳо вобаста ба Даҳсолаи байналмилалии “Об барои рушди устувор, 2018-2028” дар маҳал ҷиҳати ҷалби сармоягузорон арзёбӣ гардиданд.**

**15.1. (15.1, 15.2) Дараҷаи таъминоти аҳолӣ бо оби тоза,**

**15.1. (15.1) Нишондиҳандаҳои таъмини аҳолӣ бо оби тоза (ҳиссаи дастрасии аҳолӣ ба оби ошомиданӣ дар сатҳи ҷамоатҳо ва маҳаллаҳои аҳолинишин дар муқоиса ба нишондиҳандаҳои ҳамин давраи соли гузашта**

Дар давраи ҳисоботӣ нишондиҳандаи баланди дараҷаи таъминоти аҳолӣ бо оби тоза дар шаҳру ноҳияҳои Кӯлоб 88%, Ш.Шоҳин 75%, Бохтар 73,7%, Дӯстӣ 64%, Муминобод 64%, А.Ҷомӣ 63%, Ховалинг 62,3%, Восеъ 61%, Леваканд 61% ва Данғара 51,2% ба назар мерасанд.

Ин нишондиҳанда дар ноҳияҳои Вахш 48%, М.С.А.Ҳамадонӣ 41,6%, Ҷ.Балхӣ 41%, Темурмалик 39%, Ҷайҳун 37,5%, Балҷувон 35%, Кӯшониён 31%, Фархор 29,3%, Н.Хусрав 28,4%, Панҷ 26,7%, Қубодиён 23,4%, Шаҳритуз 22,5%-ро ташкил додааст, ки барои баланд бардоштани он вусъат бахшидани корҳоро оид ба таҳияи лоиҳаҳои инвеститсионӣ ҷиҳати ҷалби сармоягузории беруна ва дохила талаб менамояд.

Вобаста ба ин, дар вилоят 1480,8 ҳазор нафар аҳолӣ (46%), аз ҷумла 378,3 ҳаз. нафар аҳолии шаҳр ва шаҳракҳо (68,6%), 1102,4 ҳаз. нафар аҳолии деҳот (42%) бо оби тозаи нӯшокӣ таъмин мебошанд.

**Қарзи истифодаи оби нӯшокӣ**

Бақияи қарзи оби истифодашуда ва канализатсия ба ҳолати 1 апрели соли 2019, 29,1 млн сомониро ташкил додааст аз ҷумла дар шаҳру ноҳияҳои Вахш 0,04 млн. сомонӣ, Кушониён 0,07 млн. сомонӣ, Кулоб 0,126 млн. сомонӣ, Қубодиён 0,78 млн. сомонӣ, Ҷайҳун 1,2 млн. сомонӣ, Н. Хусрав 1,2 млн. сомонӣ, Ҳамадонӣ 0,03 млн сомонӣ, Ховалинг 0,4 млн сомонӣ, Фархор 0,096 млн сомонӣ ва дигар шаҳру ноҳияҳои вилоят мавҷуд буда, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳоро зарур аст, ки ҷиҳати кам намудани бақия қарз чораҳо андешанд.

### 15.1. (15.2.) Корҳои анҷомдодашуда, ҷиҳати баланд бардоштани дастрасии аҳолӣ бо оби ошомиданӣ

Вобаста ба масъалаи мазкур бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷалби сармоягузории хориҷӣ барои баланд бардоштани дараҷаи таъминоти аҳолӣ бо оби нӯшокӣ дар ноҳияи Ёвон 6,25 млн. доллари ИМА, дар ноҳияи М.С.А.Ҳамадонӣ 14,2 млн. доллари ИМА, дар шаҳрҳои Бохтар, Кӯлоб ва ноҳияи Данғара 6,1 млн. доллари ИМА ба роҳ монда шуда, амалигардонии он марҳила ба маҳила таъмин гардида истодааст.

Татбиқи лоиҳаҳои сохтмони обанборҳои иловагӣ бо мақсади тоза нигоҳ доштани иншооти обрасонӣ ва сарчашмаҳои оби ошомиданӣ ба дурнамои нишондиҳандаҳои сохтмони асосӣ аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои маблағгузорӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят барои солҳои 2018-2020 дохил гардида, иҷрои он марҳила ба марҳила ба анҷом расонида мешавад.

### 15.2. (15.3) Таъмини иҷрои Барномаи ислоҳоти соҳаи об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020,

Дар робита ба иҷрои барномаи мазкур, қарори раиси вилояти Хатлон аз 17 январи соли 2019, №18 ва нақша-чорабиниҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ба тасвиб расида, бахри амалисозии он ба ҳама шаҳру ноҳияҳои вилоят барои корбарӣ ва пешниҳоди маълумот фиристода шудааст.

Ҳамзамон, ҷиҳати иҷрои банди 32-и нақша чорабиниҳои Паём ва Барномаи ислоҳоти соҳаи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2025 бо мақсади таъмини аҳолӣ, махсусан аҳолии деҳот бо оби босифати нӯшиданӣ бо ҷалби сармоягӯзорҳои дохилию хориҷӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят ва беҳтар гардидани дастрасии аҳолии деҳот бо оби нӯшокӣ дар се моҳи сипаригардида як қатор корҳои таъмиру барқарорсозии иншоотҳои обтаъминкунӣ амалӣ гардонида шудааст.

Аз он ҷумла бо дастгирии ташкилоти «Наҷоти Арал» дар деҳаи Туябуёни деҳоти «Корез»-и ноҳияи Данғара дар масофаи 2,6 км қубури полиэтилении Д-75 мм ба маблағи 120000 сомонӣ ба хати оби нӯшокӣ пайваст карда шудааст, ки 1000 нафар аҳолии ин деҳа бо оби ошомиданӣ таъмин гардиданд.

Бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, тибқи лоиҳа дар деҳаи Оқгазаи деҳоти «Гулистон»-и шаҳри Левакант хати оби нӯшокӣ ва корҳои тоза намудани канали таъминоти об ба маблағи 400 ҳазор сомонӣ ичро гардида, зиёда аз 5000 ҳазор аҳолии деҳаи Оқгаза бо оби нӯшокӣ таъмин гардидааст.

Инчунин бо дастгирии молиявии ташкилоти байналмиллалии «АСТЕД» ва ҷалби дигар ташкилотҳои ғайридавлатӣ қубурҳои хати оби нӯшокии маҳаллаи Боҳтуробод ба маблағи 10090 сомонӣ аз нав таъмиру барқарор карда шуда, дар маркази шаҳри Левакант дар кӯчаҳои Абулқосим Фирдавсӣ, Умари Хайём ва Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар масофаи 2300 метр ба маблағи 231982 сомонӣ хати оби нӯшокӣ гузаронида шуда, дар истгоҳи обтаъминкунӣ ду адад пойгоҳи тамғаи 6-НДВ таъмиру барқарор шуданд, ки таъмини оби нӯшокиро дар биноҳои баландошёнаи шаҳр беҳтар гардонидааст.

### 15.3 (15.4) Гузаронидани чорабиниҳо вобаста ба Даҳсолаи байналмилалии “Об барои рушди устувор, 2018-2028” дар маҳал ҷиҳати ҷалби сармоягузорон

Муайян карда шуд, ки дар доираи эълон гардидани даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028” мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳр ва ноҳияҳои вилоят санадҳои меъёрӣ ҳуқуқӣ ва нақша чорабиниҳои худро таҳия ва тасдиқ намудаанд.

Дар асоси нақша чорабиниҳои тасдиқнамудаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳр ва ноҳияҳои вилоят гузаронидани суҳбату вохуриҳо, семинарҳо ва конференсияҳо дар минтақаҳо дар ин самт ба роҳ монда шуда, корҳои тарғиботию ташвиқотӣ ва насби шиору овезаҳо ташкил гардидааст.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, КВД “Хоҷагии манзилию коммуналӣ” барои амалигардонии Барномаи беҳтар намудани таъмини аҳолии Ҷуҳурии Тоҷикистон бо оби тозаи нӯшокӣ барои солҳои 2007 – 2020 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.06.2006 с., №514) мусоидат намуда, ҷиҳати ҳалли пардохти қарзи оби ошомиданӣ тадбирҳои зарурӣ пешбинӣ намоянд.

### Беҳдошт ва дастрасӣ ба хизматрасониҳои коммуналӣ

### 15.5. Ҷорӣ намудани хизматрасониҳои коммуналӣ, низоми ҷамъоварии партовҳои сахти маишӣ дар шаҳру ноҳия, деҳот, ҳавасмандгардонии “Шуғли сабз”, вусъатдиҳӣ ва дастгирии давлатии низоми соҳибкорони экологӣ ва бозори хизматрасониҳои экологӣ

Дар миқёси вилоят 24 адад партовгоҳҳои марказӣ дар шаҳру ноҳияҳо мавҷуд аст, ки то имруз 18 адади он пурра ба расмият дароварда шудааст.

Ҳамзамон дар ҳудуди шаҳраку деҳотҳои вилоят 2227 - адад партовгоҳҳои муввақатӣ ташкил карда шудааст, ки 560 - адади он бо сертификати ҳуқуқи истифодабарии замин таъмин шудааст. Дар ин хусус тавсия дода шудааст, ки муассисаҳои махсуси партовкашон дар мувофиқа бо мақомотҳои назоратӣ баровадани партовҳои сахти маиширо аз соати 6 пагоҳӣ то соати 23 ба роҳ монанд. Партовҳои хатаранок бошад танҳо дар мавриди мавҷуд будани маҷмӯъи ҳуҷҷатҳои лозима ба монанди иҷозат барои кашонидани партовҳои хатарнок, шиносномаи партовҳои хатарнок ва бо воситаи нақлиёти махсус таҷҳизонидашуда интиқол дода мешавад.

Барои ҷорӣ намудани хизматрасониҳои коммуналӣ дар ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти шаҳру ноҳияҳои вилоят истифодаи натиҷаи Лоиҳаи «Идоракунии партовҳои сахти маишии шаҳри Бохтар» фаъолияти корхонаҳои “Хоҷагии манзилию коммуналӣ” чораҳои иловагӣ андешида шаванд.

### 15.6. Корҳои анҷомдодашуда дар доираи барномаҳои соҳавии мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ (дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳо) дар шаҳру ноҳия (дар асоси иҷрои ваколатҳои ММҲД ҚҶТ “Дар бораи ҳифзи муҳити зист” моддаи 10)

ҚҶТ “Дар бораи ҳифзи муҳити зист”

Моддаи 10. “Ваколати мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист”

Банди 2. Таҳия ва татбиқи барномаҳо ва нақшаҳои амал оид ба ҳифзи муҳити зист.

Вобаста ба иҷрои ваколатҳои мақомотҳои маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар қонуни мазкур пешбинигардида, дар ҳисоботҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳр ва ноҳияҳо маълумот омода карда нашудааст.

**Пешниҳод:** мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии Хатлон, Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, КВД “Хоҷагии манзилию коммуналӣ” барои амалигардонии лоиҳаи идоракунии партовҳои сахти маишӣ дар шаҳру ноҳияҳо, иҷрои ваколатҳои мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии дар ҚҶТ “Дар бораи ҳифзи муҳити зист” пешбинигардида ба ҳамоҳангсозии фаъолият тақвият дода шавад.

## 16. Таъмини устувори экологӣ

**Нишондодҳои пешакии таъмини устувори экологӣ бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, 16.1. (16.1, 16.2) Пешгирии ҳолатҳои фавқулодда, 16.2. (16.3) Коркарди партовҳо тибқи стандартҳои муқарраргардида, арзёби гардиданд.**

### 16.1. (16.1,16.2.) Пешгирии ҳолатҳои фавқулодда

### 16.1. Корҳои анҷомдодашуда оид ба рафти корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ, пешгирии фарсоиши (эрозияи) заминҳои кишоварзӣ ва ҷангалҳо,

Бояд қайд намуд, ки ҷиҳати пешгирии ҳолатҳои фавқулодда ва гузаронидани корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ дар асоси фармоиши Комиссияи давлатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳолатҳои фавқулодда №31/1- 4 аз 26 феврали соли 2019 ба 13 шаҳр ва ноҳияҳои вилоят 93000 литр сӯзишвории дизелӣ, 1050 тонна семент, 22,0 ҳазор метри квадратӣ симтур, 42,6 тонна арматураи қутраш 18 мм ва 3900 метр симтаноб ҷудо карда шудааст.

Ба ҳолати 9 апрели соли 2019, 85860 литр сӯзишвории дизелӣ, 548,0 тонна семент, 14,9 ҳазор метри квадратӣ симтур ва 42,6 тонна арматураи қутраш 18мм ба шаҳру ноҳияҳои вилоят ворид гардида, аз ҳисоби маводҳои ҷудогардида дар шаҳру ноҳияҳои вилоят 99084 метри мукааб корҳои заминӣ, 3340 адад тахтасангҳо, 5600 метри квадратӣ симтур хобонида шуда, 588,0 метр саддҳои ҳимоявии сойю дарёҳо барқарор ва мустаҳкам карда шудааст.

Дар робита ба нишондиҳандаи мазкур дар ноҳияи Восеъ корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ дар саддаи мавзеъи Ҷаврез (Сари Парон), Ҷамоати деҳоти ба номи А. Авазов соҳили дарёи Сурхоб дар масофаи 581 м, Ҷамоати деҳоти М. Вайсов дар соҳили дарёи Ёхсу мавзеъи Хоҷа Ғалтон 232 м, Ҷамоати деҳоти Гулистон дар соҳили дарёи Сурхоб саддаи мавзеъи Меҳробод дар масофаи 444 м, ноҳияи Муминобод тибқи кумаки Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин давра 2000 литр сузишвории дизелӣ, 500 $м^2$ симтур ва 200 метр симтаноб барои соҳилмустаҳкамкунӣ дар сойи Лангар Ҷамоати деҳоти Боғгаии ноҳия ҷудо карда шудааст.

Дар ноҳияи Темурмалик барои пешгирии офатҳои таббиӣ дар соҳилҳои дарёи Тоҳир дар ҳудуди Ҷамоати деҳоти Кангурт дар масофаи 500 метр ба маблағи 54,4 ҳазор сомонӣ, дар ҳудуди Ҷамоати деҳоти Қарақамиш дар масофаи 200 метр ба маблағи 57,4 ҳазор сомонӣ корҳои соҳилбандӣ ба анҷом расонида шуданд.

Дар ноҳияи Ш. Шоҳин дар асоси нақшаи кории тасдиқшуда давоми се моҳи соли 2019 масофаи 200 метр корҳои тоза намудани сойи Саричашма гузаронида шудааст. Маблағҳои барои гузаронидани корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ масрафшуда аз ҳисоби маблағҳои фонди швейтсарӣ "Каритас" масраф карда шудаанд. Дар ҳудуди ноҳия зиёда аз 1900 хонавода дар минтақаҳои хавфнок зиндагӣ мекунанд.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳия Ш. Шоҳин барои пешгирии ҳолатҳои фавқулодда ҷиҳати бехатар гардондани минтақаҳои хавфноки 1900 хонавода ҳамкорӣ бо мақомоти марказӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ тақвият бахшанд.

**16.3. Мавҷудият ва ба талаботи муқарраргардида ҷавобгӯ будани нуқтаҳои партовҳои маиши (полигон, свалка), ташкили супоридани лампаҳои симобдор ба нуқтаҳои коркард (Нақша - чорабиниҳо бахшида ба солҳои 2019-2021 "Соли рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳуна**рҳои мардумӣ");

Таҳлили маълумотҳо муайян намуд, ки дар миқёси вилоят 24-адад партовгоҳҳои марказӣ дар шаҳру ноҳияҳо мавҷуд аст, ки то имруз 18-адади он пурра ба расмият дароварда шудааст. Дар ҳудуди шаҳраку деҳотҳо 2227-адад партовгоҳҳои муввақатӣ ташкил карда шудааст, ки 560 - адади он бо сертификати ҳуқуқи истифодабарии замин таъмин шудаасту халос.

Ҳамзамон, дар шаҳру ноҳияҳои вилоят бо маблағгузориҳои худи ва буҷетҳои маҳалли 1630 адад нуқтаҳои қабули лампаҳои симобдори аз истифода баромада дар назди ташкилоту муассисаҳо, деҳаҳои калон ва маҳалаҳои аҳолинишин ташкил карда шудааст. Айни ҳол дар нуқтаҳои қабули КДФ "Хоҷагии манзилию коммуналӣ" ва Ҷамоату деҳотҳои шаҳру ноҳияҳои вилоят зиёда аз 224014 адад лампаҳо дар ҳолати хатарнок ва ташвишовар нигоҳ дошта мешаванд.

Инчунин, тибқи талаботи қарори дахлдор барои ташкили нуқтаҳои қабули лампаҳо бояд аз буҷети маҳалии шаҳру ноҳияҳо маблағҳо ҷудо карда мешуданд, аммо дар асл ба ин мақсад танҳо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои Ҷ.Балхи - 6000, Кушониён-1000, Дусти-2000, Хайҳун -6400, Панҷ-6000, Қубодиён-12060, Ёвон-5000, Н.Хусрав-500, Кулоб-5757, Хуросон-800, Левакант-7000, М.Ҳамадони 2000, Балҷувон-2500, Муминобод-1000 сомонӣ ҷудо кардаанд.

Дар давоми солҳои 2011- 2019 танҳо ноҳияҳои Кушониён ба миқдори 5000 адад, Ҷ. Балхӣ 4411 адад, Ёвон 8100 адад, Данғара 3461 адад ва шаҳри Норак 28000 адад ҷамъ 48972 адад лампаҳои симобдори аз

истифодабаромада барои безараргардони ба шаҳри Душанбе интиқол намудаанд.

**Пешниҳод:** мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, КВД "Хоҷагии манзилию коммуналӣ" барои ҷамъоварии лампаҳои каммасраф ва ташкили коркарди онҳо, пешгирӣ намудани ҳолатҳои фавқуллода ва ҳалли масъалаҳои аҳолии дар минтақаҳои хавфнок истиқоматдошта чораҳои амалӣ андешанд.

## 17. Рушди варзиш ва ҷавонон
## (банди 51-и паём)

**Нишондоди пешакии рушди варзиш ва ҷавонон бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ 17.1. Кор бо ҷавонон (Шумораи умумии ҷавонон), 17.2. Рафти иҷрои нақшаи даъвати ҷавонон ба хизмати ҳарбӣ, 17.3. Бунёди иншоотҳои варзишӣ, 17.4. Соҳаи варзиш ва машқҳои пагоҳирӯзӣ 17.5. Оммавигардонии варзиш арзёбӣ гардиданд.**

### 17.1. Кор бо ҷавонон (Шумораи умумии ҷавонон)

Шумораи умумии ҷавонон дар вилояти Хатлон 1083008 нафар буда, нисбат ба соли 2018, 2002 нафар зиёд мебошад, аз ҷумла 553817 нафар духтарон буда, нисбат ба соли 2018-ум 9089 нафар зиёд мебошад.

Нишондиҳандаи баланди ҷалби ҷавонон ба вазифаҳои роҳбарикунанда дар ноҳияи Қубодиён шумораи ҷавонони дар ҳайати роҳбарикунанда фаъолиятдошта 72 нафар ё 0,13% аз шумораи умумии ҷавонон (55316 нафар шумораи умумӣ), Муминобод 31 нафар, 0,10% (30208 нафар), ноҳияи Ёвон 125 нафар, 0,13% (96675нафар) ва ноҳияи Восеъ 79 нафар, 0,11% (69675 нафар) ба назар мерасад.

Дар боқимонда ноҳияи Н.Хусрав 12 нафар, 0,07% (12677 нафар), ноҳияи Шамсиддин Шоҳин 7 нафар, 0,04% (15751 нафар), ноҳияи Кӯшониён 22 нафар, 0,03% (18482нафар), ноҳияи Вахш 16 нафар, 0,03% (62000 нафар), ноҳияи А.Ҷомӣ 23 нафар, 0,04% (60176 нафар), ноҳияи Панҷ 16 нафар, 0,042% (42992 нафар), ноҳияи Мир Саид Алӣ Ҳамадонӣ 7 нафар, 0,01% (47000 нафар), шаҳри Кӯлоб 4 нафар, 0,006% (72000 нафар), ноҳияи Ҷайҳун 14 нафар, 0,002% (61473 нафар) ташкил медиҳад.

### 17.2. Рафти иҷрои нақшаи даъвати ҷавонон ба хизмати ҳарбӣ

Маълумот оид ба даъвати ҷавонон ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар ҳар нимсола ва солона пешниҳод карда мешавад.

### 17.3. Бунёди иншоотҳои варзишӣ

Дар вилоят ҷамъи умумии иншоотҳои варзишӣ 3958 адад мебошад, аз ҷумла 7 маҷмааи варзишӣ, 526 адад толори варзишӣ, 3103 адад майдончаҳои варзишӣ, 34 адад варзишгоҳ, вуҷуд доранд.

Дар вилоят бахшида ба ҷашни 30-юмин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қаламрави вилоят сохтмони 300

майдончаҳо ва 80 толори варзишӣ ба нақша гирифта шудаанд. Аз ин шумора, дар 3 моҳи аввали соли 2019 дар шаҳру ноҳияҳои Кӯлоб, Ёвон, Панҷ, Данғара, Ҳамадонӣ 2 ададӣ ва дар шаҳру ноҳияҳои Бохтар, Норак, Кӯшониён, А. Ҷомӣ, Ҷайҳун, Шаҳритуз, Восеъ, Қубодиён, Ҷ. Балхӣ ва Ховалинг 1 ададӣ дар маҷмуъ 20 майдонча бо саҳмгузории мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва соҳибкорон сохта ба истифода дода шуданд.

Ҳамчунин дар шаҳри Бохтар 1 маҷмааи варзишӣ, шаҳри Норак ва ноҳияи Ҷайҳун 1 ададӣ толорҳои варзишии замонавӣ бо ҷалби соҳибкорон бунёд карда шудааст.

### 17.4. Соҳаи варзиш ва машқҳои пагоҳирӯзӣ

Санаи 2 феврал маросими кушодашавии машқҳои пагоҳирӯзӣ таҳти унвони "Зебоӣ, тавоноӣ ва доноӣ аз варзиш аст" бо ҷалби ҷавонон, варзишгарон ва кормандони касбу кори гуногун дар маркази вилоят ва тамоми шаҳру ноҳияҳо доир гардид. Ҳамин тавр ҳар ҳафта рӯзҳои шанбе ин чорабинии оммавӣ-варзишӣ дар 30 майдону хиёбонҳои шаҳру ноҳияҳои вилоят баргузор гардида истодааст.

Дар натиҷа дар 3 моҳи аввали соли равон 264 маротиба машқҳои пагоҳирӯзӣ баргузор карда шуда, дар ин чорабиниҳои оммавӣ-варзишӣ беш аз 52607 нафар сокинони касбу кори гуногуни вилоят ва аз ин шумора 9431 нафар бонувон ҷалб гардиданд.

### 17.5. Оммавигардонии варзиш

Варзишгарони вилоят дар ин давра дар 12 мусобиқаҳои варзишии ҷумҳуриявӣ бо фарогирии 455 нафар варзишгарон ва аз ин шумора 108 нафар бонувон ширкат варзида, сазовори 53 медали тилло, 52 медали нуқра, 78 медали биринҷӣ ҳамагӣ 183 медал гардиданд.

Инчунин варзишгарони вилоят дар 5 мусобиқаҳои байналмилалӣ бо фарогирии 28 нафар варзишгарон ширкат варзида, 9 медали тилло, 5 медали нуқра ва 7 медали биринҷӣ ҳамагӣ 21 медал ба даст оварданд. Дар умум варзишгарони вилоят 62 медали тилло, 57 медали нуқра, 85 медали биринҷӣ ҳамагӣ 204 медал ба даст оварданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2018-ум 26 медал зиёд мебошад.

Дар шаҳри Бохтар дар се моҳи соли 2019 варзишгарони шаҳр дар 3 мусобиқаҳои ҷумҳуриявӣ ва 1 мусобиқаи байналмилалӣ иштирок намуда, 17 медал , ноҳияи Балҷувон дар мусобиқаҳои варзишии вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ иштирок намуда, сазовори 6 медал, ноҳия Муминобод дар 3 мусобиқаи минтақави вилояти ва 1 мусобиқаи ҷумҳуриявӣ ширкат варзида, сазовори 11 медал, ноҳияи Темурмалик дар мусобиқаҳои гуногуни варзишӣ аз ҷумла, ноҳиявӣ, минтақавӣ ва ҷумҳуриявӣ иштирок намуда, соҳиби 253 медал, ноҳияи Ҳамадонӣ дар 7 мусобиқаи сатҳи минтақавӣ иштирок намуда, соҳиби 39 медал, ноҳияи Ховалинг дар мусобиқаҳои варзишии вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ иштирок намуда, сазовори 3 медал, ноҳияи Қубодиён дар мусобиқаҳои байналмиллалӣ, ҷумҳуриявӣ ва вилоятӣ иштирок намуда, сазовори 29 медал ба даст оварданд, ки сатҳи муайяни рушди варзишро дар ин шаҳр ва ноҳияҳо иникос менамояд.

Дар шаҳру ноҳияҳои Норак, Левакант, Кӯшониён, Вахш, Қубодиён, Шаҳритус, Восеъ, Ҳамадонӣ, Хуросон, А. Ҷомӣ, Ёвон, Ҷайҳун, Панҷ, Ш. Шоҳин, Ховалинг, Ҷ. Балхӣ ва Муъминобод нарасидани биноҳои корӣ мушкилоти асосӣ ба ҳисоб рафта, ба ҳамкории мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин шаҳру ноҳияҳо бо Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вусъат бахшида шавад.

**Пешниҳод**: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он, Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҷалби бештари ҷавонон ба вазифаҳои роҳбарикунанда, ҷалби ташкилоту муассиса, соҳибкорон барои бунёди майдону толорҳои варзишӣ, ва фароҳам овардани заминаи баланд бардоштани оммавигардонии варзиш ва дастгирии ташаббуси мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе оид ба ташкили машқҳои пагоҳирӯзӣ, мусоидат намоянд.

## 18. Рушди соҳаи сайёҳӣ

**(банди 34, 36-и паём)**

**Нишондоди пешакии рушди соҳаи алоқа ва технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ аз нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, 18.1. Рафти иҷрои Нақшаи чорабиниҳои амалисозии стратегияи рушди сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, 18.2.(18.2, 18.3, 18.4) Фароҳам овардани шароит барои рушди соҳаи сайёҳӣ, арзёбӣ гардиданд.**

### 18.1. Рафти иҷрои Нақшаи чорабиниҳои ва корҳои анҷомдода ҷиҳати рушди инфрасохтори сайёҳӣ

Ҷиҳати амалишавии қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2018, № 372 дар бораи Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, қарори раиси вилояти Хатлон аз 30 августи соли 2018, №203 ба тасвиб расида, Раёсату идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои вилоят ҷиҳати иҷрои он чораҳои зарурӣ андешида истодаанд.

**18.2.(18.2, 18.3, 18.4) Фароҳам овардани шароит барои рушди соҳаи сайёҳӣ**

**(18.2) Корҳои анҷомдода ҷиҳати рушди инфрасохтори сайёҳӣ, зиёд намудани таъдоди ширкатҳои сайёҳӣ ва шумораи сайёҳон,**

Дар қаламравӣ вилоят 795 ёдгориҳои таърихӣ – фарҳангӣ, мавзеъҳои сайру саёҳат мавҷуд мебошанд, ки ҳамарӯза сайёҳон аз ин мавзеъҳо дидан менамоянд.

Ҳамзамон дар ҳудуди шаҳр ва ноҳияҳои вилоят 89 меҳмонхона, 51 ҳовмстей ва гестхаусҳо, 122 ташнобҳои сарироҳӣ, 57 адад мағозаи фурӯши армуғонҳо, 38 осорхонаҳо, 77 мавзеъҳои сайёҳӣ, 34 истироҳатгоҳу осоишгоҳҳо, 117 тарабхона, 229 банкоматҳои хизматрасониҳои бонкӣ фаъолият менамоянд, ки барои ҷалби сайёҳон шароитҳо фароҳам оварда шудааст.

Бо мақсади рушди инфрасохтори соҳаи сайёҳӣ, баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасонии муосири сайёҳӣ, дар ноҳияи Балҷувон 3 адад

меҳмонхона, 1 адад тарабхонаи муосир, хона барои сайёҳон дар мавзеи Ҳамровиёи Ҷамоати деҳоти Балҷувон, лагери истироҳатӣ дар деҳаи Сайтути Сари хосор, маркази хизматрасонӣ ва меҳмонхона барои сайёҳон дар мавзеи Пушти боғи Сари Хосор ба нақша гирифта шудааст, ки айни замон сохтмонашон идома доранд.

Шумораи ташрифи сайёҳон дар ин давра дар шаҳр ва ноҳияҳои Норак 8933, Бохтар 2199 (+249), Н. Хусрав 662 (+222), Муминобод 2075 (+102), Восеъ 1210 (+97), Леваканд 3859 (+33), Шоҳин 22, Қубодиён 1475 (+21), Шаҳритуз 1475 (+21), Кулоб 43 (+15), Хуросон 1503 (+3), нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта зиёд гардида, самаранокиии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимичти давлатии ин шаҳру ноҳияҳо дар таъмини нишондиҳандаи рушди сайёҳӣ ба назар мерасад.

Ҳамзамон ин нишондиҳанда дар ноҳияҳои Балҷувон 84 (-34), Вахш 85 (-434) нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта кам гардидааст, ки омузиши сабабҳои худро тақозо менамояд.

### 18.2. (18.3) Ташкили ба роҳ мондани муаррифии мавзеъҳои нодири сайёҳӣ ва таъсиси сомонаҳои интернетӣ

Барои муаррифии минтақаҳои сайёҳӣ дар самти туризми воридотӣ ва дохилӣ дар ҳудуди вилоят 12 хатсайрҳо фаъолият намуда, сайёҳонро ба минтақаҳои сайёҳи сафарбар менамоянд.

Ҳамчунин, ҷиҳати зиёд намудани теъдоди ширкатҳои сайёҳӣ ва шумораи сайёҳон дар вилоят 14 ширкатҳои сайёҳӣ, 10 ширкат дорои иҷозатнома (литсензия) - и Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият намуда истодаанд.

Аз ҷумла, ширкатҳои сайёҳии ҶДММ «Ориёи» дар шаҳри Кӯлоб, ҶДММ “Истироҳатгоҳи Пули Сангин” дар шаҳри Норак, ҶДММ “Сайёҳ асри 21”, ТҶ “Сайри ҷаҳон” дар шаҳри Бохтар, ҶДММ «Сари Хосор тревел», ҶДММ “Экспедитсияи Осиёи Марказӣ” дар ноҳияи Балҷувон, ҶДММ «Морхӯр», ҶДММ “Нодир Тур”, ТҶ “Муҳофиз” дар ноҳияи Шамсиддин Шоҳин, ва ҶДММ “Ховалинг Фрилэнд Эдвенчер” дар ноҳияи Ховалинг ва 4 ширкати дигар ҳуҷҷатҳои худро барои гирифтани иҷозатнома ба Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуда, дар самти сайёҳӣ фаъолият намуда истодаанд.

### 18.4. Таъсиси сомонаҳои интернетӣ ва маъмурӣ хизматрасонӣ сайёҳӣ дар вилояту шаҳру ноҳияҳо;

Вобаста ба муаррифии мавзеъҳои сайёҳии вилоят сомонаи интернетии соҳаи сайёҳӣ дар сатҳи вилоят бо се забон таъсис дода шуда, дар он маълумотҳои сайёҳии шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон, аксҳо, видеороликҳо, суроғаи меҳмонхонаҳо ва ширкатҳои сайёҳӣ дарҷ гардидааст.

Инчунин дар сомонаҳои иҷтимоии фесбук, инстаграм ва ютуб саҳифа таъсис додашуда, ҳамарӯза ахборотҳо дар самти сайёҳӣ ворид карда мешвад.

**Пешниҳод:** Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он барои фароҳам овардани шароит ҷиҳати ҷалби сармоягузорӣ, таҳияи лоиҳаҳои инвеститсионӣ, таъсиси

Ширкатҳои сайёҳӣ ва дақиқ ба роҳ мондани ба ҳисобгирии шумораи сайёҳони хориҷӣ мусоидат намоянд.

**19. Баробарии гендерӣ**
**(банди 49-и паём)**

**Нишондоди пешакии рушди соҳаи алоқа ва технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ аз нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, 19.1. (19.1) Иштироки занҳо дар ҳаёти ссиёсию ҷамъиятӣ, арзёбӣ гардиданд.**

**19.1. (19.1) Иштироки занҳо дар ҳаёти сиёсию ҷамъиятӣ**

**19.1Корҳои анҷомдода ҷиҳати таъин кардани занон ба мансабҳои роҳбарикунанда дар ҳамаи сохторҳои МИМҲД, шаҳру ноҳияҳо, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, аз ҷумла дар бонкҳо**

Шумораи умумии аҳолии қобили меҳнат дар вилоят 1 миллиону 864 ҳазору, 300 нафаро ташкил намуда, аз ин шумора 947 ҳазору 100 нафарашонро (50,5%) -ро занон ташкил медиҳад.

Аз шумораи 196 ҳазору 858 нафар занҳои коргар, 6 ҳазору 586 нафарашон дар вазифаҳои роҳбарикунанда кору фаъолият мекунанд, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта 1 ҳазору 70 нафар зиёд мебошад.

Дар ҳудуди шаҳр ва ноҳияҳои вилоят дар ин давра аз 2674 воҳиди кории хизматчиёни давлатии амалкунанда дар 450 воҳиди корӣ ё 17,3 фоизро занон ташкил намуда, аз ин шумора 172 нафар, 18,7 фоиз аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд дар вазифаҳои роҳбарикунандаи хизмати давлатӣ фаъолият намуда истодаанд.

**Пешниҳод:** мақомоти иҷроияи маҳаллӣ ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он, Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҷалби занҳо ба вазифаҳои роҳбарикунанда, ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоид фаъолияти ҳамоҳангсозиро тақвият бахшанд.

**20. Маълумот оид ба ҳолати кор дар самти иттиҳодияҳои динӣ:**

**20.1. Маълумот оид ба ташкилотҳои динии дар шаҳраку деҳот фаъолиятдошта; 20.2. Фаъолияти иттиҳодияҳои динӣ дар самти дастгирии қишрҳои осебпазири аҳолӣ (Нусха аз Протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.11.2018 с., №12 банди 19);**

Дар ҳудуди шаҳру ноҳияҳои вилоят дар маҷмуъ 1734 адад масҷидҳо, аз ҷумла 19 адад масҷиди ҷомеи марказӣ, 118 адад масҷиди ҷомеъ ва 1592 адад масҷидҳои панҷвақта, 5 адад масҷидҳои панҷвақта, ки бо тариқи истисно хондани намози ҷумъа дар онҳо иҷозат дода шудааст, 1 адад ҷамоатхонаи исмоилия дар ноҳияи Ҷайҳун ва 14 адад ташкилотҳои ғайриисломӣ, дар маҷмуъ 1749 адад иттиҳодияҳои динӣ дар асоси оинномаҳо ва низомномаҳояшон фаъолият карда истодаанд.

Аз ҷониби иттиҳодияҳои динии вилоят бошад ба хона-интернатҳо, маъюбону барҷомондагон, кӯдакони ятиму бепарастор, пирони яккаву танҳо, хонаҳои бачагон, ниёзмандон кӯмакҳои моддию молиявӣ (равған, гӯшт, орд ва дигар маводи хӯрока) ба маблағи 467 ҳазору 167 сомонӣ расонида шудааст.

Мавриди зикр аст, ки аз тарафи иттиҳодияҳои динии шаҳру ноҳияҳои вилоят 11 ҷуфт тӯйи домодиву арусӣ хайриявӣ ва 107 нафар хатнасури хайриявӣ наврасон аз оилаҳои эҳтиёҷманд дар арафаи иди байналмиллалии Наврӯз гузаронида шуда, ба онҳо сару либос, дучархаҳо ва маблағҳои пулӣ ҷиҳати дар доираи оила баргузор намудани хатнасур туҳфаҳо расонида шуд.

**Пешниҳод**: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он, Кумитаи оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои иҷрои супориши Нусха аз Протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.11.2018 с., №12 банди 19 ҳамкориҳоро вусъат бахшанд.

## 21. Рушди соҳаи хизматрасониҳои пулакӣ

**Нишондодҳои пешакии рушди соҳаи хизматрасониҳои пулакӣ бо нишондиҳандаҳои 21.1. Афзоиши ҳаҷми хизматрасониҳои пулакӣ, 21.2. Баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои коммуналӣ арзёбӣ гардиданд.**

### 21.1. 21.2. Афзоиши ҳаҷми хизматрасониҳои пулакӣ

Дар моҳҳои январ-марти соли 2019 ҳаҷми хизмати пулакӣ, ки ба аҳолии вилоят ҳамаи соҳаҳои хизматгузор расондаанд 495191,8 ҳазор сомониро ташкил додааст, ки нисбат ба моҳҳои январ-марти соли 2018 бо нархҳои муқоисавӣ 2,4% зиёд гардидааст.

Аз ҷониби муассисаҳои бонкии вилоят дар соли 2019 ба маблағи 118 млн. сомонӣ қарз дода шудааст, ки нисбат ба соли 2018 12,2 млн. сомонӣ зиёд ё 11,5% - ро ташкил медиҳад.

Нишондиҳандаи баланди афзоиши ҳаҷми хизматрасониҳои пулакӣ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар шаҳру ноҳияҳои Леваканд 141,7% (+2775,5 ҳаз. сомонӣ), Бохтар 111,1% (+9385,5 ҳаз. сомонӣ), Кушониён 107,6% (+2996,3 ҳаз. сомонӣ), Ҳамадонӣ 103,7% (+717,4 ҳаз. сомонӣ), Темурмалик 103,4% (+282,3 ҳаз. сомонӣ), Кӯлоб 103% (+1315,1 ҳаз. сомонӣ), Данғара 102,5% (+510,4 ҳаз. сомонӣ), Шаҳритуз 102,5% (+5,3 ҳаз. сомонӣ), Вахш 102,1% (+504,4 ҳаз. сомонӣ), А.Ҷомӣ 101,2% (+0,3 ҳаз. сомонӣ) Ҷ.Балхӣ 101,3% (+341,4 ҳаз. сомонӣ), Панҷ 101,6% (+243,4 ҳаз. сомонӣ), Ҷайҳун 100,5% (+329,9 ҳаз. сомонӣ), Қубодиён 100,2% (+342,8 ҳаз. сомонӣ), Н.Хисрав 100,7% (+32,8 ҳаз. сомонӣ), Хуросон 100,7% (+99,8 ҳаз. сомонӣ), Балҷувон 100,9% (+78,4 ҳаз. сомонӣ) Муъминобод 100,7% (+225,8 ҳаз. сомонӣ), таъмин карда шуда, ба рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳо таъсири мусбӣ расонидааст.

Коҳиш ёфтани сатҳи хизматрасониҳои пулакӣ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар шаҳри Норак 96% (-254,8 ҳаз. сомонӣ) ва ноҳияҳои Ёвон 97,9% (-0,7 ҳаз. сомонӣ) ва Ш.Шоҳин 99,3% (-44,4 ҳаз. сомонӣ) ба назар расида, масъули соҳаро зарур аст, ки нисбати масъалаи мазкур чораҳои зарурӣ андешанд.

**Пешниҳод:** мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳо дар якҷоягӣ бо дигар вазорату идораҳои дахлдор ҷиҳати дуруст ба ҳисоб гирифтани хизматрасониҳои пулакӣ зиёд намудани намудҳои хизматрасониҳои пулакӣ ва дастрасии аҳолӣ бо қарзҳои бонкӣ чораҷӯи намоянд.

## 22. Таҳкими тартиботи ҳуқуқӣ

**Нишондодҳои пешакии таҳкими тартиботи ҳуқуқӣ бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, 22.1. Тамоюли ҷиноятҳои ба қайд гирифта ва ошкоршавии онҳо, 22.2 Ҳолатҳои худкушӣ (суитсид), 22.3(22.3, 22.4) Шумораи ҷиноятҳое, ки аз тарафи ҷавонон содиршуда ва шомилшавиии онҳо ба ҳаракатҳои ифротгароӣ ва тундрав, 22.4 (22.5) Корҳои анҷомдодашуда оид ба пешгирии сар задани ҷиноятҳо арзёбӣ гардиданд.**

### 22.1.Ҷиноятҳои бақайдгирифташуда, дар алоҳидагӣ бо намуди онҳо, аз ҷумла ошкоршавии онҳо

Дар семоҳаи аввали соли 2019 дар миқёси вилоят дар ҳамаи самтҳо 1408 (2018-1454) ҷиноят бақайд гирифта шудааст, ки нисбат ба соли гузашта 46 адад кам шудааст.

Ошкоршавии ҷиноятҳо дар се моҳаи аввали соли 2019- 1138 ададро ташкил дода нисбат соли гузашта (2018-1137) 1 адад ошкорнамоии ҷиноятҳо зиёд шудааст.

Зиёдшавии ҷиноятҳо дар шаҳру ноҳияҳои Ва+6 (67) А.Ҷомӣ +15 (46), Шаҳритуз +36 (94), Қубодиён +33(77), Дӯстӣ +18 (59), Кӯшониён +36 (58), Хуросон +9 (54 ), Левакант + 31 (46), Носири Хусрав +20 (55), Ш.Шоҳин +13 (29) нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ҷиноят бештар ошкор ва ба қайд гирифта шудааст, ки барои пешгирии тамоюли зиёдшавии он тадбирҳои зарурӣ пешбинӣ карда шавад.

### 22.2 Ҳолатҳои худкушӣ (суитсид)

Дар семоҳаи аввали соли 2019 шумораи ҳолатҳои худкушӣ (суитсид), аз ҷумла аз ҳисоби занон 18 (-2), (худкушӣ 12, суиқасд ба ҷон 6) ва ҷавонон 10 ( +2), (худкушӣ 10) ба қайд гирифта шудааст.

Бинобар ин мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят ва ин шаҳру ноҳияҳо ҳамкориро оид ба корҳои тарғиботию ташвиқотӣ, бо сохторҳои қудратӣ, ҷомеаи шаҳрванди зичтар намуда, барои бартараф намудани сабабҳои иҷтимоию иқтисодии он тадбирҳои заруририро пешбинӣ намоянд.

### 22.3 (22.3, 22.4) Шумораи ҷиноятҳое, ки аз тарафи ҷавонон содиршуда ва шомилшавиии онҳо ба ҳаракатҳои ифротгароӣ ва тундрав

Содир намудани ҷиноятҳо аз тарафи ҷавонон дар семоҳаи соли 2019-352 (2018-339), дуздӣ 109 (2018-109), ғоратгарӣ 3 (2018-3), ҷиноятҳо вобаста ба маводи мухаддир 7 (2018-8), куштор 0 (2018-2), таҷовуз ба номус 0 (2018-3), моддаи 239 2 (2018-1), роҳзанӣ 0 (2018-2) ва дигар намуди ҷиноятҳо 231 (2018-211) ошкор ва ба қайд гирифта шудааст.

Аз шумораи умумии ҷиноятҳо аз тарафи ҷавонон содиршуда 11 адад ба ноҳияи Вахш ва 1 адади ба ноҳияҳои Муминобод ва Н.Хусрав рост меоянд.

**Пешниҳод**: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он, барои иҷрои ваколатҳои Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ” оид ба таҳкими тартиботи ҳуқуқӣ ва пурзӯр намудани мубориза ба зидди ҷинояткорӣ, ҳамоҳангсозии фаъолиятро бо

шуъбаҳои Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳру ноҳияҳои вилоят тадбирҳои иловагӣ андешанд.

**23. Маълумот оид ба иҷрои вазифаҳои нақшаи чорабиниҳои сафарҳои кории Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон: 23.1. Маълумот оид ба натиҷаи сафарҳои кории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, рафти иҷрои дастуру супоришҳо ва нақша чорабиниҳое, ки ҳангоми сафари корӣ тасдиқ гардида, иҷроишашон дар соли 2019 (солҳои ) муайян шудаанд.**

Дар соли 2018 аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба вилоят се сафари корӣ анҷом дода шуда, дар асоси дастуру супоришҳои зимни ин сафарҳо баёнгардида нақшаи чорабиниҳои ҷумҳуриявӣ дастрас гардида, дар асоси он нақшаи чорабиниҳои вилоятӣ таҳия ва ба масъулин барои иҷро дастрас гардидааст.

1. Зимни сафари аввал санаҳои 1-2 июни соли 2018 Сарвари давлат ба ноҳияҳои Темурмалик ва Данғараи вилояти Хатлон ташриф оварда, дар ифтитоҳи як зумра иншоотҳои ҷашнии таъйиноти истеҳсолию иҷтимоӣ ширкат варзиданд. Дар асоси дастуру супоришҳои зимни ин сафар баёнгардида нақшаи чорабиниҳо иборат аз 37 банд аз Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид гардида, дар асоси он нақшаи чорабиниҳои вилоятӣ таҳия ва ба масъулин ҷиҳати таъмини иҷро дастрас карда шудааст.
2. Ҳангоми сафари дуюми корӣ ба ноҳияи Ёвони вилояти Хатлон санаи 6 сентябри соли 2018 аз ҷониби Пешвои миллат ба масъулон ҷиҳати таъмини рушди босуботи иҷтимоию иқтисодии ноҳия дастуру супоришҳои мушаххас дода шуда, дар асоси ин супоришҳо нақшаи чорабиниҳои ҷумҳуриявӣ иборат аз 23 банд ворид гардида, дар асоси он нақшаи чорабиниҳои вилоятӣ таҳия ва ба масъулон ирсол карда шудааст.
3. Дар асоси нақшаи чорабиниҳои ҷумҳуриявӣ иборат аз 21 банд, ки бо назардошти дастуру супоришҳои аз ҷониби Сарвари давлат зимни сафари сеюм ба ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон 5 ноябри соли 2018 баёнгардиданд, нақшаи чорбиниҳои вилоятӣ омода ва барои иҷро ба масъулон дастрас карда шудааст.

Бояд зикр намуд, ки дар ҳисоботи пешниҳоднамудаи аксар шаҳру ноҳияҳо маълумотҳо доир ба рафти иҷрои нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар ҷараёни сафарҳои корӣ ба шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон баён доштанд, номукаммал буда, минбаъд зимни пешниҳоди ҳисобот ба таври шакли намунавӣ масъалаи мазкур ба инобат гирифта шуда, маълумотҳо мукаммал, возеҳ ва ба ҳар банди нақшаи чорабиниҳо дақиқ пешниҳод карда шаванд.

**Пешниҳод:** Бо мақсади таъмини сифатноки Нақша – чорабиниҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он, мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатии дахлдор барои таъмини иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми сафарҳои корӣ, ки муҳлати иҷроишашон мувофиқи Нақша чорабинӣ дар соли 2019 пешбинӣ гардидааст ва таъмини иҷрои супоришҳоро, ки муҳлати иҷроишашон ба таъхир гузошта шудааст, чораҳои зарурӣ андешанд.

**23.2. Рафти иҷрои камбудиҳое, ки аз ҷониби гурӯҳҳои кории Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018 дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ошкор карда шудаанд.**

Рафти иҷрои супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президент Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 феврали соли 2018, №10/1 ва аз 20 феврали 2018, №324/10-50 оид баислоҳи пурраи камбудиҳое, ки аз ҷониби гуруҳи кории Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми сафарҳои корӣ ба минтақаҳои ҷумҳурӣ муайян гардиданд, чунин мебошад.

Дар маҷмӯъ аз ҷониби гуруҳи кории Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи бандҳои камбудҳои ошкор гардида 21 ададро ташкил карда то ин давра 4 банди он, бандҳои 3, 4, 7, ва 9 ислоҳ нагардидаанд:

**Банди 3.** Дастури Президенти кишвар ҷиҳати таҷдиди гармхонаҳои шаҳри Норак ва ба Ангишт гузаронидани гармидиҳии он то ҳол аз тарафи масъулин бе иҷро мондааст.

**Пешниҳод:** мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Норак супориши мазкурро дар мадди назар гузошта барои иҷрои он чораҳои амалӣ андешанд.

**Банди 4.** Дар ноҳияи Темурмалик аҳолӣ аз норасоии оби нӯшокӣ танқисӣ доранд.

Сохта ба истифода додани бинои чойхонаи замонавӣ дар боғи Дустии деҳоти Қарақамиш ҳалли худро наёфтааст.

**Пешниҳод:** мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Темурмалик дар ҳамкорӣ бо Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон КВД "Хоҷагии манзилию коммуналӣ " ва Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати иҷрои масъалаи мазкур чораандешӣ намоянд.

**Банди 7.** Дар шаҳри Леваканд муассисаи томактабӣ барои 280 нафар бинобар ёфт нашудани талабгор дар байни аҳолӣ фаъолият намекунад.

**Пешниҳод:** мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Леваканд ва ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳоти онро зарур аст, ки ҷиҳати ҷалби талабгорон ба муассисаи томактабӣ корҳои тарғиботию ташвиқотиро ташкил намуда, шароити мусоидро барои фаъолияти муассисаи томактабӣ фароҳам оваранд.

**Банди 9.** Дар муассисаҳои таълимию тарбиявии шаҳри Кулоб нарасидани мизу курсӣ ва дар ду се баст таҳсил намудани хонандагон ҷой дорад.

**Пешниҳод:** мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Кулоб дар ҳамкорӣ бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ҳалли масъалаи мазкур ба ҳамкориҳо тақвият бахшида, барои ислоҳи он чораҷуӣ намоянд.